Давлат барои ҳар шахс имконият медиҳад, ки озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷодӣ, бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад, моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун қарор дорад.

Фаъолияти эҷодӣ ва илмӣ ҳамчун қисми таркибии фаъолияти руҳии инсон – ба вуҷуд овардани навоварӣ мебошад. Эҷодиёт ва фаъолияти илмӣ бо лаёқатмандӣ алоқаи зич дорад. Давлат барои боз ҳам мукаммал гардонидани дониши таълимгирандагон шароит муҳайё месозад ва кафолати ҳуқуқи шахсро ба таҳсил таъмин менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама вақт саъю кӯшиш мекунад, ки насли наврас бояд дар руҳияи муҳаббат ба ватан, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ, пос доштани расму оин ва анъанаҳои миллӣ тарбия ёбад. Ҳамзамон, мутобиқи

[14]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2024, № 2049 «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024, №5-6, мод.250.

моддаи 23-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» барои шахсони дар муассисаҳои тарбиявӣ ва ислоҳӣ қарордошта, роҳбарияти чунин муассисаҳо якҷоя бо мақомоти идоракунии маориф уҳдадор аст, ки барои гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ, тайёрии касбӣ ва ҳамчунин, худомӯзии онҳо шароит муҳайё намоянд.

Субъектони раванди таълимие, ки аз оилаҳои камбизоатанд ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбии давлатӣ дар асоси шартнома таҳсил менамоянд ва имтиҳонҳои ҷориро бо баҳои хубу аъло месупоранд, метавонанд ба гурӯҳҳои таҳсили ройгон гузаронида мешаванд. Ҳамчунин, дигар он донишҷӯёне, ки бемории маъюбии гурӯҳи I ва II доранд ё бепарасторанд новобаста ба натиҷаи таҳсил стипендияи давлатии академӣ пардохт карда мешавад.

Ба хонандагон ва донишҷӯёни дорои рафтори намунавие, ки муассисаҳои таълимиро бо баҳои аъло хатм кардаанд, ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии махсус-аттестати (шаҳодатномаи) универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати (шаҳодатномаи) аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра дипломи аъло бо нишони аълочӣ дода мешавад ва донишҷӯёне, ки муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбиро бо дипломи аъло бо нишони аълочӣ хатм кардаанд, дар интихоби ҷойи кор озоданд ва барои дохилшавӣ ба аспирантура бе навбат роҳ дода мешаванд.

Дар баробари ин, таълимгирандагони муассисаҳои таълимии давлатиро бо стипендияҳо, ёрдампулӣ, хобгоҳ, ёрии тиббию солимгардонӣ ва дигар ёрии моддӣ таъмин менамояд. Барои хонандагон ва донишҷӯён ҳангоми таълим ва таҷрибаомӯзии касбӣ ва тартиби муқарраршуда бо ҷои кор, шароити бехатарии меҳнат ва дар асоси шартнома бо музди меҳнат таъмин мегарданд.

Мувофиқи моддаи 41-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар як шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад.

Дар асоси моддаи 41-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадем, ки ҳуқуқ ба таҳсил шарти мавҷудияти шоистаи шахс дар оила, ҷомеа ва давлат мебошад. Яъне имконияти иҷтимоии фаъоли шахсият, талаботи эътирофи эҳтиёҷоти зеҳнӣ, эҷодӣ ва касбии шахс, инчунин кафолати ҷомеа ва давлати пешрафта, устувор ва шукуфон шуда метавонад.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими умумии асосӣ ҳатмӣ мебошад, дастрасии умумӣ ва ройгони таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоии умумӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин ба таври ройгон гирифтани маълумоти олиро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Дар заминаи меъёрҳои конститутсионӣ ва стандартҳои байналхалқӣ дар соҳаи маориф, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои дигари меъёрии

ҳуқуқӣ, ки ҳамзамон кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсилро дар сатҳи миллӣ мукаммал мегардонданд, қабул гардидааст. Ин навъ қонунгузории дохилӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии рушди маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд ва сохтори низоми маориф, усулҳои танзими он, танзим, салоҳият ва самти асосоҳои онро муқаррар намуда, ҳамчунин базаи ҳуқуқии асноди дигари меъёрӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад[15].

Ҳуқуқ ба таҳсил дар системаи ҳуқуқи инсон ҷои махсусро ишғол мекунад, хусусияти серсоҳаи он бо аҳаммияти иҷтимоии соҳае, ки дар он мавҷуд аст, шарҳ дода мешавад. Чунон ки В.М. Сирих, қайд мекунад, маориф дар байни дигар институтҳои иҷтимоӣ мавқеи пешбарандаро ишғол намуда, худро торафт бештар ҳамчун соҳаи татбиқи қуввахои эҷодкортарин, зеҳнитарин қисми ҷамъият нишон медиҳад[16].

А.И. Имомов ҷанбаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсилро таҳлил намуда, доир ба мавқеи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъкид медорад, ки ҳуқуқ ба таҳсил аз зумраи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд ба насли дуюми ҳуқуқу озодиҳо шомил буда, дар рушди маънавии инсон нақши калидӣ дорад[17].

А. М. Диноршоҳ, ки дар бахши ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд кор ва таҳлилҳо гузаронидааст, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро вобаста ба хусусият ва муҳимияташон гурӯҳбандӣ намуда, дар ин таҳлилҳо ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун ҳуқуқи фарҳангии инсон ва шаҳрванд маънидод карда, онро дар гурӯҳи дуюми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷой додааст[18].

Ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун ҳуқуқи иҷтимоӣ пурра муаррифӣ кардан мумкин аст, ки он имконияти гирифтани таҳсилоти сатҳу самтҳои гуногунро аз ҷониби ҳар як шахс дар қаламрави давлат ифода мекунад. Ин ҳуқуқ бо мавҷудияти инфрасохтори мукаммали таълимӣ, системаи дастгирии иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии таълимӣ, кумаки давлат дар татбиқи намудҳои алоҳидаи барномаҳои таълимӣ ва гирифтани маълумот аз ҷониби категорияҳои алоҳидаи хонандагон кафолат дода мешавад.

Давлат шаклҳои гуногуни таълим ва худомӯзиро дастгирӣ намуда, ташкилотҳои таълимии навъҳои гуногунро ташкил ва мусоидат мекунад, фаъолияти онҳоро бо захираҳои моддию техникӣ таъмин менамояд, кадрҳои педагогиро ба фаъолияти касбӣ тайёр мекунад.

[15] Ниг.: Диноршоев А.М. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С. 167.
[16] Сырых В.М. Введение в теорию образовательного права. – М.: Центр образовательного законодательства Минобразования России, 2002. – С. 39.
[17] Имомов А. И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе – 2012. – С 234-235.
[18] Диноршоев А.М. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе: ЭР- граф, 2018. – С. 167.

Мувофиқи моддаи 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад.

Давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими ҳатмии умумии асосии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ, инчунин дар доираи фармоишҳои давлатӣ дар асоси озмун ройгон гирифтани таҳсилотро дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот кафолат медиҳад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои интихоби муассисаи таълимӣ ва шакли таҳсилот: рӯзона, шабона, ғоибона, оилавӣ, фарогир, фосилавӣ ва экстернат ҳуқуқ доранд.

Давлат дар муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ як маротиба гирифтани таълими ройгонро кафолат медиҳад.

Давлат таълимгирандагони болаёқатро дастгирӣ намуда, ба таҳсилоти онҳо кумак мерасонад, аз рӯи натиҷаи таълим барояшон стипендияҳои махсуси давлатӣ муқаррар менамояд ва ҳангоми зарурат онҳоро барои таҳсил ба хориҷа мефиристад.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо шаҳрвандон метавонанд иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии таълимӣ гарданд, балки ҳар як шахсе, ки дар қаламрави давлат ҷойгир аст, метавонад иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии таълимӣ гардад. Давлат аз принсипҳои асосии сиёсати соҳаи маориф, таъмини ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсилот, роҳ надодан ба табъиз дар соҳаи маориф, инчунин дар назди худ вазифа мегузорад, ки барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои гирифтани таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам оварад. Маҳз тарбия омили муайянкунандаи ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқии шахс, яъне ҳама чизест, ки ӯро ҳамчун шахсият ташкил медиҳад.

Шахс бо амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил соҳиби як қатор ҳуқуқҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ мегардад, ки дар натиҷаи муносибатҳои ҳуқуқии таълимӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан, ҳуқуқи иштирок дар идоракунии ташкилоти таълимӣ, озодии иттилоот, озодона баён кардани ақида ва эътиқоди худ, ҳуқуқи иштирок дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи иштирок дар муҳокимаи масъалаҳо ба фаъолияти ташкилоти таълимӣ вобастагидошта ва ғайра.

Системаи маориф яке аз соҳаҳои муҳими давлат аст. Ва ин низом дар бисёр мавридҳо на танҳо масъалаҳои таълим, балки дар навбати аввал масъалаҳои тарбияи шаҳрвандро низ ҳал мекунад[19].

[19] Аксенова Д.А. Образовательное право учебное пособие для бакалавров. – Москва. 2006. – С. 52.

Давлат бо мақсади рушди соҳаи маориф ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ , мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро таъмин менамояд. Тағйироти куллие, ки дар ҷаҳон дар робита бо пешрафти босуръати илму техника, таҷдиди сохтори истеҳсолӣ, тағйир додани тарзи зиндагӣ, ихтироъ ва кашфиёт, пайдоиши шабакаҳои сершумори иттилоот ба вуқуъ мепайванданд, аз соҳаҳои маориф ва илм вобастагии амиқ доранд. Маълум аст, ки муҳимтарин шарти самарабахши таълим давлат аст.

Ҳамин тавр, тағйироти куллие, ки дар ҷаҳон дар робита бо пешрафти босуръати илму техника, ихтироъ ва кашфиёт, пайдоиши шабакаҳои сершумори иттилоот ба вуқуъ мепайванданд, аз соҳаҳои маориф ва илм вобастагии амиқ доранд ва ҳамаи ин натиҷаи таълиму тарбия арзёбӣ мегардад.

АДАБИЁТ:

1. Аксенова, Д.А. Образовательное право [Текст]: учебное пособие для бакалавров / Д.А. Аксенова. – Москва. 2006. – 201 с.

2. Диноршоев, А.М. Ҳуқуқи инсон [Матн] / А.М. Диноршоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 250 с.

3. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе, 2012. – 496 с.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (моддаи 41) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 64 с.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №1004 «Дар бораи маориф» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №7, мод. 532.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2024, № 2049 «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024, №5-6, мод.250.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Манбаи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ: https://www.president.tj (Санаи муроҷиат. 12.06.2025).

8. Сырых, В.М. Введение в теорию образовательного права [Текст] / В.М. Сырых. – М.: Центр образовательного законодательства Минобразования России, 2002. – 340 с.

9. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Манбаи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ: https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/1-E-lomiyai-umumii-huquqi-bashar.pdf (санаи муроҷиат. 12.06.2025)

ПРАВО НА ОБРАЗОВАНИЕ КАК КОНСТИТУЦИОННАЯ ЦЕННОСТЬ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

Ключевые слова: цель образования; уровни профессионального образования; право на образование; интеллектуальные потребности; государство; закон; права; человек; свобода; образование; обучение; воспитание; знание; творчество; наука; изобретение; развитие; опыт; общее среднее образование.

Аннотация: Авторы статьи проанализировали один из актуальных вопросов конституционного права – право на образование как конституционную ценность. Подчеркивается, что право на образование в системе прав и свобод человека является одним из важнейших социальных прав человека и необходимо для развития личности, повышения уровня жизни и его активного участия в жизни общества. При этом представлены различные мнения учёных и исследователей о необходимости образования, воспитания общества и развития мышления учащихся.

Мирзозода Шахло Джума – кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры права факультета истории и права Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. **Тел.:** (+992) 501-19-90-60.

Каримова Гулнисо Таибовна – соискатель третьего года кафедры права факультета истории и права Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. **Тел.:** (+992) 501-19-90-60.

THE RIGHT TO EDUCATION AS A CONSTITUTIONAL VALUE: A THEORETICAL ANALYSIS

Keywords: purpose of education; levels of professional education; right to education; basic general education; intellectual needs; state; law; rights; person; freedom; education; training; upbringing; knowledge; creativity; science; invention; development; experience; general secondary education.

Annotation: The authors of the article analyzed one of the topical issues of constitutional law - the right to education as a constitutional value. It is emphasized that the right to education in the system of human rights and freedoms is one of the most important social human rights and is necessary for the development of the individual, raising the standard of living and his active participation in the life of society. At the same time, various opinions of scientists and researchers on the need for education, upbringing of society and development of students' thinking are presented.

Mirzozoda Shakhlo Juma – candidate of legal science, senior lecturer at the department of law, faculty of history and law, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. **Phone:** (+992) 501-19-90-60.

Karimova Gulniso Taibovna – third-year applicant at the department of law, faculty of history and law, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. **Phone:** (+992) 501-19-90-60.

II. ИЛМҲОИ ОММАВӢ-ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ-ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5.1.2); ПУБЛИЧНО-ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.2); PUBLIC LAW (STATE LAW) SCIENCES (SPECIALITY: 5.1.2)

ҶАМШЕДЗОДА Ҷамшед Назаршо,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Тел.: (+992) 934-59-36-36.

УДК: 342.8

ИНТИХОБОТИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ВА МАҶЛИСҲОИ МАҲАЛЛИИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ: МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

Калидвожаҳо: интихобот; давлати демократӣ; Маҷлиси намояндагон; Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ; номзад ба вакилӣ; комиссияҳои интихоботӣ; гарави интихоботӣ; ҳавзаи интихоботӣ; участкаи интихоботӣ; шахсони боэътимод; ташвиқоти пешазинтихоботӣ; Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур яке аз падидаҳои муҳими сиёсиву ҳуқуқӣ интихоботи Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф иброз медорад, ки интихобот ҳамчун раванди сиёсиву ҳуқуқӣ ва падидаи муҳими демократияи бевосита, дар ташаккули ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ нақши калидӣ дорад.

Қайд гардидааст, ки баргузории интихоботҳои демократию озод пеш аз ҳама аз низоми интихоботии давлат вобастагӣ дорад ва дар давлати демократӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон воқеан бевосита амалӣ мешаванд. Дар ин радиф низоми интихоботии Тоҷикистон дар даврони соҳибихтиёрӣ аз нав ташаккул ва таҳким ёфта, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуд.

Интихобот ҳамчун раванди сиёсиву ҳуқуқӣ ва падидаи муҳими демократияи бевосита, дар ташаккули ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ нақши калидӣ дорад.

Мусаллам аст, ки ҳар як давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд тасмим мегирад, ки дар ҷомеа шароите муҳайё созад, то ҳуқуқу озодиҳои инсон воқеан бевосита амалӣ шаванд. Дар ин радиф Тоҷикистон дар тайи солҳои

соҳибихтиёрӣ низоми интихоботии нави худро бунёд кард, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ буда, яке аз дастовардҳои назарраси кишвари мо ба ҳисоб меравад. Баргузории интихоботҳои демократию озод пеш аз ҳама аз низоми интихоботии давлат вобастагӣ дорад.

Бо фармони Президенти мамлакат аз 4-уми декабри соли 2024 интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ рӯзи 2-юми марти соли 2025 таъин гардид[20].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати шаффоф ва озод баргузор намудани ин маъракаи муҳими сиёсӣ зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд: «Интихоботи дарпешистода бояд тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофу озод ва дар сатҳи баланд баргузор гардад ва интихобкунандагон номзадҳои арзандаи худро интихоб намоянд»[21].

Интихобот муҳимтарин падидаи демократия буда, маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиест, ки дар алоқамандӣ бо ташаккули мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон оид ба интихобкунӣ ва интихобшавӣ ба вуҷуд меояд. Қисми муҳимтарини ин муносибатҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқи интихобот ба танзим дароварда мешавад[22].

Интихоботи озод, ки дар он халқ иродаи сиёсии худро амалӣ намуда, сохтори конститутсионии давлатро муайян менамояд, ҷузъи муҳимтарини низоми боздорӣ ва мувозина дар давлати муосири демократӣ маҳсуб меёбад[23].

Асосҳои ҳуқуқии интихоботи Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, зеро меъёрҳое, ки дар Конститутсия муқаррар гардидаанд принсипҳои умумии ҳуқуқи интихоботиро муайян карда, заминаи муҳим барои қабули дигар қонунҳои интихоботӣ муҳайё намудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботро баробари раъйпурсӣ ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ дониста, ҳамзамон он яке аз шаклҳои эътимодноки амалӣ гардонидани соҳибихтиёрии халқ маҳсуб меёбад. Меъёрҳои калидии Конститутсия дар бораи интихобот, ки дар бобҳои гуногуни он ҷой доранд, дар робита бо моҳияти демократии давлат тавъам

[20] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъини интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз 4 декабри соли 2024,№882. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://prezident.tj/event (Санаи муроҷиат 14.02.2024).

[21] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 28.12.2024. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://prezident.tj/event/missives/49225 (Санаи муроҷиат 18.02.2024).

[22] Ниг.: Имомов А. И. Интихобот ва парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2001. – С. 25.

[23] Ниг.: Гадоев Б.С. Организация избирательного и референдумного процесса в Республике Таджикистан [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article. (Санаи муроҷиат 19.02.2024).

мебошанд. Зеро, ки низоми интихобот ва усулу қоидаҳои он яке аз воситаи муҳими ба ҳаёт тадбиқ намудани моҳияти демократии давлат мебошад[24].

Бояд қайд кард, ки дар солҳои соҳибихтиёрии Тоҷикистон дар радифи Конститутсия боз қонунҳои зерини вобаста ба интихоботи Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ қабул гардиданд:

1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, № 856 «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[25];

2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, № 858 «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»[26];

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019, №1642 «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[27].

Ҳамзамон, як қатор қонунҳое, ки ба низоми интихобот алоқамандии бевосита надошта бошанд ҳам, дар ин муддат таҳия ва қабул гардидаанд, ки баъзе муносибатҳои дар раванди интихобот пайдо мегардидаро ба танзим медароранд. Инҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1998, №643 «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ»[28], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, №961 «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»[29] ва дигарҳо мебошанд.

Қонунгузории интихоботии Тоҷикистон дар радифи ислоҳоти ҳуқуқии дар ҷумҳурӣ суратгирифта, такмил ва мукаммал гардонида шуда, мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ дар таҷриба дурусту бонизом татбиқ гардида истодааст.

Пеш аз ҳама меъёрҳои ҳуқуқи интихобот, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон дарҷ гардидаанд аз моддаи 21 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар[30] ва моддаи 25 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ[31] бармеоянд, ки тибқи онҳо ҳар як инсон бе ягон маҳдудият ҳақ дорад дар идоракунии давлат бевосита ва ё ба воситаи намояндагони худ ширкат варзад, дар интихоботе, ки иродаи озоди интихобкунандагонро ифода мекунад иштирок намоянд.

---

[24] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22 – юми июни соли 2003 ва 22 – юми майи соли 2016. Душанбе: Ганҷ, 2016. – 64с.

[25] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 296.

[26] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, № 12, мод. 298.

[27] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019, №7, мод. 471.

[28] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тохикистон, соли 1998, № 22, мод. 300.

[29] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №3, мод. 201.

[30]Ниг.: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/tags/. (санаи мурочиат 12.02.2025).

[31] Ниг.: Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат 13.02.2025).

Принсипҳои умумии интихоботӣ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд, баргузории интихоботи озоду демократӣ ва шаффофро таъмин менамоянд. Мувофиқи ин санадҳо дар интихобот ҳамаи шаҳрвандоне, ки дар рӯзи баргузории интихобот ба синни 18 солагӣ расидаанд, ҳуқуқи дар овоздиҳӣ иштирок карданро доранд. Интихобот дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар, мустақим ва пинҳонӣ сурат мегирад, яъне ҳамаи интихобкунандагон дар асоси баробар ширкат варзида, ҳар як интихобкунанда як овоз дорад.

Ҳамзамон, интихобкунанда бевосита ба ҷонибдории номзади муайян ба тариқи пинҳонӣ овоз медиҳад.

Ҳангоми изҳори иродаи интихобкунанда, ки пинҳонӣ сурат мегирад, назорат аз ҷониби ягон мақомот бояд набошад.

Дар ин радиф танҳо дар ду ҳолат маҳдудкунии ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Аввал шаҳрвандоне, ки бо қарори суд ғайриқобили амал эътироф гардидаанд ва дуюм шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ қарор доранд.

Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо дар масъалаи ташкил ва гузаронидани интихоботи озоду демократӣ заминаи мусоиди зарурӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамчунин, дар байни субъектҳои раванди интихобот то дараҷае баҳсу муколамаҳои созанда, дарки мақсаду мароми тарафайн сурат гирифта, фазои орому озод барои баргузории интихобот фароҳам оварда шудааст.

Дар ҳақиқат, баргузории интихобот барои ҳар давлат рӯйдоди муҳими сиёсӣ аст. Натиҷаҳои он аз ҳар ҷиҳат рушди минбаъдаи кишварро муайян менамоянд. Интихоботи озод яке аз усулҳои муҳими ба таври демократӣ ташкил намудани ҳокимияти қонунӣ ва низоми сиёсӣ мебошад[32].

Пешрафти ҷомеа, дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии кишвар тақозо намуданд, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, №856 «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти принсипҳои асосии Конвенсия дар бораи стандартҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоботии давлатҳои иштирокчии ИДМ[33], таклифу пешниҳодҳои субъектҳои раванди интихобот, созмонҳои дахлдори байналмилалӣ ва тағйиру иловаҳое, ки солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида буданд, солҳои 2004, 2007, 2008, 2012, 2014, 2017,

[32]Ниг.: Муллоев Ш.Б., Рахимов А.А. Значение выборов в демократическом обществе. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://rtsu.tj/news/?ELEMENT_CODE=2528 (дата обращения 12.02.2025).

[33]Ниг.: Конвенция о стандартах демократических выборов, избирательных прав и свобод в государствах – участниках Содружества Независимых Государств. Кишинёв 7 октября 2002г. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://rfsv.ru/uploads/Convention.pdf. (дата обращения 15.02.2024.)

2018 ва 2019 як қатор тағйиру иловаҳо ворид шуданд, ки санади мазкурро хеле мукаммал гардониданд.

Бо назардошти тағйиру иловаҳои соли 2014 ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, №856 «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи умумии номзадҳо, ки аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи рӯйхат пешниҳод мешаванд, набояд аз 45 фоизи миқдори умумии вакилони Маҷлиси намояндагон зиёд бошанд.[34]

Соли 2017 бо назардошти тағйиру иловаҳое, ки 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуданд ба Қонуни конститутсионии зикршуда низ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардида, мутобиқи он узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон шахсе интихоб шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад ва забони давлатиро донад.[35]

Бо тағйиру иловаҳои соли 2018 ба Қонуни конститутсионии зикргардида воридшуда, маблағи гарави интихоботӣ аз 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам карда шуд[36].

Тибқи тағйироти соли 2019 ба Қонуни конститутсионии болозикр, узви комиссияи интихобот ҳангоми иҷрои ваколатҳояш бояд бетараф ва холис бошад, набояд дар фаъолияти ҳизби сиёсӣ иштирок кунад, супоришҳои онро иҷро намояд ва дар тарғибу ташвиқи пешазинтихоботии номзадҳои бақайдгирифташуда ширкат варзад[37].

Ҳамзамон, ҷиҳати баланд бардоштани касбияти аъзои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани вазъи ҳуқуқии ин мақом дар низоми комиссияҳои интихоботӣ 19 июли соли 2019, №1642 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

---

[34]Ниг.: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, №856 «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14.03.2014 № 1065 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014, № 3, мод. 140.

[35] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, №856 «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18.07.2017 № 1452 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017, № 7-8, мод. 562.

[36] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, №856 «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21.02.2018 № 1508 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018, № 2, мод. 61.

[37] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, №856 «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19.07.2019 № 1639 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019, №7 мод.460.

Тибқи Қонуни мазкур Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раъйпурсии умумихалқиро ташкил мекунад ва мегузаронад, ба низоми комиссияҳои интихоботӣ роҳбарӣ мекунад, инчунин ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва Ҷамоатро назорат карда, риоя ва татбиқи якхелаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихобот ва раъйпурсиро таъмин менамояд. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар ҳайати 7 нафар аъзо, аз ҷумла раис, муовин ва 5 нафар аъзо бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда мешавад. Узви Комиссия чун қоида бояд дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ё сиёсатшиносӣ бошад. Муҳлати ваколати узви Комиссия 7 сол мебошад.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии интихобкунандагон ва аъзои комиссияҳои интихоботӣ бо ташаббуси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ аз ҳисоби ҳуқуқшиносони касбӣ – мутахассисони соҳа ва олимони ҳуқуқшинос коршиносҳо омода гардида, минбаъд онҳо ҷиҳати баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аъзои комиссияҳои интихоботӣ ва аҳолӣ – интихобкунандагон ба кори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ мусоидат намуда, бо субъектҳои раванди интихобот семинарҳои омӯзишӣ, мизи мудаввар ва вохӯриҳоро баргузор намуда, мазмуну муҳтавои қонунгузории интихоботӣ ва дастуру тавсияҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсиро ба онҳо мефаҳмонанд.

Инчунин, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ барои тамоми субъектҳои раванди интихобот дастурамалу низомнома ва роҳнамоҳои дахлдорро таҳия кардааст, ки барои татбиқи амиқи принсипҳо ва стандартҳои интихоботи демократӣ тамоми шароитҳоро фароҳам овардаанд.

Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» низ марҳила ба марҳила, солҳои 2007, 2012, 2014, 2017, 2019 ва 2024 тағйироту иловаҳои дахлдор ворид гардида, меъёрҳои он хеле мукаммал гардидаанд.

Хулоса, интихобот ҳамчун падидаи муҳими сиёсию ҳуқуқӣ дар ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои давлатӣ нақши муҳим дошта, аз натиҷаи он рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеа вобастагии амиқ дорад.

Бо дарназардошти нақши калидии интихобот дар ташаккули ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, таъмини соҳибихтиёрии халқ ва таҳкими пояҳои давлати демократӣ, таҳлил ва таҷрибаи амалии солҳои охир нишон медиҳанд, ки низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи муайяни рушд расидааст, ҳамзамон ҷиҳати таҳкими минбаъдаи падидаи мазкур ва такмили

қонунгузории соҳаи интихобот, мавриди омӯзиш ва озмоиши амалӣ қарор додани таҷрибаи баргузории интихоботи рақамӣ (электронӣ) ва такмили қонунҳои конститутсионии амалкунанда бо дарназардошти таҷрибаи муосири миллию байналмилалӣ, барои мутобиқсозии бештари низом ба шароити нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

АДАБИЁТ:

1. Гадоев, Б.С. Организация избирательного и референдумного процесса в Республике Таджикистан [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article. (Санаи мурочиат: 19.02.2024).

2. Имомов, А.И. Интихобот ва парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе, 2001 – 370 с.

3. Конвенция о стандартах демократических выборов, избирательных прав и свобод в государствах – участниках Содружества Независимых Государств. Кишинёв 7 октября 2002 г. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://rfsv.ru/uploads/Convention.pdf. (дата обращения: 15.02.2024.)

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. Душанбе: Ганҷ, 2016. – 64с.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019, №1642 «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019, №7, мод. 471.

6. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, № 856 «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 296.

7. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, № 858 «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, № 12, мод. 298.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 марти соли 2013, №961 «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №3, мод. 201.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1998, №643 «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 22, мод. 300.

10. Муллоев, Ш.Б., Рахимов, А.А. Значение выборов в демократическом обществе. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://rtsu.tj/news/ ?ELEMENT_CODE=2528 (дата обращения: 12.02.2025).

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 28.12.2024.

[Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://prezident.tj/event/ (санаи мурочиат: 18.02.2024).

12. Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 13.02.2025).

13. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъини интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз 4 декабри соли 2024, №882. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://prezident.tj/event (санаи мурочиат: 14.02.2024).

14. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/tags/. (санаи мурочиат: 12.02.2025).

ВЫБОРЫ МАДЖЛИСИ НАМОЯНДАГОН И МЕСТНЫХ МАДЖЛИСОВ НАРОДНЫХ ДЕПУТАТОВ: ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ТЕОРИИ И ПРАКТИКИ

Ключевые слова: выборы; демократическое государство; Маджлиси намояндагон; местные Маджлисы народных депутатов; кандидат в депутаты; избирательные комиссии; избирательный залог; избирательный округ; избирательный участок; доверенные лица; предвыборная агитация; Центральная комиссия по выборам и референдумам.

Аннотация: В данной статье анализируется и рассматривается один из важных политико-правовых институтов – выборы в Маджлиси Оли и местные Маджлисы народных депутатов Республики Таджикистан. Автор утверждает, что выборы как политико-правовой процесс и важный интститут непосредственной демократии играют ключевую роль в формировании институтов государственной власти и органов местного самоуправления.

Отмечено, что проведение демократических и свободных выборов зависит, прежде всего, от избирательной системы государства, а в демократическом государстве права и свободы человека реализуются реально и непосредственно. В связи с этим в период независимости избирательная система Таджикистана была реформирована и укреплена, приведя её в соответствие с международными стандартами.

Джамшедзода Джамшед Назаршо – кандидат юридических наук, доцент. **Тел.:** (+992) 934-59-36-36.

ELECTIONS OF MAJLISI NAMOYANDAGON AND LOCAL MAJLISES OF PEOPLE'S DEPUTIES: LEGAL ISSUES OF THEORY AND PRACTICE

Keywords: elections; democratic state; Majlisi namoyandagon; local majlisi of people's deputies; candidate for deputy; election commissions; electoral deposit; electoral district; polling station; proxies; pre-election campaigning; Central commission for elections and referendums.

Annotation: This article analyzes and examines one of the important political and legal institutions – elections to the Majlisi Oli and local Majlises of People's Deputies of the Republic of Tajikistan. The author argues that elections as a political and legal process and an important institution of direct democracy play a key role in the formation of institutions of state power and local government bodies.

It was noted that the holding of democratic and free elections depends, first of all, on the electoral system of the state, and in a democratic state, human rights and freedoms are realized in a real and immediate manner. In this regard, during the period of independence, the electoral system of Tajikistan was reformed and strengthened, bringing it into line with international standards.

Jamshedzoda Jamshed Nazarsho – candidate of legal sciences, associate professor. **Phone:** (+992) 934-59-36-36.

СОҲИБЗОДА Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,
судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Тел.: (+992) 904-41-50-50.

УДК: 242.9

РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ИНТИХОБОТИ МАҶЛИСИ ОЛӢ ВА МАҶЛИСҲОИ МАҲАЛЛИИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ

Калидвожаҳо: қонунгузорӣ; интихобот; Маҷлиси намояндагон; Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ; Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур яке аз рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Ба ҳамагон маълум аст, мо дар арафаи гузаронидани яке аз маракаҳои муҳимми сиёсӣ, яъне интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ қарор дорем. Интихобот дар низоми демократӣ яке аз муҳимтарин ниҳодҳоест, ки ифодаи ирода ва иштироки бевоситаи мардумро дар идора кардани давлат таъмин менамояд. Ҳарчанд низоми демократӣ ҳамчун шакли давлатдорӣ таърихи тулонӣ дорад, аммо дар ҳар давру замон вобаста ба сатҳи рушди ҷомеа принсипҳои он тағйир меёбад. Ба таъбири дигар, ҳар кишваре низоми демократиро бо дарназардошти ҳувияти миллӣ, анъанаҳо, расму оин ва тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи хеш такмил медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона роҳи демократии тараққиётро пеш гирифт ва тибқи Конститутсия барои ҳар як инсон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро мароми бунёдии худ эълон намуд. Дар ин робита интихобот яке аз муҳимтарин василаҳои расидан ба ин ҳадафҳои наҷиб мебошад.

Дар низоми қонунгузории ҶТ баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ислоҳоти ҳуқуқӣ гузаронида шуд. Дар баробари пешрафти соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вазъи ҷомеа низ тағйир ёфта, барои ба танзим даровардани муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ зарурати қабули қонунҳои нав ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии

ҳуқуқии амалкунанда, бо мақсади ба талаботи нави муносибатҳои ҷамъиятӣ мутобиқ гардонидани онҳо пеш меояд. Шаҳодати чунин ҳолатҳо ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ маҳсуб мешавад.

Муаллифон бо мақсади ба таври илмию оммавӣ шарҳу тавзеҳ додани қонунгузории ҶТ дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ бо мақсади таъмини иттилооти ҳуқуқӣ дар ин самт ва баланд бардоштани фарҳанги интихоботии шаҳрвандон тасмими ба таври мухтасар таҳлили қонунгузориро дар ин самт муҳим арзёбӣ намуда, мазмун ва моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқиро манзури хонанда менамоянд.

Бояд иброз намуд, ки интихобот яке аз муҳимтарин самтҳои низоми сиёсӣ дар ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба шумор рафта, пеш аз ҳама василаи ифодаи иродаи мардум ва ташаккули ҳокимияти қонунӣ ба шумор меравад. Ҷиҳати таъмини воқеии ин ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандон дар мамлакат як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул гардидаанд, ки онҳо мазмуну моҳият, тартиб, шакл, принсипҳо ва амсоли ин масъалаҳоро мавриди танзим қарор медиҳанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ин санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба танзим медарорад.

Низоми қонунгузорӣ дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқро сохтори зерин ташкил медиҳад:

1) Конститутсияи ҶТ;

2) санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст;

3) санадҳои қонунгузорӣ (қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо);

4) санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.

Ҷиҳати рушди қонунгузорӣ дар ин самт дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи кишвар ду қонуни конститутсионӣ қабул гардида, дар муқаррароти як қонуни ҷорӣ ва се кодексҳо масъалаҳои вобаста ба интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба таври мукаммал мавриди танзим қарор дода шудааст. Инчунин, дар ин самт зиёда аз дах адад санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул гардидаанд, ки низоми интихоботӣ ва тартиби амалӣ гардидани ин ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандонро мавриди танзим қарор додаанд.

1. Конститутсияи ҶТ. Махсусан, дар қисми 2 моддаи 6 пешбинӣ мегардад, ки «ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст». Ин муқаррароти конститутсионӣ

кафолати ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон ба шумор рафта, минбаъд дар дигар меъёрҳои Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ механизми амалигардонии он муайян мегардад.

Ҳамзамон, моддаи 27 Конститутсия[38] пурра ба ин ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандон бахшида шудааст. Тибқи муқаррароти он «шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин, аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад. Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайриқобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд. Тартиби гузаронидани интихоботро қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо танзим менамоянд».

Муқаррароти болозикри Конститутсия заминаи устувори меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ташкили низоми интихобот ва амалӣ намудани ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон ба шумор меравад. Дар заминаи ин муқаррарот, ки танзими ҳамаҷонибаи онро ба қонунҳои конститутсионӣ ҳавола менамояд, мақсаду вазифа, принсипҳо, шаклу тартиби баргузории низоми интихобот дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас, махсусан қонунҳои конститутсионӣ ба роҳ монда шудааст.

Моддаи 49 Конститутсия бошад, пурра интихоботи Маҷлиси Олии кишварро муқаррар менамояд. Тибқи муқаррароти қисми якуми он интихоботи Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад. Вакили Маҷлиси намояндагон шахсе интихоб шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта бошад ва синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад.

Тибқи муқаррароти қисми дуюми моддаи мазкур аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим дар маҷлисҳои якҷояи вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (якҷоя) бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мегардад.

Шумораи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, тартиби интихоб ё таъин гардидани онҳоро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд. Дар маҷмуъ, таҳлили муқаррароҳои Конститутсия собит менамояд, ки дар 8 модда, 9 маротиба масъалаи интихобот дарҷ гардида, ин муқаррароҳо заминаи устувор ва сарчашмаи бевоситаро баҳри рушди

[38] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (моддаи 41) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 64 с.

қонунгузорӣ дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар ҶТ гузоштаанд.

2. Ҳамзамон, ба низоми қонунгузории интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, шомил мебошанд, чунки бо дарназардошти мавқеи меъёрии ҳуқуқӣ нишондодҳои дар санадҳои мазкур пешбинигардида, баҳри рушди падидаи интихоботӣ нақши муассир мегузорад. Дар ин самт, муқаррароти мушаххас дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсия «Дар бораи стандартҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоботӣ дар давлатҳои иштирокчии ИДМ», ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 8 октябри соли 2003, №918 ба тасвиб расидааст, инчунин, Ҳуҷҷати ҷаласаи Копенҳаген оид ба омилҳои инсонии Шурои амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ки 29 июни соли 1990 қабул шудааст, пешбинӣ гардидааст.

Дар моддаи 21 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар гардидааст, ки «ҳар як инсон ҳақ дорад, бевосита ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, дар идораи корҳои кишвари худ ширкат намояд»[39].

Дар моддаи 25 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ муайян шудааст, ки ҳар як шаҳрванд бидуни табъиз ва маҳдудият ҳуқуқ дорад, ки дар интихоботи озоди даврӣ, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ ва баробар бо овоздиҳии пинҳонӣ ва таъминкунандаи иродаи озоди интихобкунандагон доир карда мешаванд, иштирок намояд ва интихоб шавад[40].

3. Санади меъёрии ҳуқуқии махсус дар ин самт Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ»[41] ба шумор меравад, ки аз 10 декабри соли 1999, №856 қабул гардида, аз 7 бобу 59 модда иборат мебошад.

Дар Қонуни мазкур масъалаҳои умумӣ муносибатҳое, ки Қонуни конститутсионӣ танзим менамояд, қонунгузории ҶТ дар ин самт, сохтори Маҷлиси Олии ҶТ, принсипҳои иштироки шаҳрвандон дар интихобот, ҳуқуқи умумии интихобот, ҳуқуқи баробари интихобот, ҳуқуқи бевосита ва бавоситаи интихобот, овоздиҳии пинҳонӣ, ошкорбаёнӣ ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, мақом ва ваколатҳои мушоҳидони миллӣ, мақом ва ваколатҳои мушоҳидони байналмилалӣ,

[39] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/tags/. (санаи мурочиат: 12.02.2025)

[40] Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 13.02.2025).

[41] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» аз 10 декабри соли 1999, №856 [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 19.02.2025)

маблағгузории интихобот, инчунин, дигар масъалаҳои махсус, аз қабили комиссияҳои интихобот, ҳавзаҳо ва участкаҳои интихобот, рӯйхати интихобкунандагон, пешбарӣ, бақайдгирӣ ва кафолатҳои фаъолияти номзадҳо, ташкил ва тартиби овоздиҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои интихобот мавриди танзим қарор дода шудааст.

Бо дарназардошти рушди муносибатҳо дар самти таъмини низоми интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ ва такмили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба Қонуни конститутсионии мазкур 9 маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардида, муқаррароти он такмил дода шудааст.

4. Ҳамзамон, доир ба интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ низ қонуни конститутсионии махсус қабул гардидааст. Аз ҷумла, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»[42] аз 10 декабри соли 1999, №858 қабул гардида, фарогирандаи 8 бобу 51 модда мебошад.

Қонуни конститутсионии мазкур низ масъалаҳои принсипҳои асосии интихобот, қонунгузорӣ дар ин самт, ҳуқуқи умумии интихобот, ҳуқуқи баробари интихобот, ҳуқуқи бевоситаи интихобот, овоздиҳии пинҳонӣ, ошкорбаёнӣ ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани интихобот, инчунин, масъалаҳои вобаста ба ҳавзаҳо ва участкаҳои интихобот, комиссияҳои интихоботӣ, рӯйхати интихобкунандагон, пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо ба вакилӣ, кафолат ба фаъолияти номзадҳо ба вакилӣ, тартиби овоздиҳӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои интихобот, овоздиҳии такрорӣ, интихоботи такрорӣ ва интихоботи вакилон ба ҷойи вакилони хориҷшуда, интихобот дар воҳидҳои марзию маъмурии навташкил мавриди танзим қарор дода шудааст.

Қонуни конститутсионии мазкур дар заминаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи ҶТ дар соли 1999 воридгардида қабул карда шуда, то ин муддат ба он 6 маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардидаанд.

5. Инчунин, доир ба танзими масъалаҳои вобаста ба интихоботи вакилони ҷамоатҳо муқаррароти мушаххас дар Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»[43] аз августи соли 2009, №549 пешбинӣ гардидааст, ки Қонуни мазкур низ асоси ҳуқуқии рушди қонунгузории соҳаро нишон медиҳад.

Боби чоруми Қонуни мазкур ба масъалаи интихоботи вакилони ҷамоат бахшида шуда, масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевоситаи интихобот, ошкорбаёнӣ ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани интихобот, таъини

[42] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» аз 10 декабри соли 1999, №858 [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 13.02.2025)

[43] Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз августи соли 2009, №549 [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 20.02.2025)

интихоботи ҷамоат, ташкили ҳавзаҳои интихоботи ҷамоат, ташкили комиссияи интихоботи ҷамоат, ваколатҳои комиссияи интихобот, комиссияи ҳавзавии интихоботи вакили ҷамоат, тартиби пешбарии номзадҳо ба вакили ҷамоат, талабот нисбати номзадҳо ба вакили ҷамоат, бақайдгирии номзадҳо, ташвиқоти пешазинтихоботӣ, вақт ва ҷойи овоздиҳӣ, ташкил ва тартиби овоздиҳӣ, овоздиҳӣ ва интихоботи такрорӣ, гузаронидани интихоботи вакилон ба ивази вакилони хориҷшуда ва бақайдгирии вакилони ҷамоатро муқаррар менамояд.

6. Доир ба рушди асосҳои ҳуқуқии интихобот дар мамлакат нақши Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ»[44] муҳим ба шумор рафта, он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ-ро муайян менамояд.

Қонуни мазкур аз 19 июли соли 2019, №1642 қабул гардида, 7 бобу 28 моддаро дар бар мегирад. Қонуни мазкур масоили вазъи ҳуқуқии Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ, қонунгузорӣ дар ин самт, принсипҳои фаъолияти комиссия, ошкорбаёнӣ дар фаъолияти комиссия, макони ҷойгиршавии комиссия, инчунин, тартиби таъсис ва ҳайати комиссия, вазъи ҳуқуқии комиссия, раис, муовин, котиб ва узви комиссия, ташкили фаъолияти комиссия, ҳамкории байналмилалии комиссия, дастгоҳи комиссия ва таъминоти моддию молиявии фаъолияти комиссияро мавриди танзим қарор додааст.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ мақоми давлатӣ ба шумор рафта, маҳз интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ-ро мегузаронад, ба низоми комиссияҳои интихоботӣ роҳбарӣ мекунад, инчунин, ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоатро назорат карда, риоя ва татбиқи якхелаи қонунгузории ҶТ дар бораи интихоботро таъмин менамояд.

Ҷанбаи муҳимми таъмини риояву иҷро, инчунин, рушди қонунгузорӣ дар самти мазкурро ин пешбинӣ намудани ҷавобгариҳои муайяни ҳуқуқӣ дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба ҳолатҳои вайрон намудани талаботи қонунгузорӣ дар ин самт ташкил менамояд.

7. Махсусан, дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ[45] дар доираи боби 6, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муқаррар менамояд, оид ба риоя накардани муқаррароти қонунгузорӣ доир ба интихобот ва раъйпурсӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст, ки доираи моддаҳои 57-84,

[44] Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ» аз 19 июли соли 2019, №1642 [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 13.02.2025)

[45] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 13.02.2025)

яъне 28 моддаро дар бар мегирад. Аз ҷумла, барои риоя ва вайрон намудани талаботи зерини қонунгузорӣ дар сатҳи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ доир ба интихобот ва раъйпурсӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла:

Риоя накардани ҳуқуқи шаҳрванд дар бобати шинос шудан бо рӯйхати интихобкунандагон ва иштирокчиёни раъйпурсӣ; дахолат кардан ба кори комиссияи интихобот ва комиссияи раъйпурсӣ; иҷро накардани қарори комиссияи интихобот ва комиссияи раъйпурсӣ; риоя накардани тартиби пешниҳоди рӯйхати интихобкунандагон ва иштирокчиёни раъйпурсӣ ё маълумот дар бораи интихобкунандагон ва иштирокчиёни раъйпурсӣ; риоя накардани тартиби муқарраршудаи чопи ҳуҷҷатҳои марбут ба тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ва раъйпурсӣ; риоя накардани ҳуқуқи узви комиссияи интихобот, комиссияи раъйпурсӣ, мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ, шахсони боэътимоди номзад ё намояндагони воситаҳои ахбори омма; рад кардани пешниҳоди муваққатан аз кор озод намудани номзад ба вакилӣ ё дигар мансаби интихоботӣ дар бобати иштирок дар интихобот ва раъйпурсӣ; риоя накардани шартҳои тарғиботи пеш аз интихобот ва тарғибот ҳангоми раъйпурсӣ.

Инчунин, риоя накардани шартҳои рекламаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолият ҳангоми маъракаҳои интихобот; тарғиботи пеш аз интихобот ва тарғиботи раъйпурсӣ дар замон ё маконе, ки он манъ аст; тарғиботи пеш аз интихобот ва тарғиботи раъйпурсӣ аз тарафи шахсоне, ки иштироки онҳоро қонун манъ кардааст; фаъолияти шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки ба пешниҳод намудан ё интихоб шудани номзадҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ки рӯйхати номзадҳоро ба вакилӣ пешниҳод кардаанд, барои ба даст овардани натиҷаҳои муайян дар интихобот монеъ мегардад ё мусоидат менамояд; таҳия ва паҳн кардани маводи тарғиботии беном; фароҳам наовардани имконият барои ба маълумоти омма расонидани раддия ё дигар тавзеҳот оид ба ҳимояи шаъну шараф ё эътибори кории номзад; қасдан нобуд кардан ё расонидани зарар ба маводи чопии тарғиботии марбут ба интихобот ва раъйпурсӣ; риоя накардани ҳуқуқи истифодаи биноҳо дар рафти маъракаи интихобот, тайёрӣ ва гузаронидани раъйпурсӣ; ба тарафдории номзад ҷалб кардани интихобкунандагон ва иштирокчиёни раъйпурсӣ бо роҳи ришва додан; пешниҳод ё чоп накардани ҳисобот, маълумот дар бораи маблағҳои воридшуда ва харҷшуда, ки барои тайёрию гузаронидани интихобот ва раъйпурсӣ ҷудо карда шудаанд.

Ҳамзамон, истифодаи ғайриқонунии маблағ аз тарафи номзад ба вакилӣ ва ё ҳизби сиёсӣ; аз тарафи номзад ба вакилӣ ва ё ҳизби сиёсӣ дар рафти тайёрӣ ва гузаронидани интихобот истифода намудани кумакҳои моддии

ғайриқонунӣ; маблағгузории ғайриқонунии маъракаҳои интихобот ва раъйпурсӣ бидуни хазинаҳои интихобот, хазинаҳо барои гузаронидани раъйпурсӣ ва расонидани дигар кумакҳои моддӣ; саривақт нагузаронидани маблағ ба комиссияи интихобот, ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ба вакилӣ; ба шаҳрванд ғайриқонунӣ додани бюллетени интихобот ва бюллетени овоздиҳӣ дар раъйпурсӣ; тайёр кардани шумораи ба ҳисоб гирифтанашудаи бюллетенҳо ё пинҳон намудани бюллетенҳои боқимонда; риоя накардани тартиби қонунии ҳисоби овозҳо; пешниҳод ё чоп накардани маълумот дар бораи натиҷаҳои овоздиҳӣ ё натиҷаҳои интихобот; паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи номзад; монеъ шудан ба тарғиботи пеш аз интихоботӣ.

8. Ҳамчунин, доир ба монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ва сохтакории ҳуҷҷатҳои интихоботӣ, ҳуҷҷатҳои раъйпурсӣ ё ҳисоби нодурусти овоз тибқи муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶТ[46] ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст. Яъне, асоси дигари муҳимми танзими ҳуқуқии интихоботро ин муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶТ низ ташкил менамояд.

Дар доираи боби 19 Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ду модда – моддаҳои 150 ва 151 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ва сохтакории ҳуҷҷатҳои интихоботӣ, ҳуҷҷатҳои раъйпурсӣ ё ҳисоби нодурусти овоз муқаррар гардидааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 150 Кодекси мазкур монеъ шудан ба шаҳрванд ҷиҳати татбиқи ҳуқуқҳои интихоботиаш ё ҳуқуқи иштирок дар райъпурсӣ, инчунин, монеъ шудан бо фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ё комиссия оид ба гузаронидани раъйпурсӣ боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва татбиқи санксияи дахлдор мегардад. Агар чунин ҳолат дар алоқамандӣ бо ришвадиҳӣ, фиреб, зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, бо истифодаи мақоми хизматӣ ва аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, *татбиқи санксияи бо ҳолати вазнинкунандаро ба вуҷуд меорад.*

Дар асоси муқаррароти моддаи 151 бошад барои сохтакории ҳуҷҷатҳои интихоботӣ, ҳуҷҷатҳои раъйпурсӣ, дидаю дониста нодуруст ҳисоб кардани овоз, дидаю дониста нодуруст муайян кардани натиҷаҳои интихобот, раъйпурсӣ, ҳамчунин, вайрон намудани овоздиҳии пинҳонӣ, ки аз ҷониби узви комиссияи интихоботӣ, гурӯҳи ташаббускор ё комиссия оид ба гузаронидани раъйпурсӣ содир шудааст, ҷавобгарии мушаххаси ҷиноятӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба вуҷуд меояд.

[46] Кодекси ҷиноятии ҶТ [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 25.02.2025)

9. Ҳамзамон, ҷанбаҳои мурофиавии баррасии парвандаҳо доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботӣ дар доираи муқаррароти дахлдори Кодекси мурофиавии мадании ҶТ аз соли 2008 мавриди танзим қарор дода шудааст.

Дар Кодекси мазкур боби 25 масъалаҳои мурофиа оид ба парвандаҳо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботӣ ва ҳуқуқи иштироки шаҳрвандони ҶТ дар раъйпурсиро дар доираи 5 модда (моддаҳои 259-263) мавриди танзим қарор додааст.

Дар он масъалаҳои пешниҳоди ариза дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандони ҶТ, муҳлати мурочиат ба суд ва баррасии парванда, пешниҳод ва муҳлати ариза дар бораи ҳифзи ҳуқуқи иштироки шаҳрвандони ҶТ дар раъйпурсӣ, баррасии ариза дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботӣ ва ҳуқуқи иштироки шаҳрвандони ҶТ дар раъйпурсӣ ва ҳалнома оид ба парвандаҳо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботӣ ва ҳуқуқи иштироки шаҳрвандони ҶТ дар раъйпурсӣ ва иҷрои он мавриди танзим қарор гирифтааст, ки бо ин назардошт Кодекси мазкур асоси ҳуқуқии низоми интихоботиро ташкил менамояд.

10. Дар баробари ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ дар рушди қонунгузорӣ оид ба интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ нақши арзишманд доранд, чунки дар заминаи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиб, қоида ва механизми ҷории интихоботро маҳз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ мавриди танзим қарор медиҳанд. Аз ҷумла, дар ин самт **Тартиби пешбарӣ ва иштироки мушоҳидони байналмилалӣ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ аз 21 декабри соли 2024, №34** қабул гардидааст, ки он қоидаҳои иштироки мушоҳидони байналмилалӣ, мақом ва ваколатҳои онҳоро дар интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ муайян менамояд.

Тартиби мазкур бо дарназардошти муқаррароти санадҳои қонунгузорӣ оид ба интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ ва Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ қабул гардида, даъвати мушоҳидони байналмилалӣ, аккредитатсияи онҳо, мақом ва салоҳияти онҳоро муайян намуда, фаъолияти мушоҳидони байналмилалиро мутобиқи қонунгузории кишвар ва санадҳои байналмилалӣ дар раванди интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ мавриди танзим қарор медиҳад. Мақсаду моҳияти иштироки мушоҳидони байналмилалиро ин мусоидат ҷиҳати шаффофу ошкоро гузаронидани интихобот ташкил менамояд.

Ҳамзамон, бо дарназардошти муқаррароти моддаҳои 8^1, 12 ва 42 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» ва моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ»

дар асоси **қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ аз 21 декабри соли 2024, №33 Тартиби пешбарӣ ва иштироки мушоҳидони миллӣ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ қабул гардидааст.**

Тартиби мазкур иштироки мушоҳидони миллиро барои шаффофу ошкоро гузаронидани интихобот муайян намуда, пешбарӣ, бақайдгирии мушоҳидони миллӣ, шахсоне, ки мушоҳиди миллӣ шуда наметавонанд, ваколатҳои мушоҳидони миллӣ ва дигар муқаррароти иловагиро дар ин самт танзим менамояд.

Тибқи нишондодҳои он фаъолияти мушоҳидони миллӣ бояд дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ оид ба интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Тартиби мазкур ба роҳ монда шавад.

Дар заминаи муқаррароти моддаи 12 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» ва моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ» бо **қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ аз 6 декабри соли 2024, №7 Тартиби пешбарӣ ва бақайдгирии шахсони боэътимоди номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ қабул гардидааст.**

Тартиби мазкур низ сурат гирифтани интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ-ро дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита, бо овоздиҳии пинҳонӣ ва низоми омехтаи интихобот муайян намуда, шахсони боэътимодро ҳамчун субъектони раванди интихобот пешбинӣ менамояд.

Тартиби болозикр, ҳамчунин масъалаҳои шахсони боэътимоди номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон ва ҳизбҳои сиёсӣ, тартиби пешбарии шахсони боэътимоди номзадҳо, тартиби бақайдгирии шахсони боэътимоди номзадҳо, ҳуқуқҳои шахсони боэътимоди номзадҳо, тартиби бозхонд ва қатъи ваколати шахсони боэътимоди номзадро мавриди танзим қарор додааст.

Инчунин, доир ба василаҳои иштироки воситаҳои ахбори оммаи хориҷиву маҳаллӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии дахлдор қабул карда шудааст. Аз ҷумла, дар асоси **қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ аз 17 декабри соли 2024, №22 Тартиби иштироки воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ** қабул гардидааст, ки асосҳои бевоситаи иштироки воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагонро муайян менамояд.

Нишондодҳои Тартиби мазкур масъалаҳои бақайдгирии намояндагони воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дар интихоботи вакилони Маҷлиси

намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дар интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ-ро муайян менамояд.

Тибқи нишондоди Тартиби мазкур намояндагони воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ фаъолияти худро ҷиҳати расонидани иттилоот ба аҳолӣ дар бораи интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ дар доираи Конститутсия, қонунгузории ҶТ, дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва Тартиби мазкур анҷом медиҳанд.

Дар баробари ин, тибқи **қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ аз 17 декабри соли 2024, №21 Тартиби иштироки воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ** қабул гардидааст. Тартиби мазкур низ расонидани иттилоотро ба аҳолӣ оид ба интихобот аз ҷониби воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ пешбинӣ намуда, эҳтиром ва риояи онҳоро ҳатмӣ муайян намудааст.

Тартиби мазкур бақайдгирии намояндагони воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ дар интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ-ро муайян менамояд.

Дар маҷмуъ, таҳлили қонунгузории ҶТ дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ бозгӯйи он аст, ки раванди интихобот ҳамчун падидаи муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба таври дахлдор танзими ҳуқуқии худро ёфтааст ва ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба иштирок дар интихобот кафолат дода шуда, заминаҳои амалишавии ҳуқуқии онҳо пурра мавҷуд аст. Баргузории интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо ба таври шаффофу озод ва дар сатҳи баланди ташкиливу ҳуқуқӣ ва сиёсӣ гузаронидани интихобот мусоидат намуда, ба баланд гардидани мавқеи сиёсии давлат ва таъмини амнияти он нақши арзишманд мегузорад.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (моддаи 41) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 64 с.

2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/tags/. (санаи мурочиат: 12.02.2025)

3. Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 11.02.2025).

4. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» аз 10 декабри соли 1999, №856 [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 9.02.2025)

5. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» аз 10 декабри соли 1999, №858 [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 15.02.2025)

6. Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз августи соли 2009, №549 [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 13.02.2025)

7. Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ» аз 19 июли соли 2019, №1642 [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 27.02.2025)

8. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 13.02.2025)

9. Кодекси ҷиноятии ҶТ [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 28.02.2025)

РАЗВИТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ВЫБОРАХ В МАДЖЛИСИ ОЛИ И МЕСТНЫЕ МАДЖЛИСЫ НАРОДНЫХ ДЕПУТАТОВ

Ключевые слова: законодательство; выборы; Маджлиси намояндагон; местные Маджлисы народных депутатов; Центральная комиссия по выборам и референдумам.

Аннотация: В данной статье анализируется и рассматривается одно из изменений в законодательстве Республики Таджикистан о выборах в Маджлиси Оли и местные Маджлисы народных депутатов.

Сохибзода Мухаммаджон Махмадали – судья Конституционного суда Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент. **Тел.:** (+992) 904-41-50-50.

DEVELOPMENT OF LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON ELECTIONS TO THE MAJLISI OLI AND LOCAL MAJLISES OF PEOPLE'S DEPUTIES

Keywords: legislation; elections; Majlisi Namoyandagon; local Majlises of People's Deputies; Central Commission for Elections and Referendums.

Annotation: This article analyzes and examines one of the changes to the legislation of the Republic of Tajikistan on elections to the Majlisi Oli and local Majlises of People's Deputies.

Sohibzoda Muhammadjon Mahmadali – judge of the Constitutional court of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor. **Phone:** (+992) 904-41-50-50.

ГАДОЕВ Бурҳониддин Саймудинович,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 917-75-63-20.

УДК: 342.8

АҲАММИЯТИ ИНТИХОБОТ ДАР ДАВЛАТИ ДЕМОКРАТӢ

Калидвожаҳо: демократия; интихобот; Конститутсия; макомоти давлатӣ; парлумон; демократияи намояндагӣ; раъйпурсӣ; ислоҳоти конститутсионӣ.

Аннотатсия: Ташаккули падидаҳои интихоботи демократӣ дар мамлакати мо ба монанди рушди ҳама гуна равандҳои таърихӣ, айнан дар шароити дар як вақт кашфиёти сохторҳои нави ташкили ҳокимият ва расмикунонии падидаҳои иштироки сиёсии шаҳрвандон ва дар дараҷаи давлатӣ баамалбарории он татбиқ шуда истодааст. Арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 эътироф ва таҳким ёфтааст. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ҳамчунин, асосҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ барои иштироки фаъоли созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботӣ ташкил ёфта, соҳибони ин ҳуқуқҳо бо воситаҳои ҳуқуқии худмуҳофизатӣ таъмин гардидаанд.

Дар мақолаи мазкур муаллиф бо истифода аз адабиёти пурғановати ҳуқуқӣ арзишҳои демократии интихоботро дар марҳилаи ҳозира мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 эътироф ва таҳким ёфтааст. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ҳамчунин, асосҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ барои иштироки фаъоли созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ҳифзи ҳуқуқии шахсият ташкил ёфта, соҳибони ин ҳуқуқҳо бо воситаҳои ҳуқуқии худмуҳофизатӣ таъмин гардидаанд.

Моҳияти амиқи иҷтимоӣ ва аҳаммияти сиёсии ҷамъиятҳои аслан демократӣ маҳз дар он ифода меёбад, ки иродаи мустақили сиёсии шахсиятро

дар таҷрибаи ҷамъиятӣ - сиёсӣ тавассути татбиқ намудани ҳуқуқҳо, озодиҳо ва уҳдадориҳои асосӣ инъикос менамоянд.

Тайи солҳое, ки пас аз қабули нахустин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сипарӣ гардиданд, ғояҳои конститутсионӣ дар меъёрҳои қонунгузориҳои соҳавӣ хеле тақвият ёфтанд ва дорои қобилияти ҳаётӣ будани худро собит намуданд. Дар натиҷа, сохти комилан пурра ва муназзами татбиқи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва уҳдадориҳои конститутсионӣ ба шакл дароварда шуд, ки он аз ҷузъиёти зерин иборат аст:

1) моҳият ва шартҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳо;
2) субъектҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳо;
3) кафолатҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳо;
4) ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳо;
5) воситаҳои фаъолонаи амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳо;
6) марҳилаи мурофиавии дар амал татбиқ намудани ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳо.

Ҳуқуқҳои дахлнопазири халқи Тоҷикистон – ин ҳуқуқ ба ҳокимият мебошад, ки дар Конститутсия пешбинӣ гардида, иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар идоракунии корҳои давлатӣ тавассути мақомоти ҳокимияти давлатӣ кафолат медиҳад. Инчунин, дар Тоҷикистон давлат ташкили худидоракунии маҳаллиро кафолат медиҳад.

Интихобот дар Ҷумҳурии муосири Тоҷикистон як унсури зарурии демократия буда мафҳуми он гуногунҷабҳа мебошад[47]. Якум, интихобот дар баробари раъйпурсӣ мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 6)[48] ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ, як шакли амалӣ кардани демократия дар кишвар мебошад, ки халқ иродаи сиёсии худро мустақиман изҳор мекунанд. Дуюм, интихобот механизми татбиқи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон барои интихоб намудан ва интихоб шудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ мебошад (моддаи 27)[49]. Сеюм, интихобот воситаи қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ ва таҷдиди сиёсии он мебошад. Тавассути интихобот, халқ ба намояндагони интихобшудаи худ ҳуқуқи амалӣ намудани ҳокимияти давлатиро барои давраи муайян (одатан чаҳор ё панҷ сол) месупоранд. Чорум, интихобот тарз ва расмиёти ташаккули демократии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ мебошад.

Интихобот ва демократия, гарчанде онҳо ба ҳам вобастагӣ доранд, аммо мазмуни гуногун доранд. Таҷрибаи таърихӣ мисолҳои зиёди истифодаи

[47] Имомов А.И. Конституционное право Республики Таджикистан (на тадж.яз.). – Душанбе, 2012. – С. 310.
[48] Конституция (Основной Закон) Республики Таджикистан. –Душанбе, 2003.
[49] Конституция (Основной Закон) Республики Таджикистан. –Душанбе, 2003.

интихоботро дар ҳолатҳое медонад, ки ба таҳдид ва интиқоли қудрат пас аз овоздиҳӣ рабт надоранд. Интихоботи демократӣ, озод, кушода ва рақобатпазир натиҷаи таҳаввулоти дарозмуддати падидаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд. Дар шароити муосири гузариш ба низоми демократияи сиёсӣ, ки барои онҳо изҳори иродаи шаҳрвандон шарти қонунии ҳокимият, пайдарҳамӣ ва муттасилии фаъолияти мақомоти интихобшудаи давлатӣ мебошад, эҳтимолияти гузариши мустақиман ба рушд ва риояи бечунучарои принсипҳои сиёсию ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани интихобот, рушди малакаҳои иштироки демократии шаҳрвандон дар ҷараёни интихобот ва дарки аҳаммияти иҷтимоии маъракаҳои даврии интихобот вобаста аст[50].

Истилоҳи «Ҳуқуқи интихоботӣ» бо ду маъно истифода мешавад: объективӣ ва субъективӣ. Ҳуқуқи объективӣ маҷмуи меъёрҳои (қоидаҳои) ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдори интихобшударо ба вуҷуд меоранд[51]. Бояд қайд кард, ки доираи муносибатҳои танзимкунандаи меъёрҳои қонунгузории интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон торафт васеъ шуда истодааст. Агар дар давраи Шуравӣ дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои интихоботӣ ташкили танҳо мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатиро танзим мекард, пас пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, интихобот воситаи асосии ташкили мақомоти намояндагии худидоракунии маҳаллӣ ва инчунин роҳбари давлат мебошад.

Ҳуқуқи субъективии ҳуқуқи интихобот маънои кафолати давлатро барои иштироки шаҳрванд дар интихобот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дорад. Ин асосан ҳуқуқи овоздиҳии фаъол - ҳуқуқи овоздиҳӣ ва ҳуқуқи ғайрифаъол - ҳуқуқи интихоб шуданро дар бар мегирад. Аммо, ҳуқуқҳои субъективии интихоботи шаҳрвандон бо ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар интихобот маҳдуд нестанд. Онҳо хеле васеътар мебошанд. Ҳуқуқҳои субъективии интихоботи шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд: ҳуқуқи иштирок дар пешбарии номзад ба вакилӣ; ҳуқуқи иштирок дар маъракаи пешазинтихоботӣ ҳам барои дастгирӣ ва ҳам муқобили номзадҳои мушаххас; ҳуқуқи шахси боваринок будани вакил, нозир, узви комиссияи интихобот ва ғайра.

Нуқтаи назари анъанавии интихобот ба сифати расмиёти расмии ташкили мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳое маҳдуд ва нопурра нест, ки интихобот ба як ниҳоди демократия, роҳи амалӣ кардани шахсияти сиёсии шаҳрвандон, заминаи конститутсионии низоми давлатӣ табдил ёбад.

[50] Избирательное право и избирательный процесс в Российской Федерации. Учебник для вузов. Отв. Редактор- доктор юридических наук А. В. Иванченко. – М.: 1999. – С. 11.
[51] Имомов А.И. Конституционное право Республики Таджикистан (на тадж.яз.). – Душанбе, 2012. – С. 310.

Интихобот, пеш аз ҳама, иродаи ба ҳар як интихобкунанда дар алоҳидагӣ ва дар маҷмуъ иродаи баёнгардида барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мебошад.

Ташаккули падидаҳои демократияи интихобӣ дар мамлакати мо аз рӯи сенарияи рушди ҳар гуна раванди таърихӣ, яъне дар шароити ҷустуҷӯи мувозӣ барои сохтори нави ташкили қудрат ва ба расмият даровардани падидаҳои иштироки сиёсии шаҳрвандон дар татбиқи он дар сатҳи давлатӣ сурат гирифтаст. Хусусияти марҳилаи кунунӣ дар марҳилаи гузариши он қарор дорад, вақте ки ниҳодҳои кӯҳна таъсири худро ба таҳия ва қабули қарорҳои калидӣ нигоҳ медоранд ва муассисаҳои нав ҳанӯз сифатҳои зарурӣ барои таъсир расонидан ба сиёсати ояндаи рушд ва танзими онро надоранд. Ин маънои онро дорад, ки дар низом ва равандҳои фаъолияти ҳокимият, ҳамзамон интиқолгарони муқобили тамоюлҳои иҷтимоӣ - модернизатсия ва барқарорсозӣ ва технологияҳои идоракунии иҷтимоӣ мавҷуданд, ки дар бӯҳронҳо ва низоъҳои институтсионалии доимӣ зоҳир мешаванд. Ҳалли қазияи мазкур танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар байни нерӯҳои пешбарандаи ҷомеаи сиёсӣ ва гурӯҳҳо мусолиҳа ба даст ояд, ки ин дар навбати худ роҳи ҳали мувофиқати манфиатҳо ва мавқеъҳоро ифода мекунад. Бо эҷоди як сохтори ҳуқуқии ҷамъиятӣ барои ҳамкории ҷомеа ва давлат, ки метавонад як шарти фаъолият ва мавҷудияти муштараки онҳо гардад, нобоварӣ ва бегонагии тарафайнро бартараф кардан мумкин аст. Падидаҳои демократияи бевосита ва намояндагӣ чунин сохторе мебошанд, ки ба туфайли он ҳокимият ва шаҳрвандон бо риояи шароити мустақилият, таҷдид ва танзими худ дар реҷаи муколамаи доимӣ ва назорати мутақобила зиндагӣ мекунанд.

Аммо, муносибатҳои байни ҷамъият ва давлат, ҳукумат ва шаҳрванд дар шароити шакли демократии ташкили онҳо идеалӣ нестанд. Назорати сиёсии шаҳрвандӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ як қатор хусусиятҳои зиддиятнок дорад. Демократия ба пайдоиши қудрати ҷамъшудаи гурӯҳҳо ва манфиатҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад. мушкилие, ки тамоюлҳои манфии рушдро ба бор меоранд, бӯҳронҳо ва ҳатто заъфҳои интихоботиро ба вуҷуд меоранд. Шаклҳои номатлуби демократия, ба монанди демократияи ҷудогона, потенсиали харобиоварро ҳамчун давлати тоталитарӣ ё бюрократӣ доранд. Аз ин рӯ, зарурати фаврии ҳамаҷонибаи ин падидаи иҷтимоию таърихӣ, дарки моҳияти сиёсии он, ошкор кардани мундариҷаи ҳуқуқӣ ва кафолати камтарин хароҷоти иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба низоми иштироки масъулияти шаҳрвандон ва намояндагони интихобшудаи онҳо дар сохторҳо ва равандҳои ҳокимият мебошад.

Интихобот муҳимтарин ниҳод барои ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҷомеаҳои муосири сиёсӣ мебошад. Онҳо соҳаи нав ва соҳаи фаъолияти касбиро ташкил медиҳанд. Дар илми муосир, зуҳуроти

қудрат дар маҷмуъ ва қудрати интихобӣ аз ҷониби намояндагони касбҳои гуногун ва пеш аз ҳама ҳуқуқшиносон, таърихшиносон, сиёсатшиносон ва сиёсатмадорон асоснок карда шудааст.

Консепсияи муосири демократияи интихоботӣ ва қонунгузории интихобот ҳамчун як низоми институтҳои ҳуқуқии давлатӣ, ки ба иродаи сиёсии шаҳрвандон асос ёфтаанд ва иштироки онҳоро дар раванди интихобот танзим мекунанд, аз ғояҳои қаблан таҳияшуда фарқ мекунад. Ҳуқуқи нави интихобот як соҳаи муҳим дар миқёс ва таъсири амали ҳуқуқӣ, қоидаҳо ва расмиёте мебошад, ки таҷдиди сиёсӣ ва интиқоли қудратро аз рӯи натиҷаҳои интихоботи мунтазам баргузоршуда таъмин менамояд.

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ зери мафҳуми интихобот чун «тартиби ташкили мақомоти давлатӣ ё ваколатдиҳии шахси мансабдор, ки бо роҳи овоздиҳии шахсони ваколатдор амалӣ карда мешавад, ба шарте, ки якчанд номзад барои ҳар як ваколатнома (мандат) иваз карда шаванд» фаҳмида мешавад[52].

Интихоботи алтернативӣ аз дигар усулҳои ташаккули ҳайати шахсии мақомоти давлатӣ фарқ мекунад. Дар баробари ин, тарзҳои гуногуни бо чунин равишҳо чун таъин, мерос ва пур кардани мансабҳои гуногун аз рӯи вазифа ва қуръа маълуманд.

Бояд қайд кард, ки ислоҳоти конститутсионии соли 1999 хусусияти мувофиқаткунандаи Конститутсияи соли 1994-ро тақвият дода, баъзе мушкилоти рушди иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи олии ҳуқуқӣ ҳал намуд. Инҳо демократикунонии қоидаҳо ва муқаррароти муайяни интихоботро дар бар мегиранд: ба фаъолияти низоми бисёрҳизбӣ иҷозат медиҳанд: аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, ташкили парлумони касбии доимӣ ва ғайра. Дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ қонунҳои нави интихобот қабул карда шуданд, ки дар асоси он интихоботи ҳайати нави Маҷлиси Олӣ - Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ баргузор гардид, интихобот дар низоми бисёрҳизбӣ баргузор гардид. Намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ дар парлумон соҳиби ҷой гардиданд.

Гуфтан мумкин аст, ки пас аз ба охир расидани маъракаҳои сиёсии солҳои 1999-2000, гузаронидани раъйпурсӣ ва интихобот, як қатор ҷиҳатҳои мусбӣ дар рушди иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омад. Аз ҷумла, интихобот дар заминаи бисёрҳизбӣ баргузор шуд, парлумони доимӣ таъсис ёфт, интихобот асосан дар асоси алтернативӣ баргузор шуд ва иҷрои Созишномаи умумӣ оид ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ асосан ба анҷом расид.

[52] Алебастрова И.А. Конституционное право зарубежных стран. – М., 2001. – С. 158.

Интихобот роҳи қадимтарини ба шахсият додани ваколати ҳокимӣ мебошад. Нигоҳ доштан ва истифодаи васеъи онҳо дар давлатҳои демократӣ аз он иборат аст, ки онҳо як қатор вазифаҳои иҷтимоиро иҷро мекунанд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

1. Ин воситаи муҳими таъмини қонунияти ҳокимият, яъне эътирофи он аз ҷониби аҳолӣ, омодагӣ ба иҷрои ихтиёрии он мебошад.

2. Ин мизони ҳаёти сиёсӣ, нишондиҳандаи таносуби қувваҳо ва манфиатҳои мухталиф дар ҷомеа мебошад.

3. Ин воситаи интихоби пешвоёни сиёсӣ аст, ки ба шаҳрвандон имкони вогузор кардани функсияҳои идоракуниро ба одамоне фароҳам меорад, ки ба назари онҳо сазовори эътимод ва сифатҳои мувофиқ мебошанд.

4. Ин унсури муҳими роҳҳали таъмини соҳибихтиёрии халқ ва низоми демократии сиёсӣ мебошад, ки ба туфайли он салоҳияти мақомоти муҳимтарини давлатӣ сарчашмаи иродаи халқ мебошанд.

Интихобот шакли қонунишудаи изҳори иродаи мустақими халқ аст, ки зуҳуроти демократияро ифода менамояд. Тавассути интихобот шаҳрвандон ба ташаккули мақомоти давлатӣ таъсир расонида, ҳуқуқи асосии сиёсии худ - иштирок дар идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро амалӣ мекунанд. Агар мақомоти давлатӣ дар заминаи интихоботи бовиҷдонона (ғайриқалобона), шаффоф ва одилона, бо иштироки худи шаҳрвандон ташаккул дода нашаванд, ҷомеаи шаҳрвандии дар асоси гуногунандешиву манфиатҳои шаҳрвандон бунёдёфта итоати ихтиёрии шаҳрвандон ба қонунро таъмин карда наметавонад ва эҳтимол аз таркишҳои шадиди иҷтимоӣ ва бархӯрдҳои хунин канорачӯӣ карда наметавонад. Интихоботи демократӣ муқобилмаънои (антиподи) ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳалли зӯронаи масъалаи ҳокимият мебошад.

Аз ҷониби худ интихобот бевосита сохти сиёсии давлатро инъикос менамояд ва ба он таъсир мерасонад. Тамоми раванди ташкил, тартиби гузаронидани интихобот ва муайяннамоии натиҷаҳои он бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, яъне ҳизбҳои сиёсӣ робитаи зич дорад. Интихобот аз рӯи тарзи гузаронидан дар асоси низоми духизбӣ ва бисёрҳизбӣ фарқ мекунанд. Интихобот ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки мазмуни аслии барномаҳои ҳизбҳои сиёсиро, ки барои ҳокимият дар давлат мубориза мебаранд, муайян намоянд. Танҳо интихобот иродаи аксарияти мардумро, ки дар асоси он ҳокимияти демократӣ ташаккул додан мумкин аст, муайян мекунад. Ҳизбҳои сиёсӣ ба ташаккулёбии ин аксарият мусоидат мекунанд.

Низоми интихоботӣ ва ҳуқуқи интихоботӣ заминаҳои зарурии татбиқи ҳокимияти халқӣ - принсипи бунёдии давлатдории Тоҷикистон мебошанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои бунёдгузореро дар бар мегирад, ки ба раванди ташкил ва гузаронидани интихобот дахл дошта, қувваи олии ҳуқуқӣ доранд ва дар тамоми қаламрави кишвар татбиқ карда

мешаванд. Дар Конститутсия формулаи ҳуқуқии муносибати мутақобилаи байни демократия ҳамчун шакли сиёсии ташкили ҳокимияти халқӣ ва интихобот ҳамчун ниҳоде, ки яке аз воситаҳои иштироки мустақими шаҳрвандонро дар идораи корҳои давлат ва ҷамъият таъмин менамояд, дарҷ гардидааст, ин муқаррарот ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон, қобилияти ҳуқуқи давлатии ҷомеа мансуб дониста шудаанд, ки тибқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи ягонаи ҳокимият халқ мебошад, ки ҳокимияти худро бевосита, инчунин тавассути мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ мекунад. Тавсифи конститутсионии ниҳодҳои раъйпурсӣ ва интихобот чун ифодаи олитарину бевоситаи ҳокимияти халқ тавсифи бунёдгузор мебошад.

Бояд гуфт, ки мафҳуми демократияи интихоботӣ ва қонунгузории интихоботии муосир ҳамчун низоми ниҳодҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ки ба изҳори иродаи сиёсии шаҳрвандон асос ёфтаву иштироки онҳоро дар маъракаи интихоботӣ танзим мекунанд, аз тасаввуроти илмии қаблан таҳияшуда фарқ доранд. Ҳуқуқи интихоботии муосир соҳаи аз ҷиҳати фарогирӣ ва таъсирбахши васеи қоидаҳо, амалҳо ва расмиёте мебошад, ки таҷдиди сиёсӣ ва интиқоли ҳокимиятро дар натиҷаи интихоботи давра ба давра баргузоршаванда таъмин менамоянд. Ҳуқуқи интихоботӣ ин маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки имкониятҳои ҳама ширкаткунандагони муносибатҳои ҳокимиятиро оид ба интихоби Президенти ҶТ, мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ ба мақсади қабул намудани қарорҳои ҳатмӣ қонунан мустаҳкам менамояд. Маҳз интихобот шакли олии демократияи бевосита ва нишондиҳандаи идораи демократии давлат, аломат ё маҳаки муайянкунандаи татбиқи низоми тартиботи демократӣ дар кишвар, шаклҳои ифодаи соҳибихтиёрии халқ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Алебастрова, И.А. Конституционное право зарубежных стран [Текст] / И.А. Алебастрова. – М., 2001. – 656 с.

2. Имомов, А.И. Конституционное право Республики Таджикистан (на тадж.яз.) [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе, 2012. – 496 с.

3. Избирательное право и избирательный процесс в Российской Федерации [Текст]: учебник для вузов / отв. ред.: д-р юрид. наук А. В. Иванченко. – М., 1999. – 856 с.

4. Конституция (Основной закон) Республики Таджикистан [Матн]. – Душанбе, 2003. – 83 с.

5. Представительная демократия и электорально-правовая культура [Матн] / под общ. ред. Ю.А. Веденеева и В.В. Смирнова. – М.: Весь Мир, 1997. – 271 с.

ЗНАЧЕНИЕ ВЫБОРОВ В ДЕМОКРАТИЧЕСКОМ ГОСУДАРСТВЕ

Ключевые слова: демократия; выборы; Конституция; государственный орган; парламент; представительная демократия; референдум; конституционная реформа.

Аннотация: Формирование института демократических выборов в нашей стране, как и развитие всех исторических процессов, происходит в контексте одновременного открытия новых структур управления и формализации института политического участия граждан и его реализации на государственном уровне. Высшая ценность человека, его права и свободы признаны и закреплены в Конституции Республики Таджикистан 1994 года. Государство признает, соблюдает и защищает права и свободы человека и гражданина. В Таджикистане люди являются выражением суверенитета и источником государственной власти, которую они осуществляют напрямую или через своих представителей. Также была создана необходимая правовая база для активного участия организаций гражданского общества в процессе защиты избирательных прав граждан, и обладателям этих прав были предоставлены правовые средства самообороны.

В этой статье автор исследует демократические ценности выборов на современном этапе, используя богатую юридическую литературу.

Гадоев Бурхониддин Саймудинович – доктор юридических наук, профессор кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета. **Тел.:** (+992) 917-75-63-20.

THE MEANING OF THE ELECTION IN THE DEMOCRATIC STATE

Keywords: democracy; elections; the Constitution; the public authority; the parliament; representative democracy; the referendum; constitutional reform**.**

Annotation: The formation of the institution of democratic elections in our country, as well as the development of all historical processes, takes place in the context of the simultaneous opening of new governance structures and the formalization of the institution of political participation of citizens and its implementation at the state level. The highest value of a person, his rights and freedoms are recognized and enshrined in the 1994 Constitution of the Republic of Tajikistan. The state recognizes, observes and protects the rights and freedoms of man and citizen. In Tajikistan, people are an expression of sovereignty and a source

of state power, which they exercise directly or through their representatives. The necessary legal framework was also created for the active participation of civil society organizations in the process of protecting citizens' suffrage, and legal means of self-defense were provided by the holder of these rights.

In this article, the author explores the democratic values of elections at the present stage, using rich legal literature.

Gadoev Burhoniddin Saymudinovich – Doctor of Law, Professor of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, Tajik National University. **Phone:** (+992) 917-75-63-20.

ГУЛОСОВ Алоуддин Гулосович,
старший преподаватель кафедры государственно-правовых дисциплин юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета
Тел.: (+99232) 227-86-48.

УДК: 341.231.145

О РАБОТЕ АППАРАТА УПОЛНОМОЧЕННОГО ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ И РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: права человека; Уполномоченный по правам человека; права гражданина; государственный орган; права и свободы человека и гражданина.

Аннотация: В данной статье рассматриваются основные вопросы работы аппарата Уполномоченного по правам человека в Российской Федерации и Республике Таджикистан, исследуются основные моменты становления и развития вышеназванного института и его основные проблемы в современном правовом государстве.

Сфера прав и свобод человека и гражданина пользуется популярностью для изучения среди ученых и специалистов по различным дисциплинам во всем мире уже на протяжении нескольких столетий. Подобное внимание к данной проблематике обусловлено как объективными факторами повседневной жизни человеческого социума, так и различными историческими событиями, связанными с торжеством прав человека и признанием их в качестве высшей ценности. Кроме того, актуальность исследования прав и свобод человека и гражданина усиливается посредством понимания и осознания необходимости их закрепления в законодательстве международного и национального уровня, так как без официального оформления в виде правовой нормы любые права и свободы попросту лишаются юридической силы и становятся необязательными для исполнения[53].

Как известно, на сегодняшний день сфера прав и свобод человека и гражданина чрезвычайно многообразна и разнонаправленна, она затрагивает все отрасли нашей повседневной жизни, находит свое отражение в каждом

[53]Безуглов А. А., Солдатов С. А. Конституционное право России: учебник для юридических вузов: в 3 т. – М., 2001. – Т. 1 – С. 318.

проявлении взаимодействия и участия человека в общественных отношениях. Безусловно, помимо сугубо декларативного характера прав и свобод человека и гражданина, которые закреплены в различных нормативных правовых актах международного и национального уровня, важно, чтобы они обладали и практическим характером, а именно, чтобы субъекты, которые наделены данными правами, могли беспрепятственно реализовать их в повседневной жизни. К сожалению, следует констатировать, что далеко не всегда то или иное лицо способно свободно реализовать своё законное право. Одной из основных причин подобного развития событий является тот факт, что некоторые государственные органы и должностные лица намеренно или легкомысленно нарушают права граждан, а также всячески препятствуют их реализации.[54]

Обращаясь к историческим фактам, следует отметить, что впервые институт Уполномоченного по правам человека появился в Швеции в 1809 году, но признать данный институт похожим на его современные аналоги крайне сложно. Шведский прообраз Уполномоченного представлял собой созданное парламентом должностное лицо, которое было обязано принимать и рассматривать жалобы от граждан Швеции на незаконные действия или бездействие администрации. Важный правовой статус омбудсмена был зафиксирован в ст. 97 Конституции Швеции, что стало первым подобным прецедентом и положило начало подобной практики в законодательстве зарубежных государств. Тем не менее, несмотря на более чем двухсотлетнюю историю, активная рецепция института специализированного омбудсмена или Уполномоченного началась лишь во второй половине XX века, прежде всего в странах Европы.

Слово «омбудсмен» изначально шведское, однако некоторые штаты США, Канады и Индии, а также скандинавские соседи Швеции – Финляндия, Дания и Норвегия, используют его для обозначения данного института и по сей день. В других же государствах термин «омбудсмен» обозначается как «представитель», «поверенный», «делегат», «адвокат» или, как в законодательстве РФ и РТ, «уполномоченный».

Анализируя становление и развитие института Уполномоченного по правам человека в Российской Федерации, следует отметить, что фактически Уполномоченный по правам человека в России возник еще в 1994 году. Нормативной базой для этого послужили президентский Указ «О мерах по обеспечению конституционных функций Уполномоченного по правам

[54] Авакьян С.А. Конституционное право Российской федерации: учебный курс: в 2 т. - 2-е изд., перераб. и доп. М.: Юристъ, 2006. – Т. 1. – С. 357.

человека», а также п. «е» ч. 1 ст. 103 Конституции РФ.[55] Полноценное и окончательное юридическое оформление указанный институт получил лишь в 1997 году с принятием соответствующего Федерального конституционного закона (далее – ФКЗ). Правовой статус института Уполномоченного по правам человека раскрывает его в виде контрольного органа, имеющего определенную действующим законодательством компетенцию и специфические полномочия рекомендательно-восстановительного характера. Иными словами, это правозащитный контрольный орган, олицетворяющий гарантию государства по обеспечению и соблюдению прав человека и гражданина со стороны органов власти.

Соответственно, фундаментальной правовой основой деятельности Уполномоченного по правам человека в Российской Федерации является Конституция РФ и вышеуказанный ФКЗ. Необходимо подчеркнуть, что помимо федерального, общероссийского правозащитного должностного лица – Уполномоченного по правам человека в Российской Федерации, аналогичные должностные лица действуют и в субъектах Российской Федерации. Подобный механизм предусмотрен с целью обеспечить правовую защищенность для максимального количества граждан Российской Федерации, проживающих во всех её отдаленных местностях, а также для разгрузки деятельности федерального омбудсмена. На сегодняшний день институт Уполномоченного по правам человека осуществляет свою деятельность абсолютно во всех субъектах Российской Федерации. Следовательно, осуществляя свои полномочия, они руководствуются не только федеральным законодательством, но и принятым в соответствии с ним законодательством субъекта Российской Федерации.

Рассмотрев вопросы, связанные с правовым регулированием деятельности Уполномоченного по правам человека в Российской Федерации, необходимо обратиться к анализу конкретных аспектов и форм реализации его полномочий. В данном отношении в первую очередь следует обозначить основные направления деятельности Уполномоченного по правам человека в Российской Федерации. К таким направлениям следует отнести:

– рассмотрение поступивших от граждан или их объединений различных обращений, заявлений и жалоб о нарушении их прав и свобод в бумажном и электронном формате;

– совершение действий по проверке поступивших обращений о нарушении прав и пресечению нарушений в случае их подтверждения;

[55] Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993 с изменениями, одобренными в ходе общероссийского голосования 01.07.2020). Ст.853.

– осуществление анализа нормативно-правовой базы субъекта Российской Федерации на предмет наличия в ней нарушений прав граждан или отдельной социальной группы;

– разработку проектов нормативных правовых актов, направленных на совершенствование и повышение эффективности действующего законодательства в сфере прав и свобод человека и гражданина по вопросам ведения Уполномоченного;

– направление государственным органам, органам местного самоуправления и должностным лицам замечаний и предложений общего характера, относящихся к обеспечению прав и свобод человека и гражданина, совершенствованию административных процедур.

Институт Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан учрежден по инициативе Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона. Ещё в 2007 году в своём Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан он подчеркнул, что «с целью дальнейшего развития процесса демократизации общества, а также повышения уровня защиты прав человека настало время создать в нашей стране национальный институт Уполномоченного по правам человека.

Эта структура, в качестве одного из демократических институтов, должна еще больше укрепить связь и сотрудничество государственных органов с гражданским обществом. Необходимо принять соответствующие организационно-правовые меры для создания такой структуры». Для осуществления данной инициативы разработан и принят Закон Республики Таджикистан «Об Уполномоченном по правам человека», который введен в действие 4 апреля 2008 года. На основе данного Закона 27 мая 2009 года с согласия Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан Президентом Республики Таджикистан был назначен Уполномоченный по правам человека и с этого времени началась практическая деятельность данного института.[56]

Образование этого института для государства, заявившего о своей приверженности принципам демократического, правового и светского общества, имеет весьма важное значение, так как достижение этих целей возможно только признанием, уважением, соблюдением и защитой прав и свобод человека и гражданина. Необходимость учреждения данного института вытекает из указанных целей, так как Уполномоченный по правам человека дополняет имеющиеся механизмы защиты прав и свобод человека и гражданина и является совершенно самостоятельным органом,

[56] Диноршоев А.М. Конституционное право Республики Таджикистан. Цикл лекций. – Душанбе, 2015. – 240 с.

пользующимся всеми возможностями для защиты и продвижения прав человека.

Закон Республики Таджикистан «Об Уполномоченном по правам человека в Республике Таджикистан» определяет, что Уполномоченный по правам человека учреждается в целях усиления конституционных гарантий государственной защиты прав и свобод человека и гражданина, содействия их соблюдению и уважению органами государственной власти, органами самоуправления в поселке и селе (джамоатами), их должностными лицами, руководителями и должностными лицами предприятий, учреждений и организаций, независимо от организационно-правовых форм. Учреждение такого института, который в действительности является институтом демократического общества, показало, что Республика Таджикистан твердыми шагами неотступно идет по пути защиты и продвижения прав человека. Такое действие повысило авторитет нашей республики на мировом уровне и улучшило наши отношения с международными организациями и развитыми странами мира, которые уделяют серьезное внимание вопросу соблюдения прав и свобод человека.

Этап становления института Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан и его развитие как государственного правозащитного органа, осуществляющего свою деятельность на принципах независимости, доступности, профессионализма, продолжается. На этом пути встречаются трудности и объективные проблемы. Однако за короткий срок деятельности Уполномоченного для усиления его роли сделаны определенные шаги. Деятельность института Уполномоченного по правам человека за отчетный период показала, что она соответствует требованиям демократического, правового и светского общества Таджикистана и является эффективным механизмом для защиты и всестороннего развития прав и свобод человека.

В соответствии со статьей 11 Закона Республики Таджикистан «Об Уполномоченном по правам человека в Республике Таджикистан» основной функцией Уполномоченного по правам человека является содействие:

а) соблюдению прав и свобод человека и гражданина;

б) восстановлению нарушенных прав и свобод человека и гражданина;

в) совершенствованию законодательства Республики Таджикистан по правам и свободам человека и гражданина;

г) правовому просвещению граждан в области прав и свобод человека и гражданина, форм и методов их защиты;

д) взаимодействию государственных органов Республики Таджикистан по защите прав и свобод человека и гражданина;

е) развитию и координации международного сотрудничества в области прав и свобод человека и гражданина. В целях выполнения своих функций Уполномоченный по правам человека осуществляет сбор и анализ информации, получаемой от органов государственной власти, органа самоуправления в поселке и селе (джамоата), учреждений, организаций и предприятий независимо от их организационно-правовых форм, а также отдельных граждан и средств массовой информации.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993 с изменениями, одобренными в ходе общероссийского голосования 01.07.2020) [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_28399/ (дата обращение: 02.08.2025)

2. Конституция Республики Таджикистан 6 ноября 1994 года (в ред. Референдума от 26.09.1999 г., от 22.06.2003 г., от 22.05.2016 г.) [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://mfa.tj/ru/main/tadzhikistan/konstitutsiya. (дата обращение: 02.08.2025)

3. Авакьян, С.А. Конституционное право Российской Федерации [Текст]: учебный курс: в 2 т. - 2-е изд., перераб. и доп. / С.А. Авакьян. – М.: Юристъ, 2006. – Т. 1. – 719 с.

4. Безуглов, А.А., Солдатов, С.А. Конституционное право России [Текст]: учебник для юридических вузов: в 3 т. / А.А. Безуглов, С.А. Солдатов. – М., 2001. – Т. 1. – 799 с.

5. Диноршоев, А.М. Конституционное право Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. Цикл лекций. – Душанбе, 2015. – 240 с.

ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ДАСТГОҲИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: ҳуқуқи инсон; Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон; ҳуқуқҳои шаҳрвандон; мақоми давлатӣ; ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии фаъолияти дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, нуктаҳои асосии ташаккул ва рушди институти дар боло зикршуда ва мушкилоти асосии он дар давлати муосири ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешаванд.

Гулосов Алоуддин Гулосович – муаллими калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон. **Тел.:** (+99232) 227-86-48.

ABOUT THE WORK OF THE OFFICE OF THE COMMISSIONER FOR HUMAN RIGHTS IN THE RUSSIAN FEDERATION AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: human rights; human rights commissioner; citizen rights; government agency; human and civil rights and freedoms.

Annotation: This article examines the main issues of the work of the Office of the Commissioner for Human Rights in the Russian Federation and the Republic of Tajikistan, examines the main points of the formation and development of the above-mentioned institution and its main problems in a modern rule of law state.

Gulosov Alouddin Gulosovich - senior lecturer at the department of state and legal disciplines of the faculty of law of the Russian-Tajik (Slavonic) University. **Phone:** (+99232) 227-86-48.

ҚАМАРОВ Қамар Маҳмадраҷабович,
докторант (PhD)-и кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 938-18-28-28.

УДК: 342.53

ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ ПАРЛУМОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон; Маҷлиси Олӣ; Маҷлиси миллӣ; Маҷлиси намояндагон; мақоми олии қонунгузор; ҷараёни қонунэҷодкунӣ; намояндаи халқ; вакили парлумон; ҳокимияти қонунбарор; шохаҳои ҳокимият; Шурои парлумонӣ; комиссияҳои доимӣ; таъмини шаффофият; муносибатҳои байналмиллалӣ.

Аннотатсия: Мақола ба мавзуи муҳими ҳуқуқи конститутсионӣ, таъмини фаъолияти парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки парлумон ҳамчун ниҳоди олии намояндагӣ ва қонунгузории ҳар як давлати демократӣ, нақши ҳалкунандаро дар ташаккули сиёсати давлатӣ, таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ ва назорати фаъолияти ҳокимияти иҷроия мебозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии қонунбарор - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳамчун таҷассуми иродаи халқ ва пояи асосии ҳокимияти қонунгузор, дар таҳкими давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ мақоми калидӣ дорад.

Таъмини фаъолияти пурсамар ва самаранокии парлумон, қабл аз ҳама, ба мавҷудияти заминаҳои ҳуқуқӣ, моддӣ, ташкилии дуруст ва ҳамоҳангшуда вобаста аст. Ин омилҳо барои он муҳим мебошанд, ки тавассути онҳо вакилони мардумӣ метавонанд сари вақт ва бо сатҳи баланди масъулият вазифаҳои намояндагӣ, қонунгузорӣ ва назоратиро иҷро намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ роҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягонаро пешаи худ қарор дода, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф ва эълон намуд. Дар ин ҷода мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (парлумон) нақши муҳим дорад.

Парлумон яке аз ниҳодҳои асосии давлатӣ мебошад, ки дар ташаккули қонунгузории кишвар нақши калидӣ дорад. Дар кишварҳои дорои низоми демократӣ, парламент оинаи иродаи халқ буда, тавассути интихоботи озод

ташкил мешавад ва фаъолияти он асоси адолат, шаффофият ва ҳифзи ҳуқуқу озодии шаҳрвандон мебошад.

Сарчашмаи калимаи «парламент» аз забони фаронсавии қадимӣ омада, маъноияш «сухан гуфтан» аст. Парламент мақоми намояндагиест, ки тавассути он шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ штирок мекунанд. Вазифаи асосии он таҳия ва қабул кардани қонунҳо мебошад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро танзим мекунанд - аз иқтисодиёт то маориф, аз муҳити зист то амнияти миллӣ.

Парламент дар кишварҳои гуногун бо номҳои мухталиф шинохта мешавад. Ҳарчанд ки номҳои ин ниҳодҳо вобаста ба таърих, фарҳанг ва сохтори сиёсии кишварҳо фарқ мекунанд, лекин вазифаи аслии онҳо якхела мебошад - яъне қонунбарорӣ ва намояндагии мардум аст. Бо овардани намунаҳо аз кишварҳои гуногун ба мисоли (Россия - «Маҷлиси федералӣ», ИМА - «Конгресс», Британияи Кабир - «Парламент», Олмон - «Бундестаг», Ҳиндустон - «Сансад», Эрон - «Маҷлиси Шурои Исломӣ», Туркия - «Маҷлиси Бузурги Миллӣ» ва Афғонистон - «Шӯрои миллӣ»), муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна ҳар як кишвар ба парламенти худ номгузории хос кардааст. Ин гуна муқоиса ба хонанда фаҳмиши беҳтаре дар бораи сохторҳои сиёсӣ дар сатҳи байналмилалии парлумон медиҳад.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қаблан ҳамчун Шурои Олии ҶШСТ фаъолият мекард, таърихи қариб 90-сола дорад. Бояд зикр намуд, ки аввалин даъвати Шурои Олии ҶШСТ соли 1938 ба фаъолият оғоз намудааст. Роҳи тайнамудаи Мақоми Олии намояндагӣ ва қонунгузор аз даъвати якум (1938) то даъвати ҳафтуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2025-2030) пурпечутоб, дорои аҳаммият, хусусиятҳои хос ва марҳалаҳои гуногун мебошад. Агар ба сохти давлатдорӣ ва таърихи халқамон каме назар андозем, мебинем, ки меъёрҳои қонун, одоб ва ахлоқ ҳеҷ гоҳ ба сиришти халқи мо бегона набудааст. Қобили зикр аст, ки мақомоти касбии қонунгузорӣ дар шакле, ки имрӯз дар олам фаъолият мекунад, падидаи нисбатан нав ва зодаи чанд садаи охир мебошад[57].

Аз ҷумлаҳои дар боло овардашуда бар меояд, ки Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи қариб 90-сола дорад ва ин таърих ҷузъи муҳими раванди давлатсозӣ ва ташаккули сохти ҳуқуқии кишвар мебошад. Шурои Олии ҶШСТ соли 1938 ба фаъолияти расмии худ оғоз намуд ва ин заминаро барои ташаккули низоми муосири қонунгузории Тоҷикистон фароҳам овард.

Ду марҳалаҳои асосии рушди парлумони Тоҷикистон

а) Давраи Шуравӣ (1938–1991)

[57]Ниг.: Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] / Реҷаи дастрасӣ: www.parlament.tj. (санаи мурочиат: 26.06.2025).

Ин давра бо таъсиси Шурои Олии ҶШСТ оғоз ёфта, тамоми фаъолият дар доираи сиёсати ягонаи ҳизби коммунист сурат мегирифт. Қонунгузорӣ бештар аз боло - аз ҳизб ва марказ - шакл мегирифт. Парлумон дар амал бештар як мақоми тасдиққунанда буд, на як сохтори мустақили намояндагӣ.

б) Давраи соҳибистиқлолӣ (аз 1991 то имрӯз)

Баъд аз соҳибистиқлолӣ, зарурати ташкили як низоми демократии намояндагӣ пеш омад. Соли 1994 Конституцсия (Сарқонуни) нав қабул гардид, ки ба низоми думақомии парлумон асос гузошт: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон. Ин марҳила бо таҳкими мустақилияти қонунгузорӣ, иштироки васеътари ҷомеа ва институтҳои демократӣ фарқ мекунад.

Фаъолияти парлумон дар асоси Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боби дуюмаш пурра ба Маҷлиси Олӣ (аз моддаҳои 48 то 63) бахшида шудааст, Қонуни конституцсионӣ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад.

Маҷлиси Олӣ - парламенти ҶумҳурииТоҷикистон - мақоми Олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ аз ду Маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Муҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон 5 сол аст. Ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар рӯзи оғози фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони даъвати нав қатъ мегардад.[58]

Аз ин бар меояд, ки Маҷлиси миллӣ - палатаи болоӣ, ки қисман аз тарафи вакилони маҳаллӣ ва аз 4/1 ҳисаашон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мешаванд. Маҷлиси намояндагон - палатаи поёнӣ, ки бо роҳи интихоботи умумӣ интихоб мешаванд.

Дар фарқият аз парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон парлумони Федератсияи Россия «Федеральное Собрание» (Маҷлиси федералӣ) шумора ва тартиби интихоби вакилон дигаргун мебошад. Думаи давлатӣ аз 450 вакил иборат аст. Онҳо тавассути интихоботи мустақими умумӣ интихоб мешаванд; нисфи палата - аз рӯи ҳудуди интихоботии якмандатии мажоритарӣ, қисми дигар - аз рӯи рӯйхати иттиҳодияҳои интихоботӣ.

Як шахс наметавонад узви ҳарду палатаи Маҷлиси федералӣ бошад. Ва вакили Думаи давлатӣ наметавонад вакили дигар мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ бошад. Чунон ки гуфта шуд, вакилони Думаи давлатӣ дар асоси касбии доимӣ кор мекунанд ва аъзоёни Шурои Федератсия фақат давра ба давра дар Москва ҷамъ меоянд, дар вақти боқимонда дар минтақаи худ буда,

[58] Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: Нашриёти Ганҷ. 2016. м. 48.

дар он ҷо вазифаҳои штатиро ишғол менамоянд (дар ҳайати якуми Шуро дар Федератсия як қисми депутатҳо ба таври доимӣ кор мекарданд.[59]

Иҷлосияи Маҷлиси Олӣ бо иҷрои Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода ва пушида мешавад. Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рамзи соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, дар болои бинои Маҷлиси Олӣ барафрохта, дар толоре, ки иҷлосияҳои Маҷлиси Олӣ баргузор мегарданд, гузошта мешавад.[60]

Ҳангоми гузаронидани иҷлосияҳои Маҷлиси Олӣ, вакилони мардумӣ ва аъзои Маҷлиси миллӣ вазифадоранд, ки Конституцсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда, ба савганди худ содиқ бошанд ва манфиатҳои давлату миллатро дар ҷои аввал гузоранд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон фаъолияти худро дар шакли иҷлосияҳо, ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон доир мекунанд. Шӯрои Маҷлиси миллӣ ва Шӯрои Маҷлиси намояндагон, кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон фаъолияти худро дар шакли ҷаласаҳо амалӣ мегардонанд. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои дар салоҳияти онҳо буда муҳокимаҳои парламентӣ доир мекунанд.[61]

Иҷлосияҳои Маҷлиси Олӣ бо риояи муқаррароти танзимшуда дар оиннома ва қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегарданд. Ҷараёни иҷлосияҳо метавонад тавассути расонаҳои ахбори умум, бо мақсади таъмин намудани шаффофият ва огоҳии шаҳрвандон, пахш гардад.

Қонунҳоро Маҷлиси намояндагон қабул менамояд. Қонун бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигарро Конституцсия муқаррар накарда бошад. Қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагон қабул намудааст, ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод мешаванд, ба истиснои қонунхо дар бораи буҷети давлатӣ ва авф. Қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва авф танҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул карда мешаванд. Маҷлиси миллӣ қонунро бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад. Дар мавриди дастгирӣ наёфтани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ қонун такроран дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ мешавад. Дар сурати бо қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, қонун ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон

[59]Авакьян С. А. Федеральное Собрание – парламент России. – М.: Российский юридический издательський дом, 1999. – С. 36.

[60] Сафаралӣ Рачабов. Маҷлиси Олии (парламенти) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Санкт-Петербург: Издательство Специальная Литература, 1998. – С. 75.

[61] Маҷлиси Олӣ-парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маълумотнома)-Душанбе 2002. С.8.

онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.[62]

Матни пешниҳодкардашуда ба таври умум раванд ва тартиби қабули қонунҳоро дар Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ дар Тоҷикистон нишон мекунад. Аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ, таҳлили онро метавон бо чунин ҷанбаҳо анҷом дод:

1. Принсипи аксарияти овоз

Қонунҳо дар Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти умумии вакилон қабул мешаванд. Ин усул нишонаи демократия ва намояндагӣ мебошад, ки дар он тасмимҳо бо раъйпурсии аксарият қабул мешаванд.

2. Истиноҳои тартиби қабули қонун

Барои қонунҳои махсус - ба мисли буҷети давлатӣ ва авф – ҳуқуқи қабули онҳо танҳо ба Маҷлиси намояндагон дода шудааст. Ин ба ҳифзи масъулияти ҳукумат ва танзими равандҳои муҳими молиявӣ ва ҳуқуқӣ равона шудааст.

3. Талаботи думарҳилаи тасдиқ

Пас аз қабули қонун дар Маҷлиси намояндагон, он ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод мешавад, ки бояд бо аксарияти аъзои худ ҷонибдорӣ кунад. Ин механизми назорат ва баланси қудрат байни ду палатаи парламент мебошад.

4. Механизми ҳаллу фасл кардани ихтилоф

Дар сурати рад шудани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ, он боз ба Маҷлиси намояндагон бармегардад барои баррасии такрорӣ. Агар Маҷлиси намояндагон бо аксарияти на камтар аз се ду ҳиссаи вакилон тасдиқ кунад, қонун қабулшуда ҳисоб мешавад. Ин механизм барои пешгирии беназмӣ ва таъхири беандоза дар қабули қонунҳо муҳим аст.

5. Мувофиқати конститутсионӣ

Матн ба принсипҳои Конститутсия ва низоми парламентарӣ мувофиқ аст, ки дар он фаъолияти қонунгузорӣ дар асоси тартиби муайяншуда, бо иштироки ду палата ва дар асоси аксарият сурат мегирад.

Мақолаи мазкур ба таҳлили фаъолияти парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида, аҳаммияти он дар низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар нишон дода шуда аст. Дар он ҷараёни ташаккул, салоҳиятҳо ва нақши Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми олии қонунгузор баррасӣ гардида, равандҳои қабули қонун, назорати иҷрои онҳо ва ҳамкориҳои байналмилалии парлумон таҳлил мегардад. Муаллиф таъкид мекунад, ки баланд бардоштани самаранокии фаъолияти парлумон, таъмини шаффофият, иштироки фаъолонаи ҷомеа ва таҳкими пойгоҳи ҳуқуқии он барои рушди давлати демократӣ ва таҳкими давлати ҳуқуқбунёд зарур аст.

[62] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 апрели соли 2000, № 25 «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2000, № 4, мод.108.

Фаъолияти парлумони кишвар тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ амалӣ мегардад. Низоми ҳуқуқӣ, заминаҳои ташкилии-ҳуқуқӣ, механизми фаъолияти дохилӣ ва ҳамкорӣ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ барои таъмини фаъолияти муътадилу самараноки парлумон муҳиму зарурӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин замина, масъалаҳои интихоби намояндагон, ташкил ва баргузории ҷаласаҳо, қабул ва татбиқи қонунҳо, ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроия ва судӣ, инчунин иштироки ҷомеа дар раванди қабули қонунҳо аҳаммияти хос доранд.

Ҳамчунин, барои таъмини фаъолияти муассири парлумон нақши Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, муҳим мебошад. Онҳо ба таҳия ва коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили ҷаласаҳо ва назорати татбиқи қонунҳо мусоидат мекунанд.

Бо назардошти пешрафтҳои охири сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳад, то фаъолияти парлумони кишвар ҷавобгӯи талаботи демократии муосир гардад. Ба ин хотир, тақвияти шаффофият, боло бурдани сатҳи малакаи вакилон, ворид намудани технологияҳои муосир ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди қабули қонунҳо муҳим арзёбӣ мешаванд.

Дар ин замина, ҳамкории фаъоли парлумон бо созмонҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои илмӣ-омӯзишӣ низ барои густариши таҷриба ва беҳтарсозии механизми қонунқабулкунӣ аҳаммияти бузург дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир фаъолияти парлумони кишвар рӯ ба беҳбудӣ оварда, самаранокии он дар қабули санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқӣ ба чашм мерасад.

Ба таври умум, таъмини фаъолияти босамари парлумони Тоҷикистон як равандест, ки пайваста такмил меёбад ва омили муҳими таҳкими давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дар кишвар маҳсуб мешавад.

АДАБИЁТ:

1. Авакьян, С.А. Федеральное Собрание – парламент России [Текст] / С.А. Авакьян. – М.: Российский юридический издателький дом, 1999 – С.36.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ. – 2016. – 64 с.

3. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] / Реҷаи дастрасӣ: www.parlament.tj (санаи мурочиат: 20.06.2025).

4. Сафаралӣ Раҷабов Маҷлиси Олии (парламенти) Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Раҷабов. – Санкт-Петербург: Издательство Специальная Литература, 1998. – С.75.

5. Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маълумотнома) – Душанбе, 2002. – С.8.

6. Қонуни конститутсионӣ аз 19 апрели соли 2000, № 25 «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2000, № 4, мод.108.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПАРЛАМЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Парламент Республики Таджикистан; Маджлиси Оли; Маджлиси милли; Маджлиси намояндагон; высший зконодательный орган; законотворческий процесс; предстаитель народа; депутат парламента; законодательная власть; ветви власти; парламентский Совет; постоянные комиссии; обеспечение прорачности; международные отношения.

Аннотация: Статья посвящена важному вопросу конституционного права - обеспечинию деятельности парламента Республики Таджикистан. Автор отмечает, что парламент, как высший представительный и законодательный орган любого демократического государства, играет решающую роль в формировании государственной политики, укреплении правовых основ и контроле за деятельностью исполнительной власти.

В Республике Таджикистан высший законодательный орган - Маджлиси Оли Республики Таджикистан, как воплощение воли народа и главная опора законодательной власти, играет ключевую роль в укреплении демократической, правовой и социальной государственности. Обеспечение эффективной и действенной деятельности парламента зависит, прежде всего, от наличия надлежащей и слаженной правовой, материальной, организационной базы. Эти факторы важны для того, чтобы народные депутаты могли своевременно и с высокой степенью ответственности осуществлять свои представительные, законодательные и контрольные функции.

Камаров Камар Махмадраджабович – докторант (PhD) кафедры административного и финансового права Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. **Тел.:** (+992) 938-18-28-28.

SUPPORTING THE ACTIVITIES OF THE PARLIAMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: Parliament of the Republic of Tajikistan; Majlisi Oli; Majlisi Milli; Majlisi Namoyandagon; supreme legislative body; legislative process; representative of the people; member of parliament; legislative power; branches of

power; parliamentary Council; standing committees; Ensuring transparency; international relations.

Annotation: The article is devoted to an important issue of constitutional law, ensuring the activities of the Parliament of the Republic of Tajikistan. The author notes that the parliament, as the highest representative and legislative body of any democratic state, plays a decisive role in shaping public policy, strengthening the legal foundations and controlling the activities of the executive branch.

In the Republic of Tajikistan, the highest legislative body - the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, as the embodiment of the will of the people and the main support of the legislative branch, plays a key role in strengthening democratic, legal and social statehood. Ensuring the effective and efficient activities of the parliament depends, first of all, on the availability of an appropriate and well-coordinated legal, material, organizational base. These factors are important so that people's deputies can timely and with a high degree of responsibility carry out their representative, legislative and control functions.

Qamarov Qamar Makhmadrajabovich – PhD doctorant at the department of administrative and financial law of the Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan. **Phone:** (+992) 938-18-28-28.

ЗОКИРЗОДА Зафар Хайрулло,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт
Тел.: (+992) 988-55-45-75.

УДК: 465.32

НАҚШИ ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ БАШАРИ КУРУШИ КАБИР ДАР ТАШАККУЛИ ПАДИДАҲОИ МУОСИРИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

Калидвожаҳо: Куруши Кабир; Эъломияи ҳуқуқи башар; ҳуқуқи ҷиноятӣ; инсондӯстӣ; адолат; ҳуқуқи инсон; ҷазо.

Аннотатсия: Дар мақола нақши таърихӣ ва ҳуқуқии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар ташаккул ва рушди падидаҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ғояҳои инсондӯстӣ, адолат, озодии шахсият, манъи зӯроварӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсон, ки дар Эъломияи Куруш таҷассум ёфтаанд, имрӯз ҳамчун принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии муосир эътироф шудаанд. Дар мақола робитаи таълимоти ҳуқуқии давлати Ҳахоманишиён бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла принсипи инсондӯстии ҷазо, ҷавобгарии ҷиноятии фардӣ ва маҳдуд намудани ҷазоҳои золимона таҳлил мегардад. Хулоса карда мешавад, ки Эъломияи Куруши Кабир яке аз сарчашмаҳои нахустини тафаккури ҳуқуқии инсондӯстона буда, дар ташаккули мафҳумҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши муҳим бозидааст.

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар таърих бо номи Устувонаи Куруши Кабир ёд мешавад, ки яке аз муҳимтарин ёдгориҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷаҳони қадим ба шумор меравад. Эъломияи мазкур соли 1879 дар Бобул аз ҷониби бостоншиноси британиёӣ Хормуз Расам кашф гардида, имрӯз он дар Осорхонаи Британияи Кабир нигоҳ дошта мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2024 аз ҳамкории ЮНЕСКО ёдовар шуда, ба вазорату идораҳои марбута супориш доданд, ки вобаста ба таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир маводҳои зарурӣ омода ва ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд, ки аҳаммияти онро барои ҳувияти миллӣ ва эътирофи ҷаҳонӣ таъкид мекунад[63]. Ин дастур асоси ташаббус ва қабули қатънома гардид ва саҳми Тоҷикистонро дар эҳёи мероси

[63] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26. 12. 2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj (санаи мурочиат: 11.12.2025).

қадимӣ нишон медиҳад[64]. Хушбахтона, 6 ноябри соли 2025 зимни иҷлосияи 43-юми Конфронси генералии ЮНЕСКО қатънома таҳти унвони “Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи башар ва гуногунрангии фарҳангӣ” қабул гардид. Ин ҳуҷҷат дар замони ҳукмфармоии Куруши Ҳахоманишӣ (асри VI пеш аз милод) ба вуҷуд омада, ба забони аккадӣ ва хатти мехӣ бар рӯйи гилини даврашакл сабт шудааст, ки дорои 45 сатр мебошад. Ин як устувонаи зарфшакл аз гили пухташуда бо диаметри 22,5 сантиметр ба 10 сантиметр мебошад. Гарчанде ки он бо мафҳумҳои муосири ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат намекунад, аммо дар худ падидаҳои муосири ҳуқуқи инсон – давлатдории инсонмеҳвар, ҳифзи озодии шахсӣ, эҳтироми эътиқод, манъи зулм ва ташвиқи адолатро таҷассум менамояд. Дақиқан ва мушаххасан ҳамин арзишҳои бунёдӣ буданд, ки дар тули асрҳои сипаришуда ҳамчун такягоҳи маънавӣ ва пуштвонаи фикриву ақидатӣ дар ташаккули низоми ҳуқуқии ҷаҳони муосир, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши мондагор ба ҷой гузоштаанд.

Эъломияи мавриди назар бештар хусусияти сиёсӣ дошт, зеро он пас аз фатҳи Бобул аз ҷониби Куруши Кабир нигошта шуд ва ҳадафи он, усулан, нишон додани сиёсати нави ҳумонистии подшоҳ нисбат ба халқҳои тобеъ буд. Аммо чунин сиёсат дар он то ҷойе аз қолаби сиёсӣ фаротар меравад ва унсурҳое дорад, ки метавон онҳоро нахустин марҳилаи ташаккули падидаҳои ҳуқуқӣ номид. Ин падидаҳои ҳуқуқӣ баъдан дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла дар қонунҳои ҷиноятӣ таҷассуми худро меёбанд.

Яке аз муҳимтарин нуктаҳои ин Эъломия маҳкумияти ҷангу хушунат, зӯроварӣ ва истифодаи шиканҷа алайҳи инсон аст. Дар замонҳои қадим, ки шиканҷа ва ҷазоҳои ваҳшиёна ҷузъи одии низомҳои ҳокими он даврон маҳсуб мешуданд, паёми Куруши Кабир дар бораи эҳтироми инсон, ҳифзи шараф ва қадру қимати ӯ падидаи комилан ҷадид арзёбӣ мешуд. Дар Эъломия таъкид шудааст, ки ба мардум бояд бидуни зулм муносибат кард, ба онҳо озодӣ дода шавад ва ҳаёти онҳо таҳти фишор қарор нагирад. Ин кирдорҳо дар замони ҳозира ба яке аз асоситарин таркибҳои ҷиноят – шиканҷа, савдои одамон ва ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ табдил ёфтаанд. Қонунҳои муосир, аз ҷумла созишномаҳои байналмилалӣ, шиканҷаро ҳамчун ҷиноят меҳисобанд.

Дар моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи шиканҷа мустаҳкам шуда, муқаррар карда шудааст, ки “Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад”[65]. Меъёри конститутсионӣ дар бораи он ки ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайри инсонӣ раво

[64] Ниг.: Сангинзода Д.Ш. Ташаббуси Тоҷикистон ва эътирофи аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар дар ҷаҳон (дар ҳошияи қабули қатъномаи «Устувонаи Куруш» дар иҷлосияи 43-юми Конфронси генералии Юнеско, 06.11.2025). Минбари халқ. 12 ноябри соли 2025. – № 46(1547). – С. 12.

[65] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

дида намешавад, бо таҳдиди татбиқи ҷазо дар м. моддаи 143(1) КҶ ҶТ таъмин гардидааст. Тибқи талаботи моддаи 143(1) КҶ ҶТ зери мафҳуми шиканҷа қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки ӯ ё шахси сеюм содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин, тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст, фаҳмида мешавад[66]. Бо мақсади таъмини дуруст ва якхелаи татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқу озодиҳо ва дахлнопазирии шахс, шаъну шарафи инсон ва шаҳрвандро таъмин менамоянд, инчунин, ба тариқи дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳое, ки аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, бармеоянд, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2012, таҳти №1 «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа» ба тасвиб расонида шудааст. Чунин равиши инсонмеҳварро, ки имрӯз ба меъёр табдил ёфтааст, метавон, асосан, дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар ҷавҳари аввалини худ дид.

Дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ҳамчунин масъалаҳои озодии шахсӣ ва дахлнопазирии инсон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Куруши Кабир мардумро аз ғуломӣ раҳо кард, маҳбусони мазҳабиро аз зиндон озод намуд ва ба халқҳо иҷозат дод, ки тибқи урфу одат ва маданияти худ зиндагӣ кунанд. Ин руҳияи озодихоҳӣ аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим аст, зеро дар низоми ҷиноятии муосир ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ ҷиноят маҳсуб мешавад. Савдои одамон, ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ имрӯз дар қонунгузориҳои ҷиноятии тамоми ҷаҳон мавҷуд аст. Падидаи савдои одамон дар асри XXI амалан ба як шакли нави ғуломдорӣ табдил ёфтааст, падидае, ки ҳанӯз садсолаҳо пеш тавассути аҷдоду ниёкони мо, бахусус Куруши Кабир аз байн бурда шуда буд. Ин падидаи ғайрисозандаву харобсоз ба таври пурра ҳоло ба навъи алоҳидаи тиҷорати гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ мубаддал гардида, он айни замон амнияти давлатҳои зиёди ҷаҳонро бо хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохтааст.

[66] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: //mmk.tj (санаи мурочиат 11.12.2025).

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, № 33 «Дар хусуси ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаи 130(1)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Савдои одамон» илова гардид, ки он ба истифодаи мафҳум ва истилоҳи нав, яъне савдои одамон дар сатҳи қонунгузорӣ асосу ибтидо гузошт. Ҳамасола ҳаҷму андозаи савдои одамон дар ҷаҳон афзоиш меёбад[67]. Аз рӯи арзёбии коршиносони Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Байналмилалии Муҳоҷират теъдоди қурбониёни савдои одамон ҳоло на садҳо, балки миллионҳо нафарро дар дунё ташкил медиҳад (аз рӯи омори коршиносони амрикоӣ он ҳамасола аз 600 то 800 ҳазор нафар ва тибқи арзёбии дигари алтертнативӣ ба наздики 2 миллион баробар аст)[68]. Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ин меъёрҳоро дар шакле бозгӯ мекунад, ки дар замони худ он як таҳаввули камназири таърихиву инқилобӣ буд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ин Эъломия озодии виҷдон ва эътиқод мебошад. Дар матни он чандин маротиба зикр мешавад, ки Куруши Кабир ба халқҳои мухталиф иҷозат дод, то ба худоҳо ва ойинҳои худ ибодат кунанд. Ӯ ҳатто дастур дод, ки ҳайкалҳои муқаддаси халқҳои забткардашуда ба маъбадҳои худ баргардонида шаванд. Ҳамчунин ба коҳинон иҷозат дода шуд, ки расму ойинҳои худро идома диҳанд. Дар таърихи ҷаҳони қадим чунин бархурди эҳтиромомези динӣ беназир ва ғайримунтазира буд, зеро аксари подшоҳон мекӯшиданд, ки дин ва ойини худро ба халқҳои фатҳшуда таҳмил кунанд. Ин амал дар ҳуқуқи муосир ба принсипи озодии дин ва ҷудоии дин аз давлат шабоҳати зиёд дорад. Имрӯз монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ (м. 157 КҶ ҶТ) яке аз намудҳои таркибҳои ҷиноят ҳисобида мешаванд. Яъне, ғояи ҳифзи эътиқод, ки имрӯз ҷузъи асосии ҳуқуқи инсон аст дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир пеш аз ҳама шакл гирифтааст.

Эътирофи адолат дар муносибат бо мардум, ки Куруши Кабир бар он такя мекунад, ба принсипи адолати ҷиноятӣ ҳам наздик аст. Дар Эъломия омадааст, ки ҳама бояд озоду осуда ва ба дур аз зулму шиканҷа зиндагӣ намоянд. Талаби адолат дар замоне, ки низомҳои сиёсӣ бештар бар зӯроварӣ ва тарс такя мекарданд, паёмест, ки ба қонунгузории ҷиноятии имрӯза таъсири мантиқии худро гузоштааст. Қонунҳои ҷиноятии муосир бар асоси ҳамин рӯҳия созмон меёбанд: ҷазо бояд мутаносиб бошад, ҳукми судӣ бояд бар асоси далелҳо содир гардад, мурофиаи судӣ бояд шаффоф бошад, ҳуқуқи дифоъ бояд ҳифз шавад ва ҳеҷ кас пеш аз ба исбот расидани гуноҳ гунаҳкор

[67] Ниг.: Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х. Проблемаҳои ҳуқуқи ҷиноятии муқовимат бо савдои одамон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиявӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №4.– С. 213-218.

[68] Ling, K.Trafficking and Human Smugglingin Europe // Journal of International Affairs.

ҳисобида нашавад. Ҳарчанд дар Эъломия ин қоидаҳо ба таври мустақим наомадаанд, аммо принсипи адолат ба таври возеҳ дар он ҷой дорад.

Мафҳуми баробарӣ низ дар ин Эъломия ҷойгоҳи хосса дорад. Куруши Кабир нисбат ба ҳамаи халқҳои тобеъ муносибати баробарона дошт. Ба онҳо иҷозат дода шуд, ки забон, дин ва фарҳанги худро нигоҳ доранд. Дар асрҳои баъдӣ, ҳамин идеяи баробарии халқҳо ва баробарии одамон дар таъмини адолат асос шуд барои мафҳуми баробарӣ дар назди қонун. Имрӯз ин мафҳум дар ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши бунёдӣ дорад: қонун барои ҳамаи шаҳрвандон баробар аст ва касе набояд бо сабаби миллат, дин, забон ё табақаи иҷтимоӣ аз адолати судӣ маҳрум гардад. Дар моддаи 143 КҶ ҶТ қасдан бевосита ё бавосита вайрон намудан ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо ё ин ки бевосита ё бавосита муқаррар намудани бартарии шаҳрвандон вобаста ба ҷинс, нажод, миллат, забон, баромади иҷтимоӣ, мавқеи шахсӣ, молу мулкӣ ё мансабӣ, маҳалли истиқомат, муносибат бо дин, ақида, марбут будан ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонидааст ҷазо муқаррар карда шудааст[69].

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба ҷиноятҳои байналмилалӣ низ ба таври ғайримустақим иртибот дорад. Масалан, дар замони муосир ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният, аз ҷумла геносид (м. 398 КҶ ҶТ) аз ҷиноятҳои вазнин ба ҳисоб мераванд. Куруши Кабир, баръакс, аз нобуд кардани фарҳангҳо худдорӣ кард, онҳоро ҳифз намуд ва ба халқҳо барои идомаи зиндагии фарҳангии худ имкон дод. Ин равиши фарҳангии инсонгароёнаро метавон муқобили ҷиноятҳои муосири сулҳу амнияти инсоният донист.

Дар таҳқиқоти илмӣ аксар вақт таъкид мешавад, ки Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабирро набояд ба маънои муосири ҳуқуқи инсон пурра баробар кард. Он бештар баёнгари сиёсат ва ҷаҳонбинии як подшоҳ аст, на ҳуҷҷати мукаммали ҳуқуқӣ. Аммо таърихи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки мафҳумҳои ҳуқуқӣ аввал дар шакли ахлоқӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд меоянд, баъдан ба сурати қонунҳои ҷудогона такмил меёбанд. Аз ин рӯ, Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабирро метавон заминаи асосии ташаккули мафҳуми ҳуқуқи инсон ва аз он ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ номид, ки дар тули асрҳо боиси рушду пешрафти санадҳои ҳуқуқиву қонунгузорӣ гардид.

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки он умдатан ҳамчун аввалин санади таърихӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон шуморида мешавад, дорои як қатор идеяву консепсияҳоест, ки бо меъёрҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ иртиботи наздик доранд. Гарчанде ки он ҳуҷҷати ҳуқуқи ҷиноятӣ ба мафҳуми техникӣ нест, аммо мазмуни он ба бисёр арзишҳое такя дорад, ки имрӯз асоси

[69] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: //mmk.tj (санаи муроҷиат 11.12.2025).

низоми адлияи ҷиноятӣ ва муносибати инсондӯстона нисбат ба инсонро ташкил медиҳад. Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба ҳифзи шараф ва ҳуқуқи одамон, ба манъи зӯроварӣ ва ба барқарории адолати иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Мавқеъ ва бархурди Куруши Кабир дар муносибат ва иртибот бо халқҳои истилошуда аз як модели рафтори инсонмеҳвар шаҳодат медиҳад, ки дар он шиканҷа, таҳқир, истифодаи бераҳмонаи қувва ва ҷазои беасос қобили қабул нест. Ин руҳия имрӯз дар принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла манъи савдои одамон, шиканҷа, ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ ва ҳифзи озодиҳои асосии инсон таҷассум ёфтааст.

Яке аз падидаҳои муҳим дар эъломия ин эҳтиром ба озодии эътиқод аст, ки Куруши Кабир ба тамоми қавмияту миллатҳо имкони нигоҳ доштани дин ва расму ойинҳои худро медиҳад. Ин равиш ба принсипи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи инсон ҳамхонӣ дорад, ки раво дидани таҳвину таҳқири эътиқоди мардум ва ё муносибати таҳқиромез ба он ҷоиз нест. Ҳамзамон таъкид бар ҳифзи моликият ва манъи ғоратгарӣ низ ба меъёрҳои имрӯзии муҳофизати ҳуқуқҳои молумулкӣ мувофиқат мекунад. Масъалаи ҳимояи моликият, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир тавассути ҷиноятҳо ба муқобили дуздӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ таъкид мешавад, дар ин санади қадима ба таври равшан баён ёфтааст.

Падидаи дигари муҳим, ки метавонад ба меъёрҳои муосир иртибот дошта бошад, озод кардани асирон ва бекор кардани ғуломдорӣ аз тарафи Куруши Кабир аст. Ин амал ҳамчун таҷассуми сиёсати инсондӯстона қабул мешавад ва дар ҷаҳони имрӯза ба идеяи озодии инсон, манъи савдои одамон ва муборизаи бо ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ мутобиқат дорад. Дар баробари ин, Куруши Кабир дар бархӯрди хеш дар баробари аҳолии шаҳрҳои таслимшуда аз истифодаи неруи бераҳмона худдорӣ мекунад ва ин равиш ба қоидаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҷиноятии муосир, ки истифодаи қувваи давлатиро маҳдуд ва танзим мекунанд, наздик аст.

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир бо он ки чандин аср пеш навишта шудааст, дорои ғояҳо ва арзишҳое мебошад, ки ҷавҳари ҳуқуқи ҷиноятии муосирро ташкил медиҳад. Ин санад бо зикри эҳтиром ба шаъну шараф, озодӣ, адолат, ҳифзи моликият ва манъи зӯроварӣ нишон медиҳад, ки идеяҳои инсондӯстона ва ҳуқуқӣ дорои решаҳои чуқур дар таъриханд. Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир нишон медиҳад, ки инсондӯстӣ, ки имрӯз дар низоми адолати судӣ нақши асосӣ дорад, аз давраҳои хеле қадим оғоз ёфта, тавассути чунин санадҳо ташаккул ёфтааст.

Ҳуқуқи ҷиноятии қадим ва Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир байни ҳам робитаи ҷолиб ва таърихӣ доранд, зеро ҳарду ба ташаккули ғояҳои аввалини адолат, муносибати инсонгароёна ва низоми ҷазо таъсир гузоштаанд. Дар аксари тамаддунҳои қадим, аз ҷумла Бобул, Ашшур, Миср ва

Юнону Рим, ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар ба ҷазодиҳӣ, интиқом, ҳифзи тартиботи давлатӣ ва эҳёи қонуни «ҷазои мутаносиб» асос меёфт. Дастурҳои ҳуқуқии аввалин, ба монанди Қонуни Ҳаммурапӣ, ҷазоҳои сахт, шиканҷа, қонунҳои қатъӣ ва муносибати нисбатан бераҳмонаро нисбат ба ҷиноятқорон дар бар мегирифтанд. Ҳадафи онҳо бештар тарсондан, нигоҳ доштани тартибот ва ҳифзи манфиатҳои шоҳон ва табақаҳои болои ҷомеа буд. Аммо дар ҳамин муҳити пур аз ҷазодиҳӣ ва зӯроварӣ, Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ҳамчун як санади нодир падид омад, ки равиши инсонсолорона ва мулоимтарро нисбат ба инсон пешниҳод мекард.

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки дар асри VI то мелод навишта шудааст, ба ҷойи истифодаи ҷазо ва хушунат, бештар ба озодӣ, эҳтироми ҳуқуқи халқҳо, ҳифзи шаъну шараф ва муносибати ғайризӯрии давлат бо аҳолӣ равона шудааст. Гарчанде ки ин ҳуҷҷат кодекси ҷиноятӣ нест, мазмун ва ғояҳои он ба арзишҳое такя мекунанд, ки имрӯз асоси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд. Куруши Кабир дар эъломия аз шиканҷа, ғасби молу амвол, маҳдуд кардани озодии динии халқҳо ва истифодаи неруи бераҳмона ҳуддорӣ мекунад. Ин бархӯрди башардӯстона дар замоне, ки дар аксари ҳуқуқҳои қадим шиканҷа, қатли оммавӣ, қатъу буридани узв ва ҷазоҳои бераҳмона қонуни маъмул буданд, хеле навоварона ҳисобида мешавад.

Яке аз тафовутҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии қадим ва дидгоҳи Куруши Кабир он аст, ки дар ҳуқуқи қадим инсон бештар ҳамчун объекти идораву муомилот, тобеъ ва воситаи ҳифзи тартибот дида мешуд, аммо дар эъломияи мазкур ҳамчун мавҷуди дорои ҳуқуқ, шаъну шараф ва озодӣ. Агар қонунҳои қадим ғуломиро расман қонунӣ кунанд, Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир рӯй ба озод кардани асирон, эҳтиром ба ҳуқуқи мардумон ва манъи зӯроварӣ меорад. Агар ҳуқуқи қадим ҷазои ҷиноятқорро маркази таваҷҷуҳ қарор диҳад, ин эъломия бештар ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва пешгирии поймолшавии ҳуқуқи ӯ майл мекунад.

Бо вуҷуди он Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба рушди баъдии ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсири ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ гузошт. Он нишон дод, ки давлат метавонад қонунро на танҳо барои таҳдиди мардум, балки барои муҳофизати онҳо истифода барад. Ҳамин равиши инсонгароёна буд, ки дар давраҳои баъдӣ ба ташаккули ғояҳои адолат, инсондӯстӣ, принсипи мутаносибии ҷазо, манъи шиканҷа ва эҳтироми озодиҳои шахсӣ замина гузошт.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи ҷиноятии қадим бо вуҷуди сахтгирӣ ва ҷазодиҳии шадидаш, нахустин қадамҳо дар роҳи мутамарказ кардани адолат дар ҷомеаро гузошт. Аммо Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ин роҳро ба як самти нави инсондӯстона бурд, самте, ки ҳуқуқи ҷиноятии муосир то имрӯз ба он такя мекунад: ҳифзи инсон, шаъну шараф ва озодиҳои ӯ.

Ба ин тартиб, Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, гарчанде ки қонуни ҷиноятии муосир нест, вале дар он афкоре ҷой доранд, ки имрӯз ба қонуниятҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ табдил ёфтаанд. Ин ҳуҷҷат сарфи назар аз қадимӣ будани худ, бояд гуфт, ки то кунун аҳаммияти назариявӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии худро аз даст надодааст ва ҳамчун яке аз нахустин ва муҳимтарин пояҳои шаклгирии падидаҳои ҳуқуқи инсон дар таърихи башар шинохта мешавад.

Дар интиҳо, бояд гуфт, ки аҳаммияти Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар он аст, ки он яке аз аввалин матнҳои таърихист, ки нишон медиҳад: давлатдории босалоҳият танҳо бо истифода аз зӯр ва тарс пойдор намемонад, балки бар пояи адолат, эҳтиром ба инсон ва озодии ӯ устувору побарҷой мемонад. Ин паём на танҳо ба сиёсат, балки ба тамоми низомҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсири амиқ гузошт. Ҳуқуқи ҷиноятӣ имрӯз вазифаи асосии худро дар муҳофизати инсон, озодӣ ва ҳуқуқҳои бунёдӣ мебинад, ки ин арзишҳо аз ҳамин гуна ҳуҷҷатҳои таърихӣ сарчашма мегиранд.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: //mmk.tj (санаи мурочиат 11.12.2025).

3. Ling, K.Trafficking and Human Smugglingin Europe [Text] / K. Ling // Journal of International Affairs.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26. 12. 2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj (санаи мурочиат: 11.12.2025).

5. Раҷабзода, М.Н., Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои ҳуқуқи ҷиноятии муқовимат бо савдои одамон [Матн] / М.Н. Раҷабзода, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиявӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №4.– С. 213-218.

6. Сангинзода, Д.Ш. Ташаббуси Тоҷикистон ва эътирофи аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар дар ҷаҳон (дар ҳошияи қабули қатъномаи «Устувонаи Куруш» дар иҷлосияи 43-юми Конфронси генералии Юнеско, 06.11.2025) [Матн] / Д.Ш. Сангинзода // Минбари халқ. – 12 ноябри соли 2025. – № 46(1547). – С. 12.

РОЛЬ ДЕКЛАРАЦИИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА ВЕЛИКОГО КИРА В ФОРМИРОВАНИИ ЯВЛЕНИЙ СОВРЕМЕННОГО УГОЛОВНОГО ПРАВА

Ключевые слова: Кир Великий; Декларация прав человека; уголовное право; гуманизм; справедливость; права человека; наказание.

Аннотация: В статье анализируется историко-правовая роль Декларации прав человека Кира Великого в формировании современных институтов и принципов уголовного права. Отмечается, что идеи гуманизма, справедливости, уважения к человеческому достоинству, свободы личности и ограничения жестоких наказаний, закреплённые в Декларации Кира, получили дальнейшее развитие в современном уголовном праве. Автор раскрывает взаимосвязь правовых воззрений эпохи Ахеменидов с международными стандартами прав человека, включая принцип гуманизации наказания, индивидуализации уголовной ответственности и отказа от репрессивных форм карательной политики. Делается вывод о том, что Декларация Кира Великого является одним из первых источников гуманистической правовой мысли и оказала значительное влияние на развитие уголовно-правовых доктрин.

Зокирзода Зафар Хайрулло - кандидат юридических наук, доцент кафедры права и государственного управления Таджикского педагогического института в Раштском районе. **Тел.:** (+992) 988-55-45-75.

THE ROLE OF THE DECLARATION OF HUMAN RIGHTS OF CYRUS THE GREAT IN THE FORMATION OF MODERN CRIMINAL LAW PHENOMENA

Keywords: Cyrus the Great; Declaration of Human Rights; criminal law; humanism; justice; human rights; punishment.

Annotation: The article examines the historical and legal significance of the Declaration of Human Rights of Cyrus the Great in the development of modern criminal law concepts. It argues that the principles of humanism, justice, respect for human dignity, personal freedom, and the prohibition of cruel punishment enshrined in Cyrus's Declaration have become fundamental values of contemporary criminal law. The study highlights the connection between the legal philosophy of the Achaemenid era and modern international human rights standards, including the humanization of punishment, individualization of criminal liability, and limitations on repressive penal practices. The author concludes that the

Declaration of Cyrus the Great represents one of the earliest sources of humanitarian legal thought and has played a crucial role in shaping modern criminal law principles.

Zokirzoda Zafar Khairullo - Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Law and Public Administration, Tajik Pedagogical Institute in Rasht District. **Phone:** (+992) 988-55-45-75.

НАИМЗОДА Марҳабо Наим,
муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: (+992) 938-32-77-37.

УДК: 731.53

ҲОЛАТҲОИ САБУККУНАНДАИ ҶАЗО ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Кодекси ҷиноятӣ; ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо; таъини ҷазо; ҷазои ҷиноятӣ; мақсади ҷазо; ҷавобгарии ҷиноятӣ; адолати судӣ; дараҷаи гуноҳ; таркиби ҷиноят; ба ҷамъият хавфнок.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур таҳлили илмии институти ҷазои ҷиноятӣ, таъини ҷазои ҷиноятӣ ва ҳолатҳои алоҳидаи сабуккунанда ҳангоми таъин намудани ҷазои ҷиноятӣ гузаронида шудааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур оид ба масъалаҳои ба инобат гирифтани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо тибқи моддаи 61 Кодекси ҷиноятии ҳозирамалкунанда ва қиёс бо меъёри мустақили моддаи КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 таҳқиқот бурда шудааст.

Дар ҷараёни таъин кардани ҷазо ба эътибор гирифтани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, ки дар моддаи 61 қонунгузории ҷиноятии амалкунанда пешбинӣ гардидаанд, аз рӯи хусусияташ меҳвари институти сабук кардани ҷазоро ташкил медиҳад. Мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, ки дар қисми 1 моддаи 61 қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бевосита оварда шудаанд, судро уҳдадор менамояд, ки дар ҳолати мавҷудияти онҳо ҷазои татбиқшавандаро сабук намояд.

Инчунин, дар асоси муқаррароти қисми 3 меъёри мазкур ҳангоми таъин намудани ҷазо ҳолатҳои дигари дар қисми якуми ҳамин модда зикрнагардида мумкин аст ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба назар гирифта шаванд.

Аз муҳтавои меъёри мазкур бармеояд, ки ҳолатҳое, ки дар қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ оварда нашудаанд, қонунгузор ба эътибор гирифтани онҳоро ба салоҳияти суд гузоштааст. Аз ҷониби қонунгузор баҳисобгириионҳо маҳз ба ихтиёри суд вогузор шуданаш талаб менамояд, ки суд вазифадор аст парвандаро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои амалкунандаро ба таври дақиқ, якхела риоя намуда, ҳолатҳои дигари сабуккунандаи ҷазоро муқаррар намуда, дар ҳукм бояд асоснок намояд, ки бо

кадом асос ин ҳолатҳоро чун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба назар мегирад ё ин ки баръакс.

Ба ақидаи А.И. Чучаев ба назар гирифта нашудани ин ҳолатҳои сабуккунанда барои бекор кардани ҳукми суд асос мегардад. Муқаррар намудани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба салоҳияти суд дохил мешавад. Суд метавонад мавҷудияти кӯдакони хурдсолро, ки пас аз таваллуд гунаҳкор онҳоро тарк кардааст ва дар таъминоту ва тарбияи онҳо иштирок накардааст, эътироф накунад; ҷиноияти содиршударо бо сабаби вобастагии хизматӣ эътироф накунад; ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шуданро эътироф накунад, агар шахс ҷиноияти содиршударо танҳо ҳангоми боздошт шуданаш баён карда бошад ва ғайра.[70]

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳолати мазкур мушкилоте ба миён меояд, зеро дар ҳолати аз ҷониби суд ба эътибор гирифта нашудани ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ оварданашуда, барои қонунӣ ва асоснок будани қарори суд шубҳа ба миён оварданаш мумкин аст. Инчунин, суд метавонад ҳолатҳои дар моддаи 61 Кодекси мазкур номбаршударо ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда эътироф нанамояд, ба шарте муайян гардад, ки гунаҳкор ин ҳолатҳоро барои озод шудан ё саркашӣ намудан аз ҷазои одилона истифода намояд.

Қонунгузории ҷиноятӣ дар моддаи 63 таъини ҷазои сабуктарро нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, ба танзим даровардааст.

Гарчанде дар меъёри мазкур маҳз дар бораи ҳолатҳои сабуккунанда зикр нагардида бошад ҳам, вале бевосита онҳоро дар назар дорад. Муқаррар гардидааст, ки дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ вобаста бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳгор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он ё ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд ва ҳамчунин дар ҳолати мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷиноияти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷиноияти содирнамудаи гурӯҳ, мумкин аст ҷазо аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида камтар таъин карда шавад ё суд метавонад нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктар таъин намояд ё ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, таъин накунад.

Воқеан, қонунгузор ба сифати асоси истифодаи меъёри зикршуда як қатор ҳолатҳои сабуккунанда, ки дар қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ба назар гирифтааст. Зимнан, дар қисми 2 моддаи 63 Кодекси мазкур оварда шудааст, ки ҳолатҳои алоҳидаи сабуккунанда ва ҳам маҷмуи чунин ҳолатҳо метавонанд ҳамчун ҳолатҳои мустасно эътироф карда шаванд.

[70] Чучаев А.И. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (Постатейный). – Москва ИНФРА-М-КОНТРАКТ, 2009. – С. 45

Таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ асос барои ба хулоса омадан мебошад, чунки аксари қоидаҳои махсуси таъини ҷазо дар асоси худ ҳолатҳои сабуккунанда доранд. Масалан, ба монанди қисми 2 моддаи 65 Кодекси ҷиноятӣ. Тибқи муқаррароти меъёри мазкур, ҳолатҳои сабуккунандаи марбут ба шахсияти яке аз шарикон ҳангоми таъин намудани ҷазо танҳо нисбат ба ин шарик ба назар гирифта мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 64 Кодекси ҷиноятӣ, муҳлат ё андозаи ҷазо барои тайёрӣ ба ҷиноят аз нисфи муҳлати ҳадди аксар ё андозаи болотарини намуди ҷазои сахте, ки дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс барои ҷинояти тамомшуда пешбинӣ гардидааст, зиёд буда наметавонад. Ҳамчунин, барои тайёрӣ ба ҷиноят ва сӯиқасди ҷиноят ҷазои қатл ва ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин карда намешавад.

Воқеан М.Т.Гараев ба мавриди қайд намудааст, ки ҳолатҳои сабуккунанда, ба мисли ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо нисбат ба содир намудани ҷиноят дар шарикӣ низ пешбинӣ гардидааст, агар ҳолатҳои сабуккунанда (ё вазнинкунанда) танҳо ба шахсияти яке аз шарикон тааллуқ дошта бошад.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 67 Кодекси ҷиноятии ФР, ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунандаи марбут ба шахсияти яке аз шарикон ҳангоми таъин кардани ҷазо танҳо ба ин шарик ба назар гирифта мешавад. Аз як тараф, қонунгузор нисбати шарикони дигар айбдоркунии объективиро истисно мекунад ва аз тарафи дигар, мувофиқи ҳолатҳои муқарраршуда, ки шахсияти яке аз шариконро тавсиф мекунанд, сабук ё вазнин кардани ҷазоро пешбинӣ менамояд.[71]

Мувофиқи моддаи 65 КҶ ҶТ бошад, ҳангоми таъин намудани ҷазо барои ҷинояти дар шарикӣ содиршуда хусусият ва дараҷаи иштироки воқеии шахс дар содир намудани он, аҳаммияти ин иштирок дар муваффақ шудан ба мақсади ҷиноят, таъсири ӯ ба хусусият ва андозаи зарари расонидашуда ё зарари имконпазир ба назар гирифта мешавад. Инчунин, тибқи қисми 2 ҳамин модда бошад, ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунандаи марбут ба шахсияти яке аз шарикон ҳангоми таъин намудани ҷазо танҳо нисбат ба ин шарик ба назар гирифта мешавад.

Дар асоси ҳолатҳои дар боло овардашуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҷараёни таъини ҷазо муайян ва татбиқи ҳолатҳои сабуккунанда муҳим буда, он ҷавҳари институти таъини ҷазои сабуктар маҳсуб меёбад.

Қобили қайд аст, ки ҳолатҳои сабуккунанда дар Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба таври гуногун зоҳир мешаванд. Аз ин рӯ, самт ва аҳаммияти ҳуқуқии онҳо тағйир меёбад. Тавре зикр гардид, ҳолатҳои сабуккунандаи пешбининамудаи Қисми махсуси кодекси ҷиноятӣ аз ҷониби

[71] Гараев М.Т.Смягчение наказания при его назначении по Российскому уголовному праву. – Казань, 2002. – С. 56.

қонунгузор ҳангоми фарқ кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ ба назар гирифта мешаванд. Ин ҳолатҳо ба шумораи аломатҳои ҳатмии таркиби ҷиноят дохил карда шуда, дар баробари дигар ҳолатҳо, онҳо хусусияти сифатии ҷиноятро, ки дар моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ифода ёфтааст, ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин, ҳолатҳои мазкур дар ҳавасмандгардонии шахсони ҷиноят содиркарда баҳри мусоидат намудан ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор намудани ҷиноят ба воситаи маълумоти ихтиёрии бевоситаи аз гунаҳкор дар бораи ҳодисаи ҷиноят ва ҳолатҳои содир шудани он, фош кардани дигар иштирокчиён, ҷойгиршавии восита ва олоти содир намудани ҷиноят, моликияти бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда ва ғайра ифода меёбад. Инчунин, аз кирдори ғайриқонунии содиршуда кам кардани андозаи зарари расонидашуда бо дарназардошти бевоситаи ба ҷабрдида пас аз содир намудани ҷиноят расонидани ёрии тиббӣ ва ё дигар кумак пас аз содир намудани ҷиноят; амалҳои дигаре, ки барои барқарор кардани зарари расонидашуда ба ҷабрдида равона шудаанд, ифода меёбад.

Татбиқи ҷазо ин ба асос гирифтани фардикунонии ҷазо буда, танҳо тавассути он ба адолати таъини ҷазо ё дигар чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба гунаҳкор ноил гардидан мумкин аст. Дар ҳолати мазкур ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо, ки ба аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти содиркардаи шахс таъсир мерасонанд, нақши муҳим мебозанд. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти ҳолатҳои сабуккунанда имконияти интихоби ҷазои сабуктар дар доираи раводиди меъёри Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятӣ муайян гардидааст, ҳолатҳои вазнинкунанда бошад, имконияти таъин кардани ҷазои сахттарро дар доираи раводиди м.62 КҶ ҶТ муайян менамояд.

Ҳолатҳои сабуккунанда дар бархе аз ҳолатҳо асос барои шартан татбиқ накардани ҷазо, ё ин ки озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо асос шуда метавонад. Аз ин рӯ, мушкилоти танзими ҳолатҳои сабуккунанда ва татбиқи онҳо ҳангоми таъини ҷазо дар раванди фардикунонии он хеле мубрам буда, таҳқиқи он дар доираи мавзуи мазкур ҷолиби диққат мебошад.

Ҳамчунин, ба назари мо таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ барои ба хулоса омадан имкон медиҳанд, ки аксари қоидаҳои махсуси таъин кардани ҷазо дар асоси худ ҳолатҳои сабуккунанда доранд. Ин қоидаҳо на танҳо дар моддаи 63, инчунин дар моддаи 64, қисмҳои 2,3 Кодекси ҷиноятии амалкунанда низ танзим карда мешаванд.

Инак, мегузарем ба таҳлили қ.1 м.61 Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки то қадре тавонистем дар мақолаи илмӣ баъзе паҳлуҳои ҳар кадоме онро ба таври мушаххас мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

А. Бори аввал содир намудани ҷиноят ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо на бо мазмуни воқеӣ, балки бо мазмуни ҳуқуқии он фаҳмида мешавад. Масалан, агар шахс воқеан бори дуюм ҷиноят содир намояд, аммо нисбати ҷинояти аввала муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ гузашта бошад ё доғи судиаш барҳам хӯрда ё бардошта шуда бошад, ё умуман аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти содиркардааш озод карда шуда бошад, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ӯ ҳамчун бори аввал ҷиноят содиркарда ба ҳисоб меравад ва суд чунин ҳолатро ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф менамояд[72].

Дар зери бори аввал содир намудани ҷиноят ҳолате фаҳмида мешавад, ки шахс қаблан ҷиноят содир накардааст ва ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудааст ё ин ки доғи судӣ надорад.

Ба фикри мо бори аввал содир намудани ҷиноят ҳолатест, ки ба вазъи ҳуқуқии ҷинояткор таъсир мерасонад ва маҳз мавҷудияти чунин ҳолат масъулияти ӯро сабук карда метавонад. Гузашта аз ин, чунин ҳолат яке аз шартҳои мебошад, ки барои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ мегардад. Муайян ва эътироф кардани мавҷудияти ин ҳолат дар ҳар як кирдори содиршудаи мушаххас муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, бори аввал содир намудани ҷиноят ҳолате фаҳмида мешавад, ки агар шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо асоси гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ё ин ки бо асосҳои барқарорнашаванда, яъне бинобар пушаймонӣ аз кирдор, оштӣ шудан бо ҷабрдида, дар асоси санади афв ё бахшиши ҷазо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуда бошад.

Б.Ноболиғ будани гунаҳгор.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 86 КҶ ҶТ ноболиғ ашхосе эътироф карда мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни 14 солагиро пур кардааст, вале ба синни 18 солагӣ нарасидааст.

Дар асоси муқаррароти банди б қисми 1 моддаи 61 қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бо дарназардошти шуури ноболиғон, ки бештар на ҳама вақт ба кирдори худ баҳои ҳамаҷониба, яъне ба таври объективона баҳо дода метавонад, ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифта мешавад.

Зеро ноболиғ вобаста ба ташаккули ҷисмонӣ ва маънавии худ бештар вақт метавонад зери таъсири ҷинояткорон бошад, шуурнокии ӯ аксар вақт ноустувор буда, аз ҳисси бардурӯғ фаҳмидашудаи рафиқонаш метавонад ҷиноят содир намояд.

[72] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе, 2005. – С. 67.

Аз муқаррароти моддаи 23 Кодекси ҷиноятӣ бармеояд, шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст.

Шахсе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳсолагӣ расидааст, барои содир намудани ҷиноятҳои зерин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, одамкушӣ (моддаи 104), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (моддаи 110), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (моддаи 111), одамрабоӣ (моддаи 130), таҷовуз ба номус (моддаи 138), кирдори зӯроварии дорои хусусяти шаҳвонӣ (моддаи 139), терроризм (моддаи 179), ғасби гаравгон (моддаи 181), тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (моддаи 199), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (моддаи 200), муносибатҳои ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 201), тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 202), парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда (моддаи 204), муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (моддаи 206), корношоям сохтани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳо (моддаи 214), авбошӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 237), дуздӣ (моддаи 244), ғоратгарӣ (моддаи 248), роҳзанӣ (моддаи 249), тамаъҷӯӣ (моддаи 250), ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (моддаи 252), қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми дуюми моддаи 255)

Тибқи талаботи моддаи 425 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти банди 7, 13 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 12 декабри соли 2002 «Дар бораи тафрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» (бо тағйироте, ки бо қарорҳои Пленум аз 22 декабри соли 2006 №10, аз 23 июни соли 2010 №14, аз 23 ноябри соли 2012 №33 ва аз 24 июли соли 2019, №1 ворид карда шудаанд), муайян кардани синну соли ноболиғ ба ҳолатҳое дохил мешавад, ки ҳангоми гузаронидани тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон бояд муқаррар карда шавад. Дар вақти муайян кардани синну соли ноболиғ дар назар доштан зарур аст, ки шахс ба синну соле, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки аз соати сифри шабонарӯзи дигар мерасад.

Ҳангоми таъини ҷазо ба ноболиғон судҳоро лозим аст на танҳо талаботҳои дар моддаи 60 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда (хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, маълумотҳо оиди шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо),

инчунин шартҳои дар моддаи 88 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қайдшуда (шароити зиндагию тарбияи ноболиғ, дараҷаи инкишофи руҳӣ, вазъи саломатӣ, хусусиятҳои дигари шахсӣ ва ҳамчунин таъсири шахси калонсол)-ро низ ба инобат гирифта, имконияти таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набударо муҳокима намоянд. Суд ҳамон вақт метавонад ба ноболиғ ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намояд, ки агар ислоҳ шудани ӯ бе ҷудо кардан аз ҷамъият имконнопазир бошад. Дар сурати таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ суд вазифадор аст, ки дар ҳукм асосҳои таъин намудани ин ҷазоро нишон диҳад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 6 моддаи 87 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ноболиғоне, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна содир намудаанд, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад ва агар санксияи моддаи Қисми махсус ғайр аз ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дигар намуди ҷазоро пешбинӣ накарда бошад, он гоҳ суд ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набудаи дар Қисми умумии ҳамин Кодекс пешбинишударо дар доираи ҳаҷм ва муҳлатҳои пешбининамудаи Қисми умумии ҳамин Кодекс таъин менамояд.

Аниқ кардани синну соли шахси гунаҳкор яке аз аломатҳои асосии субъекти ҷиноят мебошад. Одатан синни ҷавобгарӣ аз рӯи ҳуҷҷат (шиноснома, шаҳодатномаи таваллуд, китоби қайди асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ғ.) муқаррар мегардад.[73]

Тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ва банди 14 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар боло зикр гардид, ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ба шахси то синни 18-солагӣ ҷиноят содирнамуда таъин карда намешавад. Бояд дар назар дошт, ки мутобиқи моддаи 61 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноболиғии гунаҳгор ҳолати сабуккунандаи ҷазо мебошад.

Аз ин ҷо ба хулоса меоем, ки муайян намудани синну соли ноболиғ, вақти содир намудани ҷиноят ва вақти расидани ноболиғ ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ бо назардошти содир намудани ҷиноят дар синни ба балоғат нарасидани шахс, яъне дар мавриди ноболиғ будан ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифтани шахси гунаҳгор аҳаммияти муҳим дорад.

В. Ҳомиладор будан. Дар асоси муқаррароти банди «в» қисми 1 моддаи 61 қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ҳомиладор будани гунаҳгор ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифта мешавад. Ба номгӯйи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо дохил кардани ҳомиладорӣ ҳам бо хусусиятҳои

[73] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 12 декабри соли 2002 «Дар бораи тафрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» (бо тағйироте, ки бо қарорҳои Пленум аз 22 декабри соли 2006 №10, аз 23 июни соли 2010 №14, аз 23 ноябри соли 2012 №33 ва аз 24 июли соли 2019, №1 ворид карда шудаанд)

психофизиологии занони ҳомила, инчунин аз ғамхории махсуси давлат нисбати зан-модар ва ҳам бо инсондӯстии қонунгузорӣ шарҳ дода мешавад. Ҳолати ҳомиладории гунаҳгор бо ҳуҷҷати махсуси муассисаи тиббӣ ё хулосаи дахлдори духтур-гинеколог тасдиқ карда мешавад.

Ҳомиладор будани судшаванда новобаста аз муҳлати ҳомиладорӣ на танҳо дар лаҳзаи содир шудани ҷиноят, балки дар лаҳзаи баровардани ҳукм низ ҳолати сабуккунанда эътироф карда мешавад[74].

Ба ақидаи М.Г. Ушакова новобаста аз он ки ҷинояти содиршуда бевосита ба ҳолати ҳомиладории гунаҳкор вобаста аст ё не, содир намудани ҳаргуна ҷиноят аз ҷониби зан бояд ҳатман дар якҷоягӣ бо дигар ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда ба назар гирифта шуда, баҳо дода шавад.[75]

Воқеан ҳам, аз таҷрибаҳои судӣ бармеояд, ки ҳолати ҳомиладории зан ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифта мешавад. Зеро аз рӯйи принсипи инсондӯстӣ, ки аз моҳияти моддаи 5 Конститутсияи ҶТ бармеояд инсонро арзиши олӣ эълон намуда, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯро вазифаи давлат эълон намудааст. Аз ин рӯ, ба назар гирифта шудани ҳомиладории зан ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, тандурустии зан-модар ва кӯдак равона шудааст.

Г. Кӯдакони хурдсол доштани гунаҳгор дар асоси муқаррароти банди «г» қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф шудааст.

Ин ҳолат ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо аввалин маротиба дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда эътироф гардида, судро водор месозад, ки дар тарбия ва таъминоти кӯдак иштирок доштани гунаҳгорро муайян намояд. Барои ба инобат гирифтани доштани кӯдаки хурдсол аҳамият надорад, ки гунаҳкор падар ё модари кӯдак аст ё ин ки кӯдак фарзандхонд шудааст, гунаҳкор ҳамроҳи кӯдак истиқомат дорад ё не. Аз ин ҷо, ба фикри муаллиф масъалаи асосӣ иштироки бевоситаи гунаҳкор дар таъминоту тарбияи кӯдак мебошад.

Ҳамчунин, қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия, Арманистон, Беларуссия низ монанди Кодекси ҷиноятии ҶТ кӯдаки хурдсол доштани гунаҳгор ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф намуда, муайян накардааст, ки гунаҳгор модар ё падари кӯдак аст.

Дар асоси муқаррароти қисми 1 моддаи 1 Кодекси оилаи ҶТ, оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти муҳофизати давлат қарор доранд. Дар ҳолати мазкур ғамхории махсус нисбат ба такомули ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакон ва тарбияи онҳо дар оилаи солим дар назар дошта шудааст.

[74] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // коллективи муаллифон. – Душанбе, 2005. – С. 89.
[75] Ушакова М.Г. Смягчающие наказание обстоятельства в уголовном праве России. – Москва, 2002. – С. 109.

Волидоне, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд аз тамоми ҳуқуқҳое, ки дар асоси далели хешӣ бо кӯдак муайян шудаанд, аз ҷумла ҳуқуқи гирифтани таъминот маҳрум мегарданд. Воқеан дар мавриди ҷой доштани ин асосҳо ҳолати дар банди «г» қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ пешбинишуда ҷой надорад.

Ҳангоми маҳрум карда шудан аз ҳуқуқи волидайн, иштирок надоштан дар тарбияи кӯдак, муносибати бераҳмона ба кӯдакон ва аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ накардани онҳо, доштани кӯдаки хурдсол низ чун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба эътибор гирифта намешавад[76].

Д. Бо сабаби вазнинии шароити зиндагӣ ва ё аз рӯйи дилсӯзӣ содир намудани ҷиноят

Дар банди «д» қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ содир шудани ҷиноят бо ду ҳолат дар назар дошта шудааст,

а)бо сабаби вазнинии шароити зиндагӣ

б) аз рӯйи дилсӯзӣ содир намудани ҷиноят

Аз ҷониби қонунгузор дар як банд ҷойгир намудани ин ҳолатҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳарду ҳолат ангезаи манфии гунаҳгор ҷой надорад. Аз ҷумла, содир намудани дуздӣ аз сабаби надоштани ҷойи кор ё даромади мустақилона, ё ин ки бар асари бемории вазнин доштани гунаҳгор ё хешовандони наздикаш тасарруфи доруворӣ, ин ҳолатҳо сабаби вазнинии шароити зиндагӣ эътироф карда мешавад.

Вазнинии шароити зиндагӣ мазмунан маҷмуи як қатор омилҳои барои шахс номусоидро дар назар дорад, ба монанди надоштани манзили истиқоматӣ, гирифтори бемории вазнин будани гунаҳгор, дар оилаи майзада ё нашъаманд зиндагӣ доштани ноболиғ ва ғ.

Зери мафҳуми «аз рӯи дилсӯзӣ содир намудани ҷиноят» содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ бо мақсади озод намудан ё қисман беҳтар намудани вазъ ё мусибати ҷабрдида, ҳамчунон кам ё қатъ кардани ранҷу азоби ҷабрдидаё дигар шахсон дар назар дошта шудааст. Аз ҷониби гунаҳгор дидаю дониста додани дорувории зиёд, ки боиси фавтидани шахси гирифтори бемории вазнин аст ва дар ин ҳолат ҷиноят дар ҳолати дилсӯзӣ содиршуда ба назар гирифта шуда, ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифта мешавад.

Ба ақидаи М.Г. Ушакова барои эътирофи аз рӯйи дилсӯзӣ содир намудани ҷиноят ҳамчун ҳолати сабуккунанда муайян кардан муҳим аст, ки, 1) байни ангезаи зикршуда ва рафтори гунаҳкор алоқаи муайяни сабабӣ мавҷуд бошад; 2) ин ангеза бартарӣ дошт, ки боиси кирдори ҷиноятии гунаҳкор гардидааст.[77]

[76] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // коллективи муаллифон. – Душанбе, 2005. – С. 89.
[77] Ушакова М.Г. Смягчающие наказание обстоятельства в уголовном праве России. – Москва, 2002. – С. 109.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эвтаназия дар тамоми шаклҳо манъ карда шудааст ва иҷрои ин амал боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад. Манъи эвтаназия бевосита дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи 150 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст. Дар умум эвтаназия ин суръат бахшидан ба марг ё аз ҳаёт маҳрум намудани шахси гирифтори бемории табобатнашаванда бо розигии худи бемор ва ё наздикони бемор ба хотири хотима додан ба ранҷу азоби ӯ аст. Эвтаназия ҳамчун як падидаи баҳснок ва мураккаб дорои як қатор хусусиятҳо аст, 1) Эвтаназия амали муайянест, ки дар шакли фаъол ва ғайрифаъол зуҳур менамояд. Анҷомдиҳандаи ин амал чун қоида кормандони соҳаи тиб ба шумор мераванд, яъне субъекти он махсус аст; 2) Фаъолияти кормандони соҳаи тиб зимни анҷом додани амали эвтаназия бошуурона аст. Яъне духтур бояд ҳаракатҳои худро дарк ва идора карда тавонад ва оқибатҳои онро пешбинӣ намуда хоҳони фаро расидани он бошад; 3) Дар натиҷаи татбиқи эвтаназия марги бемор ба миён меояд; 4) Эвтаназия бо хоҳиши худи бемор сурат мегирад. Дар баробари хусусиятҳои номбаргардида эвтаназия ҳамчун як навъи фаъолият бояд бо риояи шартҳои зерин анҷом дода шавад, 1) Мавҷудияти бемории табобатнопазир, ки дар натиҷаи он ба бемор азобу уқубати зиёди ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавӣ мерасад; 2) Самти фаъолияти духтур бояд дақиқ муайян бошад, яъне мақсади асосии кормандони тибро бояд танҳо қатъи азобу уқубати бемор ташкил диҳад, на мақсадҳои дигар; 3) Чунин фаъолият бояд бо розигии худи бемор ва дар сурати имконнопазир будан бо хоҳиши намояндагони қонунии вай анҷом дода шавад; 4) Ба бемор ва намояндагони қонунии вай бояд баргаштнопазир будани натиҷаҳои эвтаназия пурра, ҳамаҷониба ва сари вақт фаҳмонида шаванд. Ҳамаи хусусият ва шартҳои дар боло зикргардидаро таҳлил намуда, чунин таърифи зерини эвтаназияро пешниҳод намудананд, «Эвтаназия фаъолияти бошууронаи кормандони соҳаи тиб аст, ки барои қатъ намудани азобу уқубати ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавии бемор нигаронида шуда, ба марги бемор оварда мерасонад, дар сурате ки чунин амал бо хоҳиши худи бемор ва ё намояндагони қонунии ӯ сурат мегирад ва онҳо роҷеъ ба оқибатҳои бебозгашти он ҳаматарафа огоҳонида мешаванд»[78].

Е) Содир намудани ҷиноят дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳие, ки сабаби он зӯроварӣ, таҳқири сахт ё амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида мебошанд.

Яке аз ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ин содир намудани ҷиноят дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳие, ки сабаби он зӯроварӣ, таҳқири сахт ё амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида мебошанд ва он дар банди «е» моддаи 61 кодекси ҷиноятӣ ба эътибор гирифта шуданаш пешбинӣ гардидааст.

[78] Искандаров Ш.Ф., Шосаидзода Ш.Ш. Асосҳои умуми назариявӣ ва танзими ҳуқуқии эвтаназия // «ВЕСТНИК ТГУПБП». – выпуск 4 (93), 2022. – С. 43.

Мутобиқи моддаи 106 Кодекси ҷиноятӣ, одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ (ҷунун), ки ногаҳон бо сабаби зӯроварӣ, таҳқир, ё дашноми қабеҳ ё рафтори дигари зиддиҳуқуқӣ ё бадахлоқонаи ҷабрдида, инчунин дар ҳолати давомдори харобкунандаи асаб бо сабаби рафтори мунтазами зиддиҳуқуқӣ ё рафтори бадахлоқонаи ҷабрдида ба вуҷуд омадааст.

Чунин ҳолат ҳамеша бо амалҳои ғайриқонунӣ ё бадахлоқии ҷабрдида, ки сабаби содир гардидани ҷиноят дар ҳолати аффект шудааст, алоқаманд аст.[79]

Ба ақидаи А.И. Сафаров «Дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуми ҷабрдида барои ҷудо намудани он аз дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ба ӯ додани ҳуқуқу уҳдадориҳои муайн барои амалисозии вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ зарур аст. Масалан, мутобиқи сархати 3 қисми 1 моддаи 2 КМҶ яке аз вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ин - ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, иборат аст. Аммо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷабрдида функсияи дигарро иҷро мекунад. Ҷабрдида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ барои муайян намудани асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ, тафриқаандозӣ ва фардисозии он зарур аст. Маҳз қонунгузор бо ин мақсадҳо рафтори ҷабрдидаро ба сифати аломати муайнкунандаи таркиби ҷиноят дар моддаҳои алоҳида пешбинӣ намудааст. Масалан, дар моддаи 106 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ (ҷунун), ки ногаҳон бо сабаби зӯроварӣ, таҳқир ё дашноми қабеҳ ё рафтори дигари зиддиҳуқуқӣ ё бадахлоқонаи ҷабрдида, инчунин дар ҳолати давомдори харобкунандаи асаб бо сабаби рафтори мунтазами гайриқонунӣ ё рафтории бадахлоқонаи ҷабрдида ба вуҷуд омадааст, пешбинӣ карда шудааст»[80].

Рафтори ғайриқонунии ҷабрдида дар содир кардани ҷиноят ё ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ (маъмурӣ, молиявӣ, гумрукӣ, андоз ва ғайра) иборат аст. Рафтори бадахлоқонаи ҷабрдида аз вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои рафтор дар ҷомеа, ки боиси содир шудани ҷиноят гардидааст, иборат аст[81].

Рафтори ғайриқонунӣ ва зӯроварӣ аз тарафи ҷабрдида метавонад сабаби содир шудани ҷиноят гардад, ки шахс дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ аст. Ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ бевосита баъди зӯроварӣ, таҳқири сахт ё амалҳои дигари ғайриқонунӣ ба амал омаданаш мумкин аст. Рафтори ғайриқонунӣ нисбат ба худи гунаҳкор ва ё хешони наздики ӯ метавонад сабаби содир шудани ҷиноят шавад. Таҳқир ва ё дашном додан, ки дар ҷараёни ҷанҷоли

[79] Ушакова М.Г. Смягчающие наказание обстоятельства в уголовном праве России. – Москва, 2002. – С. 110.

[80] Сафаров А.И. Оид ба баъзе паҳлуҳои мафҳуми ҷабрдида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавиии ҷиноятӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Правовая жизнь Маҷалла ба истиқболи ҷашни 65 - солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. – № 3 (03). – Душанбе, 2013. – С. 56.

[81] Чучаев А.И. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (Постатейный). – Москва ИНФРА-М-КОНТРАКТ, 2009. – С. 107.

байни ҳамдигарӣ ба вуҷуд омадааст, ҳолати сабуккунандаи ҷазо ҳисоб намешавад.[82]

Ҳамин тавр, мушкилоти аффект - ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ дар психология ва ҳуқуқшиносӣ омӯзиши амиқро талаб мекунад. Моддаҳои 106 ва 113 Кодекси ҷиноятӣ аз дигар моддаҳои кодекси мазкур бо мавҷудияти на танҳо ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, балки руҳӣ низ фарқ мекунанд. Дар меъёрҳои болозикр ҳолати махсуси руҳии гунаҳкор, яъне ҳаяҷони сахти руҳӣ аломати ҷинояти мазкур буда, имкон медиҳад, ки ҷиноятҳои дар ҳолати нооромиҳои шадиди руҳӣ (аффект) содиршударо аз таркиби дигар ҷиноятҳо фарқ карда шавад. Аз ин лиҳоз, ба хулоса омадан мукин аст, ки дар кодекси ҷиноятӣ мафҳуми психологии аффект истифода шуда, дар диспозитсияҳои меъёрҳои мазкур нишонаҳои ҳолати психологӣ, ки онҳоро психологҳо муқаррар кардаанд, номбар шудаанд. Дар таҷриба барои муайян кардани ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ равоншиносон ҷалб карда шуда, доир ба парванда экспертизаи судӣ-психологӣ бо мақсади муайян намудани он ҳолат, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят воқеан дар кадом ҳолат қарор доштани гунаҳкор таъин карда мешавад.

Ж. Содир намудани ҷиноят дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ гузаштан, дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда, зарурати ниҳоӣ, таваккали асоснок, иҷрои фармон ё амр

Содир намудани ҷиноят дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ гузаштан, дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда, зарурати ниҳоӣ, таваккали асоснок, иҷрои фармон ё амр яке аз ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо тибқи банди «ж» моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир кардани ҷиноят ҳангоми вайрон кардани шартҳои қонунияти мудофиаи зарурӣ ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо маҳсуб меёбад. Содир намудани ҷиноят дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ гузаштан аз хавфнокии нисбатан камтари ҷиноят ва шахсияти ҷинояткор бо сабабҳои гуногун шаҳодат медиҳад.

Аз ҳадди мудофиаи зарурӣ баромадан ҳолати сабуккунандаи ҷазо шуморида мешавад, чунки амал аз оғоз барои ҳимоя аз ҷиноят равона кардашудааст. Вале рафтори шахс қасдона шуморида мешавад, агар гунаҳгор оқибати рафтори худро мефаҳмад ва онро мехост ва ё ба он роҳ диҳад. Расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани ҷинояткор қасдона маҳсуб мегардад, агар зарурати дастгир кардан онро талаб намекард. Суд барои ҳимояи шахсият, манфиатҳои инсон, давлат ва ҷамъият ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ баромаданро ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо баррасӣ мекунад.

[82] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // коллективи муаллифон. – Душанбе, 2005. – С. 89.

3. Содир намудани ҷиноят таҳти таъсири маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё вобастагии моддӣ ва хизматӣ ва ё вобастагии дигар мебошад.

Яке аз ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, ки дар банди 3 қисми моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст ин содир намудани ҷиноят таҳти таъсири маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё вобастагии моддӣ ва хизматӣ ва ё вобастагии дигар мебошад.

Содир намудани ҷиноят дар натиҷаи маҷбурсозии ҷисмонию руҳӣ ва ё вобастагии моддӣ, хизматӣ ва ғайра ҳолати сабуккунандаи ҷазо шуморида мешавад, агар ин вобастагӣ дар ҳақиқат вуҷуд дошта бошад ва рафтори шахс маҷбурӣ бошад, яъне, суд муқаррар намояд, ки иродаи шахс бо рафтори ғайриқонунӣ пахш карда шудааст. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба шахс ҳангоме татбиқ мегардад, ки суд муқаррар намояд, ки гунаҳгор метавонист ба амали ғайриқонунӣ мухолифат намояд, вале мухолифат ё зиддият нишон надодааст. Масалан, ҳангоме ки шахс аз тарафи шахси дигар бо роҳи маҷбурсозӣ барои дуздӣ маҷбур карда мешавад ва бевосита дар лаҳзае, ки шахси маҷбурнамуда ба мағоза барои дуздӣ медарояд, вай дар берун мемонад ва метавонад аз он ҷой равад, вале бо сабабе дар ҳамон ҷой мемонад ва баъди чанде уро ба дохил ҷеғ мезананд ва ӯ низ вориди мағоза мегардад. Маҷбурсозии руҳӣ метавонад дар шакли расонидани зарари ҷисмонӣ, таҳдид, баён намудани маълумоти манфӣ оид ба шахс, ки ӯро шарманда месозанд, ифода ёбад. Маҷбурсозии ҷисмонӣ, маҷбурсозие эътироф мегардад, ки таъсир ба одам, ки бо расонидани зарари ҷисмонӣ ва ё лату кӯб, аз байн бурдани моликият вобаста аст. Маҷбурсозии руҳӣ ва ҷисмонӣ на танҳо нисбат ба гунаҳгор, балки метавонад нисбат ба хешовандони ӯ ҷой дошта бошад. Вобастагии моддӣ муносибатҳое эътироф мегардад, ки агар шахс ба манфиати шахсони дигаре ҷиноят содир намояд, ки ӯро аз ҷиҳати моддӣ таъмин менамоянд. Кумаки моддӣ метавонад дар шакли пулӣ, либос, хӯрок ва ғайра зоҳир гардад. Асоси вобастагии хизматӣ, тобеъияти корӣ яке ба дигаре мебошад, масалан, мусоҳиб барои дуздии маблағҳо аз тарафи директори корхона маҷбур карда мешавад ва агар ин талабро иҷро накунад, директор таҳдид менамояд, ки аз кор ӯро озод хоҳад кард. Вобастагӣ дар шаклҳои дигар, масалан, ҳангоми барои ордери хонаро ба даст овардан, барои пора додан, ба содир кардани ҷиноят маҷбур сохтан, бо таҳдиди ошкор сохтани алоқаҳои ҷинсӣ ва ғайра зоҳир мешавад.

Инчунин, бояд ба инобат гирифт, ки мутобиқи банди 3 моддаи 61 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, содир намудани ҷиноят дар натиҷаи маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ, агар он ҷиноят будани кирдорро истисно накунад, ё бинобар вобастагии моддӣ, хизматӣ ва ё вобастагии дигар доштани ноболиғ ба амал омада бошад, инҳо ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба ҳисоб мераванд, бинобар ин ҳангоми аз тарафи суд муайян кардани ҳолати аз ҷониби калонсол

ба содир намудани ҷиноят ҷалб намудани ӯ бояд масъалаи хусусияти маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳии нисбати ноболиғ татбиқшуда ҳал карда шавад. Дар ин маврид ба судҳо зарур аст, муқаррар намоянд, ки чунин вобастагӣ ё маҷбуркунӣ ҷой доштанду ҳаракатҳои ҷинояткоронаи ноболиғ аз ноилоҷӣ буд, зеро иродаи вай бо рафторҳои зиддиҳуқуқии калонсоле, ки ноболиғро ба содир намудани ҷиноят ҷалб намудааст, фурӯ нишонда шуда буд[83].

И. Ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шудан, сидқан пушаймон шудан, фаъолона мусоидат кардан дар ошкор намудани ҷиноят, фош кардани дигар иштирокчиёни ҷиноят ва дар кофтукови молу мулки дар натиҷаи ҷиноят бадастомада.

Дар банди и қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шудан, сидқан пушаймон шудан, фаъолона мусоидат кардан дар ошкор намудани ҷиноят, фош кардани дигар иштирокчиёни ҷиноят ва дар кофтукови молу мулки дар натиҷаи ҷиноят бадастомада ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо пешбинӣ гардидаанд.

Омада ба гуноҳи худ иқрор шудан дар ҳолате аз тарафи суд ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф мегардад, ки ин амал ихтиёрӣ бошад. Фаъолона мусоидат кардан дар ошкор намудани ҷиноят ҳангоме ҳолати сабуккунанда эътироф мегардад, ки гунаҳкор факту далелҳоеро ошкор созад, ки ба мақомоти тафтишот маълум набуд. Ошкор сохтани иштирокчиёни ҷиноят, ҷойи истиқомати онҳо, ашёи рабудашуда ҳамчун шаклҳои мусоидат ба кори ошкор сохтани ҷиноят буда, дар ҳолати ихтиёрона будани рафтори гунаҳкор ҳолати сабуккунанда маҳсуб мегарданд.

Ба фикри муаллиф ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шудан ин бо хоҳишу иродаи худ ба мақомоти давлатӣ (ҳифзи ҳуқуқ) ҳозир гардида, озодона оид ба содир намудани ҷиноят иттилоъ додани шахс мебошад. Дар ҳолати мазкур, шахс бинобар дарк намудани гуноҳи худ дар содир намудани ҷиноят ба мақомотҳои дахлдор бо хоҳишу иродаи худ ҳозир гардида, дар бораи ҷинояти содирнамудааш маълумот дода, бо ин ба гуноҳаш иқрор шудааст.

Ҳамчунин, фаъолона мусоидат кардан дар ошкор намудани ҷиноят, фош кардани дигар иштирокчиёни ҷиноят дар расонидани кумак ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба кушодан ва тафтиши ҷинояти содиршуда, ошкор кардани шарикон, пешниҳод ва дарёфти далелҳо фаҳмида мешавад. Ҳолатҳои мазкур, рафтори мусбӣ, яъне позитивии шахс пас аз содир намудани ҷиноят буда, то дараҷае аз паст шудани хавфнокии шахсияти гунаҳкор шаҳодат медиҳанд.

[83] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 12 декабри соли 2002 «Дар бораи тақрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» (бо тағйироте, ки бо қарорҳои Пленум аз 22 декабри соли 2006 №10, аз 23 июни соли 2010 №14, аз 23 ноябри соли 2012 №33 ва аз 24 июли соли 2019, №1 ворид карда шудаанд)

К. Бевосита пас аз содир намудани ҷиноят расонидани ёрии тиббӣ ё кумаки дигар ба ҷабрдида, ихтиёран талофӣ кардан ё рафъ сохтани зарари моддӣ ва маънавии дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда, анҷом додани амалҳои дигаре, ки ба ислоҳи зарари ба ҷабрдида расонидашуда равона гардидаанд.

Дар банди к қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ бевосита пас аз содир намудани ҷиноят расонидани ёрии тиббӣ ё кумаки дигар ба ҷабрдида, ихтиёран талофӣ кардан ё рафъ сохтани зарари моддӣ ва маънавии дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда, анҷом додани амалҳои дигаре, ки ба ислоҳи зарари ба ҷабрдида расонидашуда равона гардидаанд, ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо пешбинӣ гардидаанд. Ҳолатҳои мазкур аз пушаймонии гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят шаҳодат дода, ба андозаи назаррас хавфнокии зарари бо ҷиноят расонидашударо коҳиш, кам менамояд. Ихтиёран талофӣ кардан ё рафъ сохтани зарари моддӣ ва маънавии дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда, анҷом додани амалҳои дигаре, ки ба ислоҳи зарари ба ҷабрдида расонидашуда равона гардидаанд, ин аз амали ихтиёрона ва фаъолонаи шахс оид ба барқарор намудани зарари молу мулкӣ ва маънавӣ, ба монанди баргардонидани молу мулки бо роҳи фиреб бадастовардашуда ё молу мулки несту нобуд кардашуда, харидани хӯрока ба ҷабрдида, ихтиёрона ҷуброни зарари маънавӣ бо пардохти маблағ, ё ихтиёрона пардохти хароҷотҳои дафни ҷабрдида ва ғ. фаҳмида мешавад ва ин амалҳо барои фароҳам овардани шароити мусоид ба ҷабрдида (намояндаи ҷабрдида) равона шудаанд.

Аз таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои марҳилаи болоӣ бармеояд, ки дар бархе аз ҳолатҳо ҳукмҳои судҳои марҳилаи якум бо асоси таъини ҷазои нодуруст, аз ҷумла бо камбудиҳои ба назар нагирифтани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо бекор ё тағйир дода мешаванд. Зеро дар татбиқи сиёсати ҷиноятии давлат ба эътибор гирифтани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо аҳаммияти муҳим мебошад.

Масалан, аз ҷониби суди марҳилаи якум К.Д.З. барои он маҳкум шудааст, ки ӯ шаби 20 октябри соли 2019, тахминан соатҳои 01,30 дақиқа дар кӯчаи Б., Ҷамоати шаҳраки С., ноҳияи Р. дар ҳолати мастӣ қарор дошта, бо мақсади дуздӣ ба назди манзили истиқоматии К.А.А. рафта, аз набудани соҳибхона ва торикии шаб истифода бурда, ғайриқонунӣ вориди он гардидааст. Сипас, аз он ҷо як адад сандуқи оҳанин (сейф)-ро тасарруф намуда, онро ба дучарха (ароба) бор карда, ба лаби канали обгузари назди варзишгоҳи «Н.» бурда, қулфашро бо табар шикастааст. Баъдан аз дохилаш маблағи 4002 доллари ИМА, баробар бо 38779 (сию ҳашт ҳазору ҳафсаду ҳафтоду нуҳ) сомонию 38 дирам ва 37500 (сию ҳафт ҳазору панҷсад) сомониро гирифта, як қатор ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият ва манзилию ҳуқуқӣ аз қабили 1 адад шиносномаи хориҷии К.А.А., 1 адад дипломи Донишгоҳи Аграрии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, 1 адад шаҳодатнома дар бораи бурдани корҳои таркишӣ, қоғазҳои қиматбаҳои (саҳмияҳои) НОБ Роғун ба маблағи 10000 сомонӣ, 2 адад дафтарчаи меҳнатӣ, 1 адад дафтари ҳавлидорӣ, 3 адад шаҳодатномаи таваллуди фарзандон ва расмҳои оилавиро бо сейф ба канал партофтааст.

Бо ҳукми суд К.Д.З. бо моддаҳои 244 қисми 3 банди «а» ва 339 қисми 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ,

- бо моддаи 244 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 (панҷ) сол,

- бо моддаи 339 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 1 (як) сол таъин карда, дар асоси қисми 3 моддаи 67-и ҳамин Кодекс бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳои таъиншуда ҷазои ниҳоӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 (панҷ) сол, бо адо кардани ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низомаш пурзӯр таъин карда шудааст.

Дар асоси қисми 1 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 25 октябри соли 2019, таҳти №1648 муҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати К.Д.З. аз се як ҳисса кам карда шудааст.

Суди марҳилаи назоратӣ муайян намудааст, ки суди марҳилаи якум ҳангоми таъини ҷазо ба маҳкумшуда К.Д.З. ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифтааст, ки ӯ бори аввал ҷиноятро содир кардааст, пеш суд нашудааст, ҷавон буда, аз ҷойи зисташ хислатномаи мусбӣ дорад ва аз кирдори содирнамудааш сидқан пушаймон мебошад. Аммо талаботи моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро муҳокима нашудааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ вобаста бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳгор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он ё ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд, мумкин аст ҷазо аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида камтар таъин карда шавад ё суд метавонад нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктар таъин намояд.

Ҳолатҳои алоҳидаи сабуккунанда ва ҳам маҷмуи чунин ҳолатҳо метавонанд ҳамчун ҳолатҳои мустасно эътироф карда шаванд.

Бинобар ин, коллегияи судӣ лозим шуморидааст, ки ҳолатҳои дар боло номбаршударо ҳамчун ҳолатҳои мустасно ба назар гирифта, ҳукми суди марҳилаи якумро тағйир дода, нисбати маҳкумшуда дар асоси моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои бо қисми 3 моддаи 244 хамин Кодекс таъингардидаро аз ҳадди поёнии он камтар таъин намояд.

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукми суди ноҳияи Р. нисбати К.Д.З. бо моддаҳои 244 қисми 3 банди «а» ва 339 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир дода шуда, ба ӯ бо моддаи 244 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

дастрасии моддаи 63 ҳамин Кодекс ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати чор солу шаш моҳ муқаррар карда шудааст.[84]

Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳукми суди марҳилаи якум бо асоси таъини ҷазои бармаҳал, аз ҷумла ба назар нагирифтани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ дода, бо ин асос ҳукми суд тағйир дода шудааст.

Хулоса, дар татбиқи ҳуқуқ дар амалия ва ҳам дар назария ба назар гирифтани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо аҳамияти муҳим дорад. Зеро ҳамаи ҳолатҳои сабуккунанда, ки дар қисми 1 моддаи 61 қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ оварда шудаанд, аз ҷониби суд мавриди таъини ҷазо бояд ба назари эътибор гирифта шаванд. Маҳз суд метавонад қарори қабулнамудаашро асоснок намояд, ки кадом ҳолатҳои дар қонун овардашуда эътироф карда шаванд.

Таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ба назар гирифта нашудани бархе аз ҳолатҳои сабуккунандаи ҷойдошта сабабҳои гуногун дошта метавонанд, ба мисли зиёд будани сарбории судяҳо, ба таври дахлдор ба назар гирифта нашудани шахсияти гунаҳгор, назар ба хавфнокии ҷинояти содиршуда, тафтиши бесифат ё бо раванди айбдоркунӣ бурдашуда, ҳолати аз ҳад фаъоли ҷабрдида ё намояндаи он ва ғайра. Ҳамзамон, дар пешбурди таҳқиқ ва тафтиш ба ҳолатҳои сабуккунанда ва моҳияти ҳуқуқии онҳо ба таври лозима аҳаммият дода намешавад.

Оид ба ин масъала ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳо ворид ва тавзеҳ дода шаванд. Таҷрибаи татбиқи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо аз он шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз масъалаҳои алоҳидаи институти мазкур нокифоя ба танзим дароварда шуда, то инҷониб баъзе баҳсҳо гирду атрофи он ҳалли худро ба дараҷаи лозима наёфтаанд.

АДАБИЁТ:

1. Бойгонии суди ноҳияи Рӯдакӣ парвандаи (№ 1-18ҷ/20).

2. Гараев, М.Т. Смягчение наказания при его назначении по Российскому уголовному праву [Текст] / М.Т. Гараев. – Казань, 2002. – 159 с.

3. Искандаров, Ш.Ф., Шосаидзода, Ш.Ш. Асосҳои умуми назариявӣ ва танзими ҳуқуқии эвтаназия [Матн] / Ш.Ф. Искандаров, Ш.Ш. Шосаидзода // «ВЕСТНИК ТГУПБП», выпуск 4 (93), 2022. – С. 45-54.

4. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 12 декабри соли 2002 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои

[84] Бойгонии суди ноҳияи Рӯдакӣ парвандаи (№ 1-18ҷ/20).

ноболиғон» (бо тағйироте, ки бо қарорҳои Пленум аз 22 декабри соли 2006 №10, аз 23 июни соли 2010 №14, аз 23 ноябри соли 2012 №33 ва аз 24 июли соли 2019, №1 ворид карда шудаанд)

5. Сафаров, А.И. Оид ба баъзе паҳлуҳои мафҳуми ҷабрдида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавиии ҷиноятӣ [Матн] / А.И. Сафаров // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Правовая жизнь Маҷалла ба истиқболи ҷашни 65 - солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. – № 3 (03). – Душанбе, 2013. – С.32-45.

6. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / коллективи муаллифон. – Душанбе, 2005. – 321 с.

7. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. – Душанбе, 2005. – 430 с.

8. Ушакова, М.Г. Смягчающие наказание обстоятельства в уголовном праве России [Текст] / М.Г. Ушакова. – Москва, 2002. – 268 с.

9. Чучаев, А.И. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (Постатейный) [Текст]. – Москва ИНФРА-М-КОНТРАКТ, 2009. – 456 с.

СМЯГЧАЮЩИЕ ОБСТОЯТЕЛЬСТВА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Уголовный кодекс; смягчающие обстоятельства наказания; наказания; уголовное наказание; цель наказания; уголовная ответственность; судебная справедливость; степень вины; состав преступления; общественная опасность.

Аннотация: В данной статье проведён научный анализ института уголовного наказания, назначения уголовного наказания и отдельных смягчающих обстоятельств при назначении уголовного наказания. Также в данной статье проведено исследование по вопросам учёта смягчающих обстоятельств наказания в соответствии со статьей 61 действующего Уголовного кодекса и дан сравнительный анализ с УК Таджикской ССР 1961 года.

Наимзода Мархабо Наим - старший преподаватель кафедры международных отношений и права Таджикского международного университета иностранных языков им. Сотима Улугзода. **Тел.:** (+992) 938-32-77-37.

MITIGATING CIRCUMSTANCES UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: criminal code; mitigating circumstances; punishment, criminal punishment; purpose of punishment; criminal liability; judicial justice; degree of guilt; elements of a crime; public danger.

Annotation: This article provides a scientific analysis of the institution of criminal punishment, the imposition of criminal punishment, and certain mitigating circumstances in the imposition of criminal punishment. It also examines the consideration of mitigating circumstances in sentencing in accordance with Article 61 of the current Criminal Code and provides a comparative analysis with the 1961 Criminal Code of the Tajik SSR.

Naimzoda Marhabo Naim - senior Lecturer, Department of International Relations and Law, Sotim Ulugzoda Tajik International University of Foreign Languages. **Phone:** (+992) 938-32-77-37.

III. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5.1.3); ЧАСТНО-ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.3); PRIVATE LAW (CIVIL) SCIENCES (SPECIALITY: 5.1.3)

ОДИНАЗОДА Шоҳрух Хисрав,
корманди дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 931-10-04-40.

УДК: 349.4

РУШДИ МУНОСИБАТҲО ОИД БА ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ ДАР ЗАМИНАИ ҲУҶҶАТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ

Калидвожаҳо: ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ; консепсия; стратегия; барнома; қонунгузорӣ; хоҷагии ёрирасони шахсӣ; муносибатҳои ҷамъиятӣ; Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; маҳсулоти кишоварзӣ; амнияти озуқаворӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф масъалаҳои нақш ва аҳамияти ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва паёмҳои Президенти мамлакат дар рушди муносибатҳо оид ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Махсусан, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ қабул гардидаанд, нишондоди мушаххасро оид ба хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон пешбинӣ менамоянд. Ҳамчунин, дар ин ҷода паёмҳои Президенти мамлакат ҳамчун ҳуҷҷати дорои мазмуни стратегии муайянкунандаи вазъи кунунӣ, мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамои соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ ва нақши онҳо дар рушди муносибатҳо оид ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Хоҷагии ёрирасони шахсӣ яке аз субъекти мустақили соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, самти асосии фаъолияти он истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади қонеъ намудани талаботи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар мебошад. Дар айни замон хоҷагии ёрирасони шахсӣ яке аз шаклҳои маъмули фаъолияти кишоварзии шаҳрвандон буда, фаъолияти иқтисодии аҳолии деҳотро тавсиф мекунад. Мавҷудият ва рушди

хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар кишвар ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд[85].

Бобати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти ташкил ва пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар низоми қонунгузории мамлакат ду маротиба қонунҳои махсуси соҳавӣ қабул карда шудааст. Аз ҷумла, дар соли 2003 ва қонуни амалкунанда бошад, аз соли 2022 қабул гардидааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891[86] муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ташкил, пешбурд, рушд ва қатъи фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ танзим менамояд, ки аз аз 6 боб ва 21 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур санади меъёрии ҳуқуқиест, ки асосҳои ҳуқуқии ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро аз тарафи шаҳрвандон ва ҳамчунин чорабиниҳои аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ кардани онҳоро муайян карда, ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташкил кардани хоҷагии ёрирасони шахсӣ, мустақилияти хоҷагӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонеро, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, кафолат медиҳад.

Дар баробари санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла Қонуни махсус дар ин самт, инчунин муносибатҳо оид ба хоҷагии ёрирасони шасхӣ дар доираи нишондодҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ (консепсия, стратегия ва барнома) мавриди танзим ва муайянсозӣ қарор дода шудаанд.

Дар асоси сархати панҷуми банди 36 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст[87], такмили қонунгузорӣ дар самти ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо мақсади вусъат додани рушди истеҳсолоти хоҷагиҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун самти асосии дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ пешбинӣ гардидааст.

Тибқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2002, №666 тасдиқ шудааст[88], дар он марҳила иборат будани даромади мавҷудаи

[85] Соҳибов М.М. Инкишофи қонунгузорӣ дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 1. – С. 134-135.

[86] Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.02.2025).

[87] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018,№ 1005 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2024).

[88] Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 19 июни соли 2002, №666 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2024).

сокинони мамлакатро асосан аз фурӯши озуқаворӣ ва дигар ашёи хоҷагии хонавода пешбинӣ намудааст. Яъне, тибқи нишондодҳои стратегияи мазкур мафҳуми хоҷагии ёрирасони мрӯза дар шакли хоҷагии хонаводагӣ маънидод карда мешуд.

Ҳамчунин, тибқи муқаррароти он шумораи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар кишвар бештар аз 25 ҳазор муайян карда шуда, пешбурд ва сарварии чунин хоҷагиҳоро асосан занон ташкил менамуданд. Чунин хоҷагиҳои хонаводагӣ аксаран захираҳои замин ва дигар захираҳои кишоварзиро камтар дастрас менамоянд.

Ҳамзамон, стратегияи мазкур пешбинӣ менамояд, ки институтҳои навъи хона-интернатҳо, марказҳои минтақавӣ ва ғайра барои рафъи мушкилоти молиявии худ хоҷагиҳои ёрирасон таъсис дода, аксари онҳо ба чорводорӣ, паррандапарварӣ, парвариши оруи асал, таъсиси гармхонаҳо машғуланд, ки он ба беҳбуди ҳолати озуқаворӣ ва таъминот мусоидат менамояд. Даромади боқимонда аз пешбурди чунин хоҷагидорӣ барои хароҷотҳои амалиётӣ пардохт мешавад.

Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2009, №72 тасдиқ шудааст[89], таъмини бехатарии озуқавории ҷумҳуриро дар бисёр ҳолатҳо аз самаранокӣ ва устувории рушди хоҷагии қишлоқ вобаста, пешбинӣ менамояд, ки ҷузъи онро пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон ташкил менамояд. Ҳамчунин барномаи мазкур яке аз манбаҳои асосии рушди бахши хусусӣ дар давраи амали он пешбурди хоҷагиҳои оилавӣ маънидод месозад, ки моҳиятан хоҷагии ёрирасони шахсиро ифода менамояд.

Дар асоси Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №386 тасдиқ шудааст[90], баҳри таъмини амнияти озуқавории мамлакат истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигии аҳолӣ муҳим пешбинӣ гардидааст. Тибқи банди 17 барномаи мазкур барои ноил гардидан ба мақсадҳои таъмини иҷрои барнома доир рушди соҳаи кишоварзӣ дастгирии рушди хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ ва соҳаҳои дигари фаъолияти тиҷоратии марбут ба деҳот зарур шуморида шудааст.

Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ (консепсия, стратегия ва барнома) доир ба рушди самтҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзӣ, махсусан хоҷагии ёрирасони шахсӣ

[89] Барномаи амнияти озуқавории ҶТ барои давраи то соли 2015, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 феврали соли 2009, №72 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2024).

[90] Барномаи амнияти озуқавории ҶТ барои солҳои 2020-2024, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 25 июни соли 2020, №386 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2024).

нақши муҳимро ишғол намуда, ҳамчун заминаи таҳкими муносибатҳо баромад менамоянд ва дар пасманзари нишондодҳои чунин ҳуҷҷатҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил ва афзалиятҳову самтҳои рушди чунин хоҷагиҳо муайян карда мешаванд.

Дар баробари ин, яке аз ҷанбаҳои дигари рушди асосҳои ҳуқуқии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсиро ин паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи муҳими сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва стратегӣ ташкил менамояд. Чуноне ки М.М. Соҳибзода иброз менамояд «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳуҷҷати дорои мазмуни стратегии муайянкунандаи вазъи кунунӣ, мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамои соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ доир ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат буда, яке аз масъалаҳои меҳварии онро самтҳои мухталифи сиёсати ҳуқуқии кишвар фарогир мебошад»[91].

То ин муддат Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии кишвар 25 маротиба бо паёмҳо баромад намуда, таҳлилу омӯзиши паёмҳои ироанамудаи Президенти кишвар собит менамояд, ки дар 24 адади он ба таври бевосита ва бавосита масоили вобаста ба истифодаи қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани маданияти заминистифодабарӣ, ба даст овардани ду се ҳосил дар як сол аз ҳар вақаб қитъаи замин ва дар маҷмуъ муносибатҳо вобаста ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ зикр карда шуда, масъалагузориҳо дар ин самт сурат гирифтааст.

Аз ҷумла, дар нахустин Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2001 зикр гардидааст, ки «мо бояд барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, серҳосилии ҳар як гектар замин ва пурзӯр сохтани иқтидори содиротии соҳаи кишоварзӣ шароит муҳайё намоем. Ин дар сурате муяссар мегардад, ки ҳар як порча замин соҳиби ҳақиқии худро, ки ба беҳбудии ҳолати агротехникии замин ва рӯёнидани ду-се ҳосил дар як сол манфиатдор аст, пайдо намояд»[92].

Ҳамчунин, дар самти таъмини сатҳи иҷтимоии аҳолӣ ва некуаҳволии шаҳрвандон дар солҳои баъд аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ, ки вазъияти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии Тоҷикистон ногувор буд, Президенти мамлакат дастгириҳои давлатиро доир ба ҷудо намудани қитъаҳои замини иловагии ёрирасон зарур шумориданд. Дар ин замина, Президенти мамлакат муҳтарам Э.Ш. Раҳмонов дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 зикр намуданд, ки «бо вуҷуди камзаминии кишвар дар

[91] Соҳибзода М.М. Паёми Президенти ҶТ – меҳвари бунёдии рушди низоми қонунгузорӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – 2021. – №1-2 (143-144). – С. 4.

[92] Паёми Президенти ҶТ ба аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 30 апрели соли 2001 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event/missives/14004 (санаи мурочиат: 15.11.2024).

ин марҳила (солҳои 1995-2000) тақсим намудани 75 ҳазор гектар замин ба мардум аз ҷумлаи тадбирҳои тақдирсозе буд, ки аҳолиро аз хатари гуруснагӣ раҳоӣ бахшид»[93].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 24 апрели соли 2010 бошад, махсус ишора гардидааст, ки «агар дар давоми 70 соли низоми гузашта ҳамагӣ 77 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 55 ҳазор гектар замини обӣ барои қитъаҳои наздиҳавлигӣ ҷудо шуда бошад, танҳо дар понздаҳ соли охир барои беҳтар намудани шароити зисти аҳолӣ қариб 105 ҳазор гектар, аз ҷумла 46 ҳазор гектар замини обӣ тақсим карда дода шудааст. Ва муҳимтар аз ҳама ин аст, ки имрӯз дар ҳамин 105 ҳазор гектар зиёда аз 60 фоизи маҳсулоти кишоварзии мамлакатамон истеҳсол карда мешавад»[94].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 бошад, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон истифодаи мақсадноку самараноки қитъаҳои замин, инчунин зиёд намудани истеҳсоли маводи ғизоӣ дар ин замина афзалиятнок маънидод гардидааст. Махсусан Президенти мамлакат қайд намуданд, ки «дар 27 соли соҳибистиқлолӣ 190 ҳазор гектар заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ бароварда шуда, майдони заминҳои наздиҳавлигӣ дар кишвар 135 ҳазор гектар, аз ҷумла аз ҳисоби заминҳои обӣ 52 ҳазор гектар зиёд шудааст. Яъне, ба як миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ замин тақсим карда дода шудааст ва ба ҳисоби миёна беш аз 7 миллион нафар сокинони кишвар шароити манзилиашонро беҳтар кардаанд. Бо ин мақсад дар 70 соли то замони истиқлолият ҳамагӣ 77 ҳазор гектар замин тақсим карда шуда буд»[95].

Ҳамчунин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 зикр гардидааст, ки «дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолии мамлакат ва бо мақсади ҳалли мушкилоти иҷтимоии мардуми кишвар 135 ҳазор гектар замин барои бунёди манзили истиқоматӣ тақсим карда, дода шуд»[96].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии

[93] Паёми Президенти ҶТ Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 16 апрели соли 2005 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event/missives/21 (санаи мурочиат: 15.11.2024).

[94] Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 24 апрели соли 2010 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event/missives/14 (санаи мурочиат: 15.11.2024).

Rahmatova Natalya Vladimirovna - Senior Lecturer at the Department of Civil Law, Faculty of Law, Russian-Tajik (Slavonic) University. **Phone:** (+99232) 227-67-40.

САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКТЫ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ТАЪИНОТИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости шаҳрванд Ҳасанова С. Р. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, № 595 «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба моддаҳои 17 қисми 1, 27 қисми 2, 35 қисми 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

ш. Душанбе 20 июни соли 2025

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда - Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А.А., судя-котиб Ҷамшедзода Ҷ.Н., судяҳо: Шарифзода А.Н., Қувватзода Ф.Ҷ. ва Идризода Б.А.

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ – Шарофова С.Р.,

дар маҷлиси судӣ гузориши судя-котиби Суди конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н.-ро оид ба дархости шаҳрванд Ҳасанова С. Р. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, № 595 «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба моддаҳои 17 қисми 1, 27 қисми 2, 35 қисми 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро шунида,

м у а й я н к а р д:

Шаҳрванд Ҳасанова Салима Раҳимовна бо дархост ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намуда, дар он зикр менамояд, ки тибқи қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», ки 12 январи соли 2010 қабул шуда, аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шудааст (Қонуни ҶТ аз 25.03.11с, №708), ба нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ аз ҳисоби маблағҳи буҷети давлатӣ (на аз ҳисоби фонди суғурта) ба андозаҳои зерин иловапулиҳо муқаррар ва пардохт карда мешаванд:

б) ба андозаи 100 фоизи нафақаи заминавӣ:

- ба шахсоне, ки на камтар аз 15 сол собиқаи хизмати давлатӣ доранд (Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1200)

Муроҷиаткунанда иброз медорад, ки муқаррароти моддаи мазкур нисбати ӯ, ки беш аз 15 сол собиқаи хизмати давлатӣ дорад, татбиқ нашудааст, новобаста аз он, ки то 1 январи соли 2016 фаъолият намуда, моҳи январи соли 2016 нафақаи меҳнатии худро бозҳисобӣ намудааст.

Аз ин лиҳоз, Ҳасанова С.Р. ҳисоб мекунад, ки ҳолати мазкур номутобиқатии қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба моддаҳои 17 қисми 1, 27 қисми 2, 35 қисми 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад.

Муроҷиаткунанда, ҳамчунин иброз медорад, ки мутобиқи қисми 1 моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд», пас чаро муқаррароти қисми 1 моддаи 39 қонуни дар боло зикргардида нисбати ӯ татбиқ намешавад?

Дар баробари ин, Ҳасанова С.Р. қайд менамояд, ки мувофиқи моддаи 27 қисми 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд» ва бо кадом сабаб ҳуқуқҳои конститутсиониаш маҳдуд шуда, қисми 1 моддаи 39 Қонуни болозикр нисбати ӯ татбиқ нашудааст.

Ҳамчунин, ба муроҷиаткунанда таъкид мекунад, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 35 Конститутсияи ҶумҳурииТоҷикистон «Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст» ва баромадан ба нафақаи меҳнатиро давоми муносибатҳои меҳнатӣ маҳсуб дониста, чунин меҳисобад, ки қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ҳуқуқҳояшро маҳдуд кардааст.

Ҳамзамон муроҷиаткунанда қайд менамояд, ки вобаста ба масъалаи мазкур соли 2023 ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза муроҷиат намудааст.

Бо асосҳои зикршуда, Ҳасанова С.Р. чунин мешуморад, ки қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба моддаҳои 17 қисми 1, 27 қисми 2, 35 қисми 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ набуда, аз Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки ба қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» тағйирот ворид карда шуда, он ба таври зайл ифода карда шавад:

1. «Ба нафақаҳои шаҳрвандон иловапулиҳо...» давомаш аз рӯи матн.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, ӯ ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, талаб дорад, ки дар асоси дархости ӯ мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз намуда, мутобиқати қисми 1 моддаи 39

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», ки 12 январи соли 2010 қабул шуда, аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шудааст (Қонуни ҶТ аз 25.03.11с, №708) ба талаботи моддаҳои 17 қисми 1, 27 қисми 2, 35 қисми 2 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Суди конститутсионӣ дархости мазкур ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашударо мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки Ҳасанова С.Р. субъекти мурочиат ба Суди конститутсионӣ маҳсуб ёбад ҳам, аммо оғоз кардани мурофиаи судии конститутсионӣ нисбат ба дархости мазкур бинобар ошкор нагардидани номуайянӣ дар масъалаи мутобиқати қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, № 595 «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба моддаҳои 17 қисми 1, 27 қисми 2, 35 қисми 2 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рад карда мешавад.

Зеро, мутобиқи қисми 2 моддаи 44 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои баррасии парванда дар Суди конститутсионӣ ошкор гаштани номуайянӣ дар масъалаи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асос мегардад.

Муқаррароти моддаҳои 17 қисми 1, 27 қисми 2 ва 35 қисми 2 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мазмун ва мавзуи танзими ҳуқуқии худ буда, онҳоро ба таври умум нисбати тамоми масъалаҳои ҷузъии пешбининамудаи қонунгузорӣ, бахусус нисбати қисми якуми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» бевосита татбиқ кардан мантиқ надорад. Зеро, қисми 1 моддаи 17 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарии ҳамаро дар назди қонун ва суд эълон намуда, ҳуқуқу озодиҳоро ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, кафолат медиҳад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 27 Конституцияи бошад, шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд, ки ин ҳуқуқи шаҳрвандон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, № 233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» амалӣ гардида, ҳуқуқи баробари танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ба хизмати давлатӣ ҳамчун фаъолияти касбӣ кафолат медиҳад.

Қисми 2 моддаи 35 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ намудааст, ки такмили минбаъдаи худро меъёри мазкур дар моддаи 6 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфтааст.

Вале қисми якуми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пардохти иловапулиҳоро аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатии доираи муайяни шахсон ба андозаҳои 150, 100 ва 50 фоизи нафақаи заминавӣ муқаррар намудааст, ки меъёрҳои мазкур ба ҳамдигар алоқамандии бевоситаи мавзуӣ ва мазмунӣ надоранд, ва ин ҳолат мантиқан наметавонад боиси таҳлили муқоисавии конститутсионӣ-ҳуқуқии меъёри моддаи баҳсии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва меъёрҳои зикршудаи Конститутсия гардад.

Талаби муроҷиаткунанда оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таҳти тобеияти Суди конститутсионӣ қарор надоранд, зеро мутобиқи қисми 4 моддаи 89 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия муайян менамояд. Инчунин мувофиқи қисми 2 моддаҳои 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионӣ дорои салоҳияти зерин мебошад:

- баррасии парвандаҳо дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳодшаванда;

- баррасии парвандаҳо дар хусуси муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия;

- баррасии парвандаҳо оид ба ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо;

- иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва дигар қонунҳо муайян кардаанд.

Мувофиқи қисми 6 моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, №1414 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти (шахси мансабдори) ҳуқуқэҷодкунанда, ки онро қабул намудааст, бо роҳи қабул намудани ҳамон намуд санади меъёрии ҳуқуқие, ки ин тағйиру иловаҳо ба он ворид карда мешаванд, сурат мегирад.

Бинобар ин, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қисми дуюми моддаи 44 ва сархатҳои якум ва сеюми моддаи 45 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз намудани мурофиаи судии конститутсиониро дар асоси дархости пешниҳодшуда, бинобар набудани асос барои баррасии парванда ва таҳти тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надоштани дархости мазкур рад менамояд.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, тибқи талаботи моддаҳои 43, 44, 45, 55 ва 60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

т а ъ и н к а р д:

1. Оғоз намудани мурофиаи судии конститутсионӣ аз рӯи дархости шаҳрванд Ҳасанова С. Р. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати қисми 1 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, № 595 «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба моддаҳои 17 қисми 1, 27 қисми 2, 35 қисми 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», бинобар набудани асос барои баррасии парванда ва таҳти тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надоштани дархости пешниҳодшуда, рад карда шавад.

2. Боҷи давлатӣ, ки бо расиди №13 аз 20 май соли 2025 ба КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ба маблағи 75 (ҳафтоду панҷ) сомонӣ супорида шудааст, ба шаҳрванд Ҳасанова С.Р. баргардонида шавад.

3. Таъинот қатъӣ буда, нисбат ба он шикоят овардан мумкин нест.

4. Таъинот дар Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

Раиси
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурзода А.А.

Судя-котиби
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшедзода Ҷ.Н.

ТАЪИНОТИ
СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости Раҳмонов Неъматҷон Абдуқаҳорович «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати меъёрҳои сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), ба моддаҳои 31 ва 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

ш. Душанбе 5 ноябри соли 2025

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда - Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурзода А.А., муовини Раис Абдураҳимзода Д.Р., судя-котиб Ҷамшедзода Ҷ.Н., судяҳо: Шарифзода А.Н., Идрисзода Б.А., Қувватзода Ф.Ҷ., Соҳибзода М.М.,

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ - Бобоев Ш.Ш.,

дар маҷлиси судӣ гузориши судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Соҳибзода М.М. ва Идрисзода Б.А. оид ба дархости Раҳмонов Неъматҷон Абдуқаҳорович «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати меъёрҳои сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), ба моддаҳои 31 ва 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро шунида,

м у а й я н к а р д:

Раҳмонов Неъматҷон Абдуқаҳорович бо дархост ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намуда, дар он зикр менамояд, ки меъёрҳои сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), ба моддаҳои 31 ва 36 Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ нест, бинобар ин, ғайриконститутсионӣ эътироф карда шавад.

Муроҷиаткунанда Раҳмонов Неъматҷон Абдуқаҳорович иброз медорад, ки аз соли 1999 дар Федератсияи Россия дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта, соли 2021 бинобар хориҷ кардан аз ҳудуди кишвари Федератсияи Россия (депортатсия) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргаштааст. Дар ин муддат, манзили меросии падарашро бародаронашон фурӯхтаанд. Бо ин асос, аз аввали соли 2024 дар як бинои вайронае, ки барои зист мутобиқ нест, воқеъ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд муваққатан зиндагӣ мекардааст.

Дар асоси нишондодҳои Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), ӯ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд барои эътироф гардидан ҳамчун эҳтиёҷманд ва барои ӯ ҷудо намудани манзили истиқоматӣ дар асоси шартномаи кирояи иҷтимоӣ муроҷиат намудааст.

Аммо яке аз асосҳои муҳим, ки доир ба масъалаи эътироф гардидан ҳамчун эҳтиёҷманд ва ҷудо намудани манзили истиқоматӣ дар асоси шартномаи кирояи иҷтимоӣ ин доштани шиноснома ва пешниҳоди нусхаи он ба мақомоти ваколатдор мебошад, ки Раҳмонов Неъматҷон Абдуқаҳорович онро надошта, бо ин асос мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд дархости ӯро рад намудааст.

Вобаста ба ҳолатҳои зикргардида, муроҷиаткунанда иброз медорад, ки набудани шиноснома боиси маҳрум шудани ӯ аз ҳуқуқи конститутсиониаш ба манзил гардидааст. Аз ин лиҳоз, ба андешаи ӯ талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ хилофи принсипҳои конститутсионӣ буда, боиси поймолшавии ҳуқуқҳояш гардидааст.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, ӯ ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, талаб дорад, ки дар асоси дархости ӯ мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз намуда, мутобиқати меъёрҳои сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), ба моддаҳои 31 ва 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Ҳамчунин, муроҷиаткунанда талаб дорад, ки меъёрҳои сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), бо чунин мазмун таҳрир карда шавад:

«2. Эътироф кардани шаҳрванд ҳамчун эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҷойи кор дар асоси ариза, ки дар он ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд, амалӣ мегардад:

1) шиносномаи шаҳрванд ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи шахсият (ҳангоми набудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият ба аризаи шаҳрванд бояд маълумотнома дар бораи қайди муваққатӣ, ки аз ҷониби шуъбаи корҳои дохилии маҳалли зист бо расми шаҳрванд дода шудааст, инчунин маълумотнома аз ҷойи зисти муваққатии шаҳрванд бо расми ӯ, ки аз тарафи раисони маҳалла ва сардорони муассисаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ тасдиқ гардидааст, замима карда шавад);».

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости мазкур ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашударо мавриди омӯзиш қарор дода, оғоз кардани мурофиаи судии конститутсиониро нисбат ба дархости мазкур бо асосҳои зерин рад менамояд:

1. Дар масъалаи мутобиқати меъёрҳои сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), ба моддаҳои 31 ва 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номуайянӣ ошкор нагардид, ки барои баррасии масъалаи мазкур дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос шавад. Мутобиқи қисми 2 моддаи 44 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои баррасии парванда дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гаштани номуайянӣ дар масъалаи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асос мегардад.

Ҳуқуқ ба манзил аз зумраи ҳуқуқҳои бунёдии шаҳрванд ба ҳисоб рафта, дар меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст. Аз ҷумла, мутобиқи муқаррароти моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад ва ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад. Ин меъёрҳои конститутсионӣ идомаи такмили худро дар моддаи 1 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022 ёфтааст.

Дар асоси сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), эътироф кардани шаҳрванд ҳамчун эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад аз

ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дар асоси ҳуҷҷатҳои дахлдор амалӣ карда мешавад. Эътирофи шаҳрванд ҳамчун эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматӣ ба муносибатҳои бо қонунгузории манзил танзимшаванда алоқамандӣ дорад, вале эҳтиёҷманд эътироф нагардидани шаҳрванд дар робита ба талаботҳои пешбинигардида, маънои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсиониро надорад.

Ҳамин тавр, меъёрҳои дар моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳуқуқҳои ҳар касро ба манзил ба таври умумӣ ва маҷмуӣ кафолат дода, аз рӯйи фаҳмиши ягона дорои мазмун ва мавзуи танзими ҳуқуқии худ мебошад. Таҳлили муқоисавии меъёрҳои конститутсионӣ дар муносибатҳои ҷузъӣ, аз ҷумла, дар нисбати сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), аз мантиқи ҳуқуқӣ холӣ буда, аз тарафи дигар ба он иртиботи бевосита надорад.

Мутобиқи моддаи 31 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ мурочиат намояд. Такмили минбаъдаи ин меъёри конститутсионӣ дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016 ифода ёфтааст.

Аз мазмуни аризаи мурочиаткунанда бармеояд, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд аризаи ӯро дар хусуси ҳамчун эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматӣ эътироф намудан мавриди баррасӣ қарор дода, бо сабаби пешниҳод карда натавонистани номгӯйи ҳуҷҷатҳои дар сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), танҳо қонеъ намудани талаботашро ба манзили истиқоматӣ рад намудааст. Ҳолати мазкур ҳамчун маҳдуд намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба мурочиат ба мақомоти давлатӣ арзёбӣ намегардад ва он мухолиф ба моддаи 31 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад.

2. Талаби мурочиаткунанда оид ба ворид намудани тағйирот ба сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), таҳти тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надорад, зеро мувофиқи қисми 6 моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти (шахси мансабдори) ҳуқуқэҷодкунанда, ки онро қабул намудааст, бо роҳи қабул намудани ҳамон намуд санади меъёрии ҳуқуқие, ки ин тағйиру иловаҳо ба он ворид карда мешаванд, сурат мегирад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қисми 4 моддаи 89 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистонро ба Конститутсия муайян менамояд. Инчунин, мувофиқи қисми 2 моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои салоҳияти зерин мебошад:

- баррасии парвандаҳо дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳодшаванда;

- баррасии парвандаҳо дар хусуси муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия;

- баррасии парвандаҳо оид ба ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо;

- иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва дигар қонунҳо муайян кардаанд.

Ҳамин тавр, бинобар набудани асос барои баррасии парванда ва таҳти тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надоштани дархости мазкур, мутобиқи сархатҳои якум ва сеюми моддаи 45 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз намудани мурофиаи судии конститутсионӣ аз рӯйи он рад карда мешавад.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, тибқи талаботи моддаҳои 40, 43, 44, 45, 55 ва 60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

т а ъ и н к а р д:

1. Оғоз намудани мурофиаи судии конститутсионӣ аз рӯйи дархости Раҳмонов Неъматҷон Абдуқаҳорович «Дар хусуси муайян намудани

мутобиқати меъёрҳои сархати якуми банди 2 Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №211 тасдиқ шудааст), ба моддаҳои 31 ва 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бинобар набудани асос барои баррасии парванда ва таҳти тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надоштани дархости пешниҳодшуда, рад карда шавад.

2. Боҷи давлатӣ, ки бо расиди №27 аз 15 октябри соли 2025 ба КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ба маблағи 75 (ҳафтоду панҷ) сомонӣ супорида шудааст, ба шаҳрванд Раҳмонов Неъматҷон Абдуқаҳорович баргардонида шавад.

3. Таъинот қатъӣ буда, нисбат ба он шикоят овардан мумкин нест.

4. Таъинот дар Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

Раиси
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурзода А.А.

Судя-котиби
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшедзода Ҷ.Н.

НАВИДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

20 январи соли 2025 аз ҷониби Ассотсиатсияи Авруосиёгии мақомоти назорати конститутсионӣ дар якҷоягӣ бо Суди конститутсионии Қазоқистон маҷлиси ҳайати таҳририяи маҷаллаи Ахбори Ассотсиатсияи мазкур бо номи «Адолати судии конститутсионӣ» баргузор гардид. Дар кори он Каримзода К.М - муовини Раиси Суди конститутсионӣ ва Бобоева Ш.Ҳ. – ёрдамчии муовини Раис иштирок намуданд ва Каримзода К.М. баромад намуданд.

19-28 январи соли 2025 дар асоси дархости Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мактуби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2025, № БИХ 51594 (17) судяи Суди конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н., дар ҳайати гурӯҳи корӣ бо мақсади фаҳмондадиҳии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба интихоботи Маҷлиси Олӣ, маҷлисҳои маҳаллӣ ва Ҷамоатҳо, санҷиши омодагии ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ, расонидани ёрии методӣ ба аъзои комиссияҳои интихоботӣ ва баҳогузории фаъолияти онҳо, баргузории семинарҳои омӯзишӣ ва вохӯрӣ бо интихобкунандагон ба ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рушон, Шуғонон ва шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сафари корӣ анҷом додааст.

3-4 феврали соли 2025 дар асоси мактуби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, №53 мутобиқи нақшаи КМИР судяи Суди конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н., ҷиҳати фаҳмондадиҳии қонунгузории интихоботӣ дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Саридораи геология ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрию мулоқотҳоро доир намудааст.

1-5 апрели соли 2025 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳбарони сохторҳои танзими ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз рӯи барномаи «Сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҷашну маросим» курси такмили ихтисос ташкил ва баргузор гардид, судяи Суди конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н., санаи 2 апрел дар курси мазкур аз рӯи мавзуи «Шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи хизмати давлатӣ» лексия – суҳбат доир намуд.

9-14 июни соли 2025 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муовинони Раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо оид ба иқтисод ва молия аз рӯи барномаи «Сиёсати давлатии иқтисодию молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи он дар сатҳи

маҳал» курси такмили ихтисос ташкил ва баргузор гардид, судяи Суди Конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н., дар курси мазкур санаи 9 июн аз рӯи мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» лексия – суҳбат доир намуд.

18-уми июни соли 2025 бо ташаббуси муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон» конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Қонуни танзим омили худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ» баргузор гардид. Дар кори конференсия судяи Суди конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н., иштирок ва дар мавзуи «Конститутсия ва танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад кардааст.

24 июни соли 2025 дар шаҳри Бангкоки Шоҳигарии Тайланд Ҷаласаи васеи Шурои Ассотсиатсияи судҳои конститутсионии Осиё ва интитутҳои муодил тариқи маҷозӣ (онлайн) баргузор гардид, ки дар кори он Қувватзода Ф.Ҷ. - судяи Суди конститутсионӣ ва Нурляминзода Г.А. - сардори раёсати таъминоти ҳуқуқии фаъолияти судяҳо иштирок намудаанд.

25 июни соли 2025 дар маҷлисгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи сатҳи баланди илмӣ-амалӣ таҳти унвони Эмомалӣ Раҳмон — бунёдгузори сулҳу ваҳдат ва нақши ҷавонон дар ҳифзи он дар роҳи расидан ба ормонҳои миллӣ» баргузор гардид. Дар кори конференсияи мазкур судяи Суди конститутсионӣ Қувватзода Ф.Ҷ. иштирок ва суханронӣ намудааст.

4 июли соли 2025 бо ташаббуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави эълон гардидани солҳои 2025–2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия», мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Ҳимояи ҳуқуқи инсон дар шароити рақамикунонӣ» баргузор гардид. Дар кори мизи мудаввар судяи Суди конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н. иштирок ва суханронӣ намудааст.

16-17 июли соли 2025 бахшида ба 30 – юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Озарбойҷон дар шаҳри Боку конференсияи байналмилалӣ дар мавзеи «Тамоюлҳои муосири таъмини волоияти Конститутсия тавассути татбиқи адолати судии конститутсионӣ» баргузор гардид.

Дар кори ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ Раиси Суди конститутсионӣ А. Ашурзода ва судяи Суди конститутсионӣ Б. Идрисзода иштирок намуданд. Раиси Суди конститутсионӣ Абдулҳафиз Ашурзода дар мавзуи «Адолати судии конститутсионӣ – кафолати таъмини волоияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо маърӯза баромад карданд.

НОВОСТИ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

20 января 2025 года Евроазийская Ассоциация органов конституционного контроля совместно с Конституционным судом Казахстана провела заседание редакционной коллегии информационного журнала Ассоциации «Конституционное судебное правосудие».

В работе заседания приняли участие заместитель Председателя Конституционного суда Каримзода К.М. и помощник заместителя Председателя Бобоева Ш.Х. Заместитель Председателя Конституционного суда Каримзода К.М. выступил с докладом.

С 19 по 28 января 2025 года на основании запроса Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан и письма Руководителя Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан от 6 января 2025 года № БИХ 51594 (17) судья Конституционного суда Джамшедзода Дж.Н. в составе рабочей группы совершил рабочую поездку в районы Дарваз, Вандж, Рушан, Шугнан и город Хорог Горно-Бадахшанской автономной области с целью разъяснения законодательства Республики Таджикистан о выборах в Маджлиси Оли, местные маджлисы народных депутатов и Джамоаты. Также в ходе рабочей поездки была проведена проверка готовности избирательных округов и избирательных участков, оказана методическая помощь членам избирательных комиссий и проведены семинары и встречи с избирателями.

3-4 февраля 2025 года на основании письма Центральной избирательной комиссии Республики Таджикистан от 30 января 2025 года № 53, в соответствии с планом ЦКВР, судья Конституционного суда Джамшедзода Дж.Н. провел встречи и беседы по разъяснению избирательного законодательства в Министерстве сельского хозяйства Республики Таджикистан, Государственном комитете по землеустройству и геодезии, Комитете по архитектуре и строительству, Главном управлении геологии и Конституционном суде Республики Таджикистан.

С 1 по 5 апреля 2025 года в Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан был организован и проведён курс повышения квалификации для руководителей структур по регулированию торжеств и обрядов исполнительными органами государственной власти областей, городов и районов по программе «Государственная политика по регулированию торжеств и обрядов». На данном курсе 2 апреля судья Конституционного суда Джамшедзода Дж.Н. проводил занятие на тему:

«Разъяснение основных принципов Закона Республики Таджикистан «О государственной службе».

С 9 по 14 июня 2025 года в Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан был организован и проведён курс повышения квалификации для заместителей Председателей областей, городов и районов по экономике и финансам по программе «Государственная экономическая и финансовая политика в Республике Таджикистан и практика её реализации на местном уровне». Судья Конституционного суда Джамшедзода Дж.Н. на данном курсе 9 июня проводил занятие на тему: «Правовые основы государственной службы в Республике Таджикистан».

18 июня 2025 года по инициативе Государственного учреждения «Центр исламоведения при Президенте Республики Таджикистан» состоялась республиканская научно-практическая конференция на тему: «Закон о регулировании торжеств и обрядов фактор самосознания и национальной идентичности». В работе конференции принял участие судья Конституционного суда Джамшедзода Дж.Н., выступивший с докладом на тему: «Конституция и регулирование торжеств и обрядов в Республике Таджикистан».

24 июня 2025 года в городе Бангкок, Королевство Таиланд, в формате онлайн состоялось расширенное заседание Совета Ассоциации азиатских конституционных судов и эквивалентных институтов, в котором приняли участие судья Конституционного суда Кувватзода Ф.Дж. и начальник управления правового обеспечения деятельности судей аппарата Конституционного суда Нурляминзода Г.А.

25 июня 2025 года в зале Верховного Суда Республики Таджикистан состоялась научно-практическая конференция высокого уровня на тему: «Эмомали Рахмон – основоположник мира и единства и роль молодёжи в их сохранении на пути к достижению национальных идеалов».

В работе конференции принял участие судья Конституционного суда Кувватзода Ф. Дж., и выступил с докладом.

4 июля 2025 года по инициативе Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан, в связи с объявлением 2025–2030 годов «Годами цифровой экономики и инновационного развития», состоялся республиканский круглый стол на тему: «Защита прав человека в условиях цифровизации». В работе круглого стола принял участие и выступил судья Конституционного суда Джамшедзода Дж.Н.

16–17 июля 2025 года в городе Баку прошла Международная конференция на тему: «Современные тенденции обеспечения верховенства Конституции посредством осуществления конституционного правосудия», посвященная 30-летию принятия Конституции Азербайджанской Республики,

В работе этого мероприятия международного уровня приняли участие Председатель Конституционного суда А. Ашурзода и судья Конституционного суда Б. Идрисзода. Председатель Конституционного суда Абдулхафиз Ашурзода выступил с докладом на тему: «Конституционное правосудие – гарантия обеспечения верховенства Конституции Республики Таджикистан».

ТАЛАБОТ БА МАҚОЛАҲОЕ, КИ БАРОИ НАШР ДАР МАҶАЛЛАИ «АХБОРИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» ПЕШНИҲОД МЕШАВАНД

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);

4) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);

5) калидвожаҳо (панҷ-ҳафт калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

6) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд. Масалан, ҳамчуноне ки аз ҷониби М.А. Назарзода ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯйи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

1) таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);

2) паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад.

Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйироти вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ).

Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

ТРЕБОВАНИЯ, ПРЕДЪЯВЛЯЕМЫЕ К СТАТЬЯМ ДЛЯ ПУБЛИКАЦИИ В ЖУРНАЛЕ «ВЕСТНИК КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН»

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) название статьи на таджикском, русском и английском языках;

2) фамилия, имя и отчество автора статьи на таджикском, русском и английском языках;

3) контактные данные (номер мобильного телефона и адрес электронной почты автора);

4) аннотации на таджикском, русском и английском языках (до 500 знаков каждая, включая пробелы, точки и запятые);

5) ключевые слова (пять-семь основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на таджикском, русском и английском языках;

6) нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: как указано М.М. Назарзода, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

1) воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

2) распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих

прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных.

Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

REQUIREMENTS FOR ARTICLES FOR PUBLICATION IN THE JOURNAL «BULLETIN OF THE CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN»

The minimum submission size is four pages of text, typed in Word format.

Typesetting parameters: 14-point font, Times New Roman, 1.5-point spacing, margins: top and bottom – 2.5 cm each, left – 1.5 cm each, and right – 3.5 cm each.

The following documents are required with the article:

1) the title of the article in Tajik, Russian, and English;

2) the author's last name, first name, and patronymic in Tajik, Russian, and English;

3) contact information (mobile phone number and email address of the author);

4) Abstracts in Tajik, Russian, and English (up to 500 characters each, including spaces, periods, and commas);

5) Keyword lists (five to seven key words of the article, separated by commas, without explanations) in Tajik, Russian, and English;

6) References are numbered using Arabic numerals in the upper corner of the text, for example: as stated by M.M. Nazarzoda, "this effect manifests itself when..."1.

The list of references is listed alphabetically. Pages must be numbered. Articles are accepted in printed and electronic copies (signed by the author).

Articles are subject to mandatory review by members of the journal's Editorial Advisory Board in accordance with the profile of the submitted work and/or by scientists and specialists invited by the editorial board in accordance with the manuscript review procedure. A negative review constitutes grounds for rejection of the work (the author will be notified of this in writing). No fee is paid for the publication of articles. Graduate students have the right to publish articles free of

charge. Authors grant the editors the exclusive right to use the work in the following ways:

1) reproduce the article (right of reproduction);

2) distribute copies of the article by any means (right of distribution).

Submission of material received by the editors is an implied act, creating the corresponding rights and obligations. The author's consent to the publication of the material under the specified conditions, as well as to its placement in the electronic version of the journal, is presumed. The editors reserve the right to publish the journal's materials and articles in electronic legal systems and other electronic databases.

The author may notify the editors of their disagreement with such use of their material when submitting the article. In the event of a violation of these editorial requirements, the material may be returned to the author for revision. The author is obligated to notify the editors of the changes made (by email). If the author fails to comply with these requirements, the editors have the right to refuse publication of the submitted material with a reasoned explanation of the refusal.

ИТТИЛООТ ОИД БА МАҶАЛЛА:

Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади мусоидат ба инкишофи конститутсионализм, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол на кам аз чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Шакли дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Индекси обуна: 77818

Нархи солонаи обуна: 400 сомонӣ.

Реквизитҳои бонкӣ:

Ташкилоти дастраскунанда: Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бонк: Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

Суратҳисоб: 20204972111010100001.

С/муросилотӣ: 22402972000002.

БИК: 350101800.

РМА: 020009008.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 48.

Телефон: (+992 37) 221-61-96.

Веб-сомона: www.constcourt.tj.

Почтаи электронӣ: info@constcourt.tj.

ИНФОРМАЦИЯ О ЖУРНАЛЕ:

Научно-информационный журнал «Вестник Конституционного Суда Республики Таджикистан» издается не реже четырех раз в год в целях содействия развитию конституционализма, государственной системы правовой информации, разъяснения основных положений законодательства, а также предоставления правовых и информационно-аналитических материалов.

Журнал распространяется ограниченным тиражом.

Форма приобретения журнала – подписка.

Подписка на научно-информационный журнал «Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан» осуществляется через подразделения Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

Подписной индекс: 77818

Стоимость годовой подписки: 400 сомони.

Банковские реквизиты:

Организация-эмитент: Конституционный Суд Республики Таджикистан.

Банк: Главное казначейское управление Министерства финансов Республики Таджикистан, г. Душанбе.

Счет: 20204972111010100001.

Номер для корреспонденции: 22402972000002.

БИК: 350101800.

ИНН: 020009008.

Адрес: 734025, г. Душанбе, ул. Бохтар, 48.

Телефон: (+992 37) 221-61-96.

Сайт: www.constcourt.tj.

Электронная почта: info@constcourt.tj.

ABOUT THE JOURNAL:

The scientific and information journal «Bulletin of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan» is published at least four times a year to promote the development of constitutionalism and the state system of legal information, clarify key legislative provisions, and provide legal and informational and analytical materials.

The journal is distributed in a limited edition.

The journal can be purchased by subscription.

Subscriptions to the scientific and information journal «Bulletin of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan» are available through the Communications Service under the Government of the Republic of Tajikistan.

Subscription index: 77818

Annual subscription fee: 400 somoni.

Bank details:

Issuing organization: Constitutional Court of the Republic of Tajikistan.

Bank: Main Treasury Department of the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan, Dushanbe.

Account: 20204972111010100001.

Correspondence number: 22402972000002.

BIC: 350101800.

TIN: 020009008.

Address: 48 Bokhtar Street, Dushanbe, 734025.

Phone: (+992 37) 221-61-96.

Website: www.constcourt.tj.

E-mail: info@constcourt.tj.

Ба чоп __.03.2026 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 1/8. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 19,5.
Теъдоди нашр _00 нусха. Супориши №___.

ҶДММ “ЭР-граф”.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com